**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ:** 343.2+343.262+343.8+343.9

**ТКБ:** 67.99(2тоҷик)8+67.408+67.409+67.51

**Н** – 72

**НОДИРЗОДА НОЗИМҶОН МАНСУР**

# КОРҲОИ ИСЛОҲӢ ҲАМЧУН НАМУДИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ: МАСОИЛИ ИҶРО ВА АДОИ ОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**

**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**

**профессор ШАРИПОВ Т.Ш.**

**ДУШАНБЕ – 2024**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**.....................3-4

**МУҚАДДИМА**.........................................................................................5-18

**БОБИ 1. ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ҶАЗО ДАР НАМУДИ КОРҲОИ ИСЛОҲӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**...................19-83

1.1. Инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ...........................................................................19-46

1.2. Мафҳум ва моҳияти корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ.................47-61

1.3. Иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар давлатҳои пасошуравӣ....61-83

**БОБИ 2. ТАВСИФ ВА МУШКИЛОТИ ИҶРО ВА АДОИ ҶАЗО ДАР НАМУДИ КОРҲОИ ИСЛОҲӢ**..................................................................84-159

2.1. Тартиби иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ.................................84-105

**2.2.** Шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ................................105-128

2.3. Воситаҳои ислоҳшавии маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ адо менамоянд.........................................................................128-147

2.4. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ маҳкумгардида.......................................................................................147-160

**ХУЛОСА**...........................................................................................161-163

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.......................................................................................164-167

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..................................................168-186

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**.............................................................................................187-188

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КИҶҶ ҶТ** – Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҶ ҶТ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**ҶМШС Тоҷикистон** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ҶШСХТ** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Худмухтори Тоҷикистон

**КҶ ҶШС Ӯзбекистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон

**КҶ ҶШС Тоҷикистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КМҶ ҶШС Тоҷикистон** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**КИҶ Ҷумҳурии Қазоқистон** – Кодекси иҷроияи ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**КХА** – Комиссариати халқии адлия

**КХМ** – Комиссариати халқии меҳнат

**КХКД** – Комиссариати халқии корҳои дохилӣ

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**КИМ** – Кумитаи Иҷроияи Марказӣ

**КИМ ҶШФСР** – Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳури Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**КИМ ИҶШС** – Кумитаи Иҷроияи Марказии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**НКИ РИҶҶ СРИҶҶ ВА** – Нозироти корҳои ислоҳии раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия

**ШКХ ИҶШС** – Шурои Комиссариати Халқии Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**ШКХ ҶШФСР** – Шурои Комиссариати Халқии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**КМИУ** – Кумитаи Марказии Иттифоқии Умумирусиягӣ

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ТБМ** – Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ФР** – Федератсияи Россия

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

км. – километр

ғ. – ғайра

**с**. – сол

**с**. – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**қ.қ.** – қисмҳо

**б.** – банд

**б.б.** – бандҳо

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Новобаста аз дастовардҳои муайян дар самти сиёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ), то имруз дар он як қатор мушкилотҳо ҷой доранд. Аз ҷумла, ташкили низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, тарбия ва ислоҳ намудани маҳкумшудагон дар муассисаҳои ислоҳӣ, мутобиқгардонии иҷтимоии онҳо баъди озод шудан аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва ғ. ба такмил ниёз доранд[1]. Мубрамияти ин мушкилот ҳам бо таҳқиқоти назариявӣ ва ҳам бо амалияи ҳифзи ҳуқуқ тасдиқ карда мешавад.

Инсонпарварона гардонидани сиёсати ҷиноятӣ, эътироф ва амалишавии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар таҳияи ҷазоҳои ҷиноятии бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобастанабуда мусоидат намуданд. Аммо, аз нуқтаи назари амалӣ мушкилиҳои иҷро ва адои ҷазоҳои мазкур, аз ҷумла дар пайдо намудани объектҳое, ки дар он маҳкумшудагон бояд ҷазоро адо намоянд то ҳанӯз ба пуррагӣ ҳалли худро пайдо накардааст. Масалаҳои дигар вобаста ба шуғл, ташкили корҳои тарбиявӣ, истифодаи воситаҳои дигари ислоҳнамоӣ нисбат ба категорияи мазкури маҳкумшудагон низ мавҷуд мебошанд.

Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Тоҷикистон то соли 2030 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии кори муассисаҳо ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо, то сатҳи стандартҳои байналмилалӣ расонидани муносибат бо маҳкумшудагон ва ниёзҳои рушди иҷтимоӣ, васеъ намудани доираи татбиқи ҷазоҳоеро пешбини менамояд, ки бо маҳрум соҳтан аз озодӣ алоқаманд намебошанд[2].

---

[1] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.03.2024).

[2] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июня соли 2020, №385 дар бораи «Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Тоҷикистон то соли 2030» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https: //www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=136879&conttype (санаи муроҷиат: 11.03.2024).

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар ин самт мақомот ва муассисаҳое, ки ҷазои ҷиноятиро иҷро мекунанд нақши асосӣ дошта, ҳадафи онҳо таъмини риояи ҳуқуқ ва озодиҳои маҳкумшудагон, ислоҳшавӣ, пешгирии ҷиноятҳои нав мебошад. Бо қабули КҶ ҶТ дар соли 1998 низоми ҷазоҳо микдоран ва сифатан дигаргун гардид. Тамоми баҳсҳо оид ба хориҷ намудани корҳои ислоҳӣ аз КҶ ҶТ бармаҳал бaромаданд, зеро ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ бо баъзе тағйиротҳо дар низоми ҷазоҳои ҷинояти боқӣ монд. Корҳои ислоҳӣ дар м. 52 КҶ ҶТ пешбинӣ гардида, ба инсонпарварона гардонидани қонунгузории ҷиноятии ҶТ нигаронида шудааст. Ин намуди ҷазо – алтернативаи маҳрум сохтан аз озодӣ мебошад, ки тартиби иҷрои он дар боби 6 КИҶҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст .

Ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ, аз як тараф, ба такмили фаъолияти давлат дар соҳаи мубориза бо ҷиноятկорӣ мусоидат мекунад ва аз тарафи дигар, чунин ҷазо баъзе манфиатҳои иқтисодӣ низ медиҳад, иқтидори назарраси пешгирикунанда дорад, боиси кам шудани такрори ҷиноятҳо мегардад ва ба иҷтимоикунонии маҳкумшуда мусоидат мекунад. Корҳои ислоҳӣ ба принсипҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пурра ҷавобгӯ мебошад: фарқгузорӣ ва фардисозии иҷрои ҷазо, дар рафти адои ҷазо нисбат ба маҳкумшуда истифода намудани маҳдудиятҳои ҳуқуқии ҳадди ақал, ки барои расидан ба мақсадҳои ҷазо кофӣ мебошад.

Ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ аз ҷониби нозироти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда мешавад. Тибқи маълумоти оморӣ дар тӯли панҷ соли охир тамоюли афзоиши таъини ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ (нисбат ба дигар намудҳои ҷазо, ки ин мақомот анҷом медиҳад) ба назар мерасид. Ҳамин тавр, дар соли 2018 корҳои ислоҳӣ ба андозаи 6,3% маҳкумшудагон соли 2019 – 5,7%, дар соли 2020 – 6,8%, 2021 – 5,2%, 2022 – 5,2%, 2023 – 5,1% таъин карда шуда буданд[3]. Ин як қадами мусбати давлат дар татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ

[3] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.stat.tj/tafsiri-elektronii-nashriyaho-bojgoni-2 (санаи муроҷиат: 11.09.2024).

дар самти коҳиш додани таносуби ҷазоҳо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ мебошад.

Корҳои ислоҳӣ метавонад симои низоми муосири иҷрои ҷазоро дар ҶТ ба таври назаррас тағйир диҳад, барои босамар ноил шудан ба ба мақсади ислоҳӣ маҳкумшуда ва пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав мусоидат намоянд.

Ҳарчанд ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ навъи ҷазо, ки мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, солҳои дароз таҳқиқ мешавад, вале мутобиқ ба қонунгузории иҷрои ҷазоҳои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масоили иҷро ва адо кардани ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ то имрӯз ба таври маҷмуи омӯхта нашудааст. Таҳқиқот бо мақсади пурра намудани чунин норасоиҳо анҷом дода мешавад.

Масоили тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ барои илми ҳуқуқшиносӣ нав набуда, аммо омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои иҷро ва адои он тибқи қонунгузории ичрои ҷиноятии ҶТ то имрӯз мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми ҳуқуқшиносии ҶТ ба омӯзиши ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ислоҳӣ чанде аз олимони ватанӣ, ба монади А.А. Абдурашидов, У.А. Азиззода (У.А. Азизов), З.А. Камолов, Н.А. Қудратов, М.М. Муллоев, Ҳ.С. Салимов, Ф.Т. Тоҳиров, И.Р. Тулиев, Т.Ш. Шарипов ва дигарон[4] машғул гардидаанд ва паҳлуҳои гуногуни он аз тарафи онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

[4] Ниг.: Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – С. 190; Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследования: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 413 с.; Камолов З.А. Система наказаний по уголовному кодексу Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Иркутск, 2009. – 193 с.; Кудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть: учебно-методический комплекс. – Душанбе, 2012. – 342 с.; Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми умумӣ ва пешбурди то судӣ) / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2013. – 362 с.; Муллаев М.М. История уголовного права Таджикской ССР. – Сталинабад: Идв-во Таджик. гос. ун-та, 1960. – Ч. 1. – 159 с.; Салимов Ҳ.С. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 436 с.; Тоҳиров Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 1994. – 260 с.; Тулиев И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана (система, виды наказаний и их назначение): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2010. – 30 с.; Шарипов Т.Ш. Условное освобождение от отбывания наказания: проблемы теории, законодательства и практики (по материалам Республики Таджикистан): дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2008. – 563 с.; Шарипов Т.Ш. Асосҳои умумии таъини ҷазо / Т.Ш. Шарипов // Устувории низоми судии Тоҷикистон: проблема ва мулоҳиза. – Душанбе: Матбуот, 2002. – С. 128-140; Шарипов Т.Ш. Институт

Дар мавзуи корҳои ислоҳӣ олимони давлатҳои хориҷӣ В.Я. Богданов, И.А. Бушуев, Р.С. Данелян, А.В. Корнеева, П.Н. Красоткин, И.Г. Кидияков, А.М. Маликов, В.Н. Орлов, Л.А. Прохоров, Э.С. Рахмаев, Е.В. Рогова, Ю.И. Савелева, А.Н. Смирнов, С.В. Чубраков, О.П. Шибанкова ва дигарон[5] таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

Олимон доир ба паҳлуҳои мухталифи масъалаи корҳои ислоҳӣ асарҳо ва мақолаҳои бунёдӣ навиштаанд, ки саршори хулосаву нуктаҳои боарзиши илмианд. Мутахассион ҷазо дар намуди корҳои ислоҳиро ҳамчун чораи дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, чораи мубориза ба ҷинояткорӣ таҳлилу баррасӣ намудаанд. Фикру назарҳои муаллифони мухталиф, ки дар ин робита баён шудаанд, мутаассифона, ба таври мукаммал ва пурра тамоми ҷанбаҳои вобаста ба мавзуи баррасишавандаро инъикос наменамоянд. Баъзе аз масъалаҳои назариявию амалии вобаста ба корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ ба таҳқиқу омӯзиш ниёз доранд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи лоиҳаи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

---

условного неприменения наказания в уголовном праве: проблемы теории, законодательства и практики: монография. – Душанбе, 2006. – 176 с.; Шарипов Т.Ш., Камолов З.А., Раҳматҷонов Б.Н. Маҷмуаи санадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷазои қатл (1917-2005) / Зери таҳрири З.М. Ализода. – Душанбе: ДМТ, 2014. – 257 с.; Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқов Ш.Л. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. – Душанбе, 2018. – 224 с.

[5] Ниг.: Богданов В.Я. Исправительные работы как вид уголовного наказания: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1974. – 224 с.; Бушуев И.А. Исправительные работы. – М., 1968. – 200 с.; Данелян Р.С. Исправительные работы как вид уголовного наказания в теории и практике: дис. … канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2002. – 169 с.; Корнеева А.В. Исправительные работы без лишения свободы как вид уголовного наказания: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1986. – 230 с.; Красоткин П.Н. Применение мер воспитательного воздействия к осужденным, отбывающим наказания в виде обязательных работ и исправительных работ: дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2014. – 195 с.; Кыдыяков И.Г. Применение уголовного наказания в виде исправительных работ: дис. … канд. юрид. наук. – Чита, 2002. – 195 с.; Маликов А.М. Наказания в виде обязательных и исправительных работ (теоретические и практические проблемы): дис. … канд. юрид. наук. – Махачкала, 2011. – 185 с.; Орлов В.Н. Проблемы назначения и исполнения исправительных работ: дис. … канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2000. – 188 с.; Прохоров Л.А. Общие начала назначения наказания по советскому уголовному праву: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1972. – 189 с.; Рахмаев Э.С. Исправительные работы как вид уголовного наказания: дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2005. – 185 с.; Рогова Е.В. Исправительные работы и особенности их применения к несовершеннолетним: дис. … канд. юрид. наук. – Иркутск, 2004. – 218 с.; Савельева Ю.И. Исполнение исправительных работ: теория и практика: дис. … канд. юрид. наук. – Иркутск, 2005. – 224 с.; Смирнов А.Н. Уголовное наказание в виде исправительных работ: дис. … канд. юрид. наук. – Томск, 2007. – 196 с.; Чубраков С.В. Уголовное наказание в виде обязательных работ: перспективные вопросы теории и практики: дис. … канд. юрид. наук. – Томск, 2004. – 252 с.; Шибанкова О.П. Социально-правовые проблемы исполнения наказания в виде исправительных работ: дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2004. – 186 с.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар асоси таҳлили қонунгузорӣ, таҷрибаи судӣ, таҷрибаи иҷрои санадҳои судӣ, инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷазои корҳои ислоҳӣ, таҳқиқоти мушаххаси паҳлуҳои мухталифи корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ, танзими иҷрои ҷазои мазкур дар қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, дар ин замина барои такмили минбаъдаи ин намуди ҷазо хулосаҳо ва тавсияҳои илман асосноки назариявӣ ва амалӣ пешниҳод мешаванд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади зикршуда, иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошанд:

– таҳлили инкишофи қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ;

– муайян намудани мафҳум ва моҳияти корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ;

– баррасии таҳлили иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ;

– муайян намудани тартиб ва шартҳои иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ

– омӯзиши ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда;

– таҳлили воситаҳои мушаххаси ислоҳнамоии маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ адо менамоянд.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳад, ки ба омӯзиши корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ, алоқамананданд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, марҳилаҳои инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ, тартиб ва шартҳои иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳиро дарбар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар заминаи маводҳои солҳои 1917-2023 ба амал бароварда шудааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз соли 2017 оғоз гардида, то имрӯз идома ёфтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ ва тартиби ичрои он ташкил медиҳад. Асоси таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои ҳуқуқшиносону муаррихони шуравӣ ва пасошуравӣ, инчунин асарҳои илмӣ дар соҳаҳои фалсафа, назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ, таърихи ҳуқуқ дар Тоҷикистон, ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, криминология ва ғайра ташкил додааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Дар таҳқиқоти илмӣ усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, диалектикӣ ва материалистии таҳлил истифода шуданд.

Илова бар ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили таҳлили оморӣ ва сотсиологӣ истифода бурда шуд. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳқиқоти хусусӣ, мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ-таркибӣ ва ғайра мавриди истифода қарор дода шуда, тавассути он ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии мавзуи баррасишаванда ва қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба корҳои ислоҳӣ бо дигар давлатҳои пасошуравӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифт.

**Заминаи эмпирикӣ**. Дар раванди таҳқиқот омори иҷроиши корҳои ислоҳӣ барои солҳои 2018-2023 аз Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омори таъини корҳои ислоҳӣ аз Раёсати омори судии Суди Олии ҶТ барои солҳои 2018-2023 таҳлилу баррасӣ гардида, 100 парвандаи шахсии маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Натиҷаҳои иҷрои ҷазо дар намудаи корҳои ислоҳӣ, ки аз тариқи воситаҳои ахбори омма ва сомонаҳои интернетии мақомотҳои давлатӣ ба даст оварда шуд, мавриди омӯзиш қарор гирифт.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба иҷро ва адои корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Пешниҳод ва хулосаҳо барои такмил додани КҶ ҶТ ва КИҶҶ ҶТ равона гардида, мумкин аст барои самаранок гардонидани тартиби иҷро ва адои корҳои ислоҳӣ хизмат намояд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

**I. Пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Корҳои ислоҳӣ ҳамчун як намуди ҷазои ҷиноятӣ, дар таҷрибаи қонунгузории ватанӣ таърихи тӯлонӣ дошта, дар бештари ҳолатҳо ин намуди ҷазо ҳамчун алтернативаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ мегардид. Корҳои ислоҳӣ ҷазои ҷиноятие мебошад, ки комилан дастоварди қонунгузории ҷиноятии Шуравӣ мебошад, аввалин маротиба дар Дастури Комиссариати Халқии Адлия аз 19 декабри соли 1917 муқаррар гардида буд.

2. Ҳамчун заминаҳои ворид гардидани корҳои ислоҳӣ ба низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ бояд, чунин ҳолатҳоро қайд намуд: инсонпарварона гардонидани қонунгузории ҷиноятии ҶТ, ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҷиноятӣ; ҷорӣ намудани ҷазоҳои алтернативаи маҳрум сохтан аз озодӣ; зарурати васеъ намудани имкониятҳои судҳо вобаста ба таъин кардани ҷазоҳое, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд намебошанд. Тадбиқи корҳои ислоҳӣ на танҳо шумораи шахсони дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ нигоҳ дошташударо коҳиш медиҳад, балки манфиати иқтисодӣ дошта, инчунин барои мутобиқшавии иҷтимоӣ ва ислоҳшавии шахсоне, ки ҷазоро адо карда истодаанд, барои пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав низ мусоидат менамояд.

3. Моҳияти корҳои ислоҳӣ, ҳамчун ҷазое, ки бо ҷудо кардани маҳкумшуда аз ҷомеа алоқаманд нест, дар маҳдуд кардани ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва молумулкии маҳкумшуда тавассути нигоҳ доштани маблағи муайян ба

манфиати давлат, манъи аз кор озод шудан бо хоҳиши худ, маҳдуд кардани ҳуқуқи иваз кардани ҷои истиқомат, ҳуқуқи рухсатӣ ва пайдоиши доғи судӣ ифода мегардад.

4. Корҳои ислоҳӣ бо фаъолияти ҳатмии меҳнатии маҳкумшуда алоқаманд мебошад. Ба хусус маҷбурӣ будани меҳнат ҳангоми таъини ҷазои мазкур ба шахсоне, ки дар ҷойҳои дигаре, ки мақоми иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, ба кор ҷалб мешаванд, аён мегардад. Агар нисбати шахсони дигар меҳнат кардан, интихоби касбу кор ҳуқуқи онҳо бошад (м. 35 Конститутсияи ҶТ) пас нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ он ба ухдадорӣ табдил меёбад.

Меҳнати маҷбурии маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ аз санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки меҳнати маҷбуриро манъ менамоянд (м.м. 4, 23 Эъломияи ҳуқуқи башар, м. 8 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ ва ғайра) асос мегирад.

5. Хусусияти фарққунандаи нигоҳдошт аз музди меҳнат мутобиқи КИҶ Ҷумҳурии Қазоқистон дар он мебошад, ки маблағҳои нигоҳдошташуда на ба фоидаи давлат, балки ба фонди ҷуброни зарари ба ҷабрдида расонидашуда гузаронида мешаванд. Ба андешаи мо меъёри ба ин монанд, бояд ба КҶ ва КИҶҶ ҶТ вобаста ба иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ дохил карда шавад, чунки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят зарар на фақат, ба манфиатҳои давлат, балки ба манфиатҳои шахсони алоҳида ва ташкилотҳо расонида мешавад.

6. Ислоҳоти фаврии низоми амалисозии чораҳои алтернативии маҳрум сохтан аз озодӣ бо тадриҷан ба зиммаи мақомоти иҷрои ҷазо вогузор намудани вазифаҳои иловагии иҷтимоиро тақозо мекунад, масалан, расонидани кӯмаки иҷтимоӣ ба шахсони таҳти назорат қарор дошта, ки ин аломат хоси хадамоти пробатсионӣ мебошад. Бинобар ин, истифодаи таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон, Украина ва Қирғизистон оид ба ташкили хадамоти пробатсия ва ҷорӣ намудани он дар ҶТ мувофиқи мақсад аст.

**II. Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидаанд:**

7. Дар қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ ибораи «шахси ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда» зарур аст, ки бо калимаи «маҳкумшуда» иваз карда шавад.

Зеро агар гунаҳкор на ба ҷазои корҳои ислоҳӣ, балки масалан, ба ҷазои ҷарима маҳкум шуда, корҳои ислоҳӣ баъдан ба тарзи ивазнамоӣ дар асосӣ қ. 5 м. 49 КҶ ҶТ таъин шуда бошад, чунин шахс новобаста ба иваз шудани ҷарима ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда ба ҷазои ҷарима ба ҳисоб меравад, ки ин татбиқ намудани қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ-ро дар чунин ҳолатҳо мушкил месозад.

8. Мутобиқи қ. 1 м. 39 КИҶҶ ҶТ корҳои ислоҳӣ дар корхона ва ташкилотҳои дар ноҳияи истиқоматии маҳкумшуда ҷойгирбуда иҷро карда мешаванд. Аммо бояд қайд намуд, ки мафҳуми ноҳияи истиқоматии маҳкумшуда васеъ мебошад. Зеро баъзан маҳалли истиқоматии маҳкумшуда мумкин аст аз ноҳияи истоқоматии ӯ дар масофаи зиёда аз 50-60 км ҷойгир шуда бошад. Нисбати чунин маҳкумшудагон таъин намудани корҳои ислоҳӣ, масалан дар ҳудуди маркази ноҳия мумкин аст ба маҳкумшуда мушкилиҳоро пеш оварад. Бинобар ин ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар қ. 1 м. 39 КИҶҶ ҶТ ибораи «ноҳияи истиқоматӣ» бо «маҳалли истиқомат» иваз карда шавад.

9. КИҶҶ ҶТ муҳлати 10 рӯзаро барои аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ ҳал намудани масъалаҳои ташкиливу ҳуқуқии бо ҷалб намудани маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳиро муқаррар намудааст (қ. 2 м. 39 КИҶҶ ҶТ). Аммо чи тавре таҷриба нишон медиҳад муҳлати мазкур барои бо меҳнат таъмин намудани маҳкумшудагони ҷойи кори асосӣ надошта кофӣ намебошад.

Бинобар ин пешниҳод менамоем, ки қ. 2 м. 39 КИҶҶ ҶТ бо таҳрири зайл ифода карда шавад: «Ҳукмҳо дар мавриди корҳои ислоҳӣ дар муҳлати на дертар аз сӣ рӯз аз рӯзи ба нозироти корҳои ислоҳӣ расидани фармоиши дахлдори суд бо нусхаи ҳукм (таъинот, қарор) иҷро карда мешаванд».

10. Қисми 5 м. 40 КИҶҶ ҶТ бо таҳрири зер ифода карда шавад: «Дар мавриди тағйир ёфтани ҷои кор ё тағйир додани ҷои истиқомат маҳкумшуда уҳдадор аст пешакӣ дар давоми даҳ рӯз нозироти корҳои ислоҳиро огоҳ созад».

11. Ба қ. 2 м. 42 КИҶҶ ҶТ муқаррароти зерин илова карда шавад:

«Вазифа ва манъкуниҳои пешбининамудаи қисми 1 м.42 КИҶҶ ҶТ нисбати маҳкумшудагоне татбиқ кардан мумкин аст, ки аз се як ҳиссаи муҳлати ҷазои корҳои ислоҳиро адо карда бошанд. Дар ҳолатҳои вайрон намудани тартиб ва шартҳои иҷрои корҳои ислоҳӣ нозироти корҳои ислоҳӣ ҳуқуқ дорад, ки вазифа ва манъкуниҳоро пештар аз муҳлати зикршуда муқаррар созад».

12. Пешниҳод мешавад, ки м. 44 КИҶҶ ҶТ бояд тағйир дода шуда ба он иловаи зерин ворид карда шавад: «Маъмурияти ташкилоте, ки дар он маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ кор мекунад, вазифадор аст, ки қаблан ду ҳафта пештар нозироти корҳои ислоҳиро мавриди ба дигар вазифа гузаронидан, аз кор озод намудан огоҳ созад, маҳкумшударо ба нозирот барои додани ариза оид ба озод шудан аз кор равона созад».

13. Ба қ. 7 м. 45 КИҶҶ ҶТ бо мазмуни зайл ворид карда шавад: «Нозироти корҳои ислоҳӣ, маҳкумшуда ё маъмурияти ташкилоте, ки ӯ кор мекунад ҳуқуқ дорад ба суд оиди камкунии андозаи нигоҳдошт аз музди меҳнат ҳангоми вазнин шудани шароити моддии ӯ муроҷиат намоянд. Таъинот дар бораи камкунии андозаи нигоҳдошт бо назардошти ҳама даромадҳои маҳкумшуда бароварда мешавад».

14. Ба қ. 1 м. 46 КИҶҶ ҶТ муқаррароти зерин илова карда шавад:

«Барои рафтори шоиста ва муносибати софдилона ба меҳнат нисбат ба шахсони адокунандаи ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ нозироти корҳои ислоҳӣ метавонад муҳлат ва андозаи вазифаҳою манъкуниҳои дар м. 42 ҳамин Кодекс пешбинишударо кам ё бекор намояд, рухсатии пардохтшавандаи ҳарсоларо бо давомнокии 24 рӯзи тақвимӣ диҳад, инчунин ба суд оид ба кам намудани андози нигоҳдошт аз музди меҳнат пешниҳод фиристад».

15. Барои пешбурди корҳои тарбиявӣ шахсияти маҳкумшударо ҳамаҷониба омӯхтан, муайян намудани мақсад, талабот, арзишҳои ҳаётӣ ва ғайраро донистан лозим аст, ки аз ҳар як корманди нозироти корҳои ислоҳӣ

салоҳияти психологии касбии мувофиқро талаб мекунад. Аз ин рӯ, бо мақсади беҳтар кардани вазъи корҳои тарбиявӣ дар байни маҳкумшудагони таҳти назорат қарордошта, тавсия дода мешавад, ки дар назди нозирот воҳидҳои хизмати психологӣ таъсис дода шаванд.

16. Айни замон зарур аст, ки аз руйи тартиби қонунгузорӣ ба тариқи квотавӣ ҷойҳои корӣ барои маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ мустаҳакам карда шуда, доираи муайяни имтиёзҳо бо мақсади ҳавасмандгардонии корфармо барои ба кор қабул намудани категорияи мазкури маҳкумшудагон муқаррар карда шавад.

## III. Пешниҳодҳое, ки хусусияти амалӣ доранд:

17. Дар б. 70 Дастурамал оид ба тартиби иҷрои ҷазо, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад, ки бо Фармони вазири адлия ҶТ аз 23 декабри соли 2008, №126 тасдиқ шудааст, муқарар мегардад, ки баъди ба қайд гирифтан, маҳкумшуда ба нозирот барои гузаронидани суҳбат даъват карда шавад.

Ҳамзамон, муқаррароти меъёрии ин банд муҳлати даъват намуданро муайян намекунад. Мо чунин мешуморем, ки ин муҳлат бояд дар Дастурамал ба таври возеҳ танзим карда шавад, масалан, маҳкумшуда пас аз гирифтани даъватнома аз нозироти корҳои ислоҳӣ ба суҳбат даъват карда шуда ӯ бояд дар муддати 72 соат ҳозир шавад.

18. Тарзи амал намудани нозир ҳангоми ошкор шудани риоя нашудани дигар вазифаҳо аз ҷониби маъмурияти ҷойи кори маҳкумшуда дар Дастурамал ба танзим даровaрда нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки ба Дастурамал банди иловагӣ бо мазмуни зайл дохил карда шавад: «Дар ҳолатҳои аз ҷониби маъмурияти ҷойи кори маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ иҷро накардани дигар вазифаҳое, ки боиси имконнопазирии иҷрои корҳои ислоҳӣ дар ҳамин ташкилот мегардад, нозирот оид ба ин ба прокуратура дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдори гунаҳгор мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хабарнома ирсол менамояд».

Тартиби амали нозир ҳангоми ошкор шудани аз ҷониби маъмурияти ҷойи кори маҳкумшуда риоя нашудани дигар вазифаҳо дар Дастурамал муқаррар карда нашудааст. Дар робита бо ин, мо пешниҳод мекунем, ки ба Дастурамал банди иловагӣ бо мазмуни зерин ворид карда шавад: «Дар ҳолати аз ҷониби маъмурияти ҷои кори махкумкумшуда иҷро накардани уҳдадориҳои худ, ки ба номумкин сохтани иҷрои корҳои ислоҳӣ дар ҳамон ташкилот оварда мерасонад, нозирот дар ин бора хабарномаро ба прокуратура фиристода, барои ҷалби шахсони масъул ба ҷавобгарӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод менамояд».

19. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар мафҳуми корҳои тарбиявӣ, тарзу усулҳои анҷом додани он бо назардошти хусусиятҳои корҳои тарбиявӣ маҳз бо шахсони дар қайди нозироти корҳои ислоҳӣ буда, ба Дастурамал оид ба тартиби иҷрои ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ворид карда шавад. Мафҳуми корҳои тарбиявӣ нисбати маҳкумшудагони мазкур мумкин аст чунин муайян шавад: корҳои тарбиявӣ бо шахсони дар қайди нозироти корҳои ислоҳӣ буда, ин системаи таъсиррасонии асоснокӣ педагогии аз тарафи субъектони муносибатҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ амалӣ гарданда ба ҳисоб меравад, ки барои ташаккули сифатҳои ахлоҳӣ, ҳуқуқӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ ва дигар сифатҳо, ки барои ислоҳӣ маҳкумшуда мусоидат менамоянд, равона гардидааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аз натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо оид ба танзими қонунгузории ҷиноятӣ оид ба корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ иборат мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ гардад; дар амалия тартиби иҷрои корҳои ислоҳӣ дуруст танзим карда шавад; он дар фаъолияти қонунгузорӣ, судҳо ва дигар мақомотҳо, инчунин, мақомоти иҷро истифода гардад. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин, дар

курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Асосҳои таъини ҷазо» истифода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода гардидани усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, таҳлили ҳамаҷониба ва воқеъбинонаи қонунгузории ҶТ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи ҶТ эътирофнамуда, таҳлили адабиёти умумӣ ва махсуси илмию таълимӣ, диссертатсияҳо, мақолаву дастовардҳои дигари дар сатҳи илмӣ пазируфташуда ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқи баналхалқӣ дар соҳаи муносибат бо маҳкумшадагон асоснок мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар муқаррароте, ки навгониҳои илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, муқаррароти илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, мақолаҳои илмӣ, мақолаҳои дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ асоснок карда мешаванд, инъикос ёфтааст. Услуби навиштани асар ва баёни мушкилоти ҳалшаванда низ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳад. Илова бар ин, дар мақолаҳо ва маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод карда шуданд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти ҶТ ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба табъ расидаанд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла:

**ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Илм ва инноватсия баҳри иҷрои ҳадафҳои миллӣ» – маърӯза дар мавзуи «Корҳоиислоҳӣ мувофиқа бо стандартҳои байналхалқӣ, муносибат бо маҳкумшудагон ва модели қонунгузории давлатҳои аъзои иттиҳоди давлатҳои мустақил» (ш. Хуҷанд, 2019);

– Конференсияи дуввуми илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ва иқтисод» – маърӯза дар мавзуи «Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони ба ҷазо дар намуди корҳоиислоҳӣ маҳкумгардида»(ш. Душанбе, 31 майи соли 2021);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» – маърӯза дар мавзуи «Чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва саркаши намудан аз адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар давлатҳои пасошуравӣ» (ш. Душанбе, ДМТ, 1 ноябри соли 2023);

– Конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалогия ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: назария ва амалия» – маърӯза дар мавзуи «Шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ» (ш. Душанбе, ДМТ, 22 июни соли 2024).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои ватанӣ ба табъ расонида шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 188 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ҶАЗО ДАР НАМУДИ КОРҲОИ ИСЛОҲӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ

Корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ дар қонунгузории ҷиноятии ватанӣ нав набуда, он аз замони шуравӣ рушди давлати Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст. Мавриди зикр аст, ки фаҳмиши муосири корҳои ислоҳӣ ҳамчун як намуди ҷазои ҷиноятӣ маҳз дар давраи Шуравӣ ташаккул ёфт. Дар санадҳои меъёрӣ аз ҷумла Дектретҳо аввалан ин намуди ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун корҳои ҷамъиятӣ ва ё корҳои маҷбурӣ номгузорӣ шуда буд.

Дар адабиёти илмӣ вобаста ба замони пайдоиши корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ ақидаҳои гуногун ҷой доранд.

Гурӯҳи аввали олимон дар он андешаанд, ки корҳои ислоҳӣ ба таври ғайримуташаккил дар таҷрибаи судӣ ба вуҷуд омадааст. Масалан, А.А. Пионтковский пайдоиши корҳои маҷбурӣ бе маҳрум сохтан аз озодиро ба ҳуқуқэҷодкунии инқилобии судҳо вобаста медонад[6]. Г.А. Алексеев низ андеша дорад, ки корҳои ислоҳӣ дар солҳои аввали инқилоби Октябр ҳамчун натиҷаи ҳуқуқэҷодкунии оммавӣ пайдо шудааст[7].

Н.А. Стручков бошад пайдо шудани ҷазои корҳои ислоҳиро бо ташаббуси В.И. Ленин вобаста намуда чунин баён менамуд, ки «Вақте лоиҳаи Барномаи ҳизби коммунистии россиягии болшевикӣ (дар иҷлосияи VIII ҳизб аз соли 1919 қабул шудааст) омода мегашт, В.И. Ленин ба ҳама фаслҳои он тағйирот илова намуда, бар ивази маҳрум сохтан аз озодӣ ҳар ҷӣ бештар истифода намудани корҳои маҷбуриро пешниҳод намуд. Маҳз ҳамин пешниҳод боиси ба вуҷуд омадани ҷазои нав бо номи корҳои маҷбурӣ гардид»[8].

---

6 Ниг.: Пионтковский А.А. Уголовное право РСФСР. Общая часть: учеб. пособие. – М., 1924. – С. 90.
7 Ниг.: Алексеева Г.А. Проблемы совершенствования исправительных работ без лишения свободы: дис. ... канд. юрид. наук. – Свердловск, 1977. – С. 13.
8 Стручков Н.А. Уголовная ответственность и ее реализация в борьбе с преступностью. – Саратов: Изд-во Саратовского ун-та, 1978. – С. 202.

Дар адабиёти тахассусӣ андешаҳои дигар низ ҷой дорад: «Корҳои ислоҳӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ пас аз ташкили системаи судӣ дохил мегардад»[9]. Баъзе аз муаллифон баён медоранд, ки корҳои ислоҳӣ аз аввал дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳакам шуда буд.

Масалан, Д.И. Курский вобаста ба татбиқи меъёрҳои Кодекси ҷиноятии ҶШФСР 1922 сол дар самти сиёсати ҷазодиҳӣ зарурати пеш аз ҳама истифода шудани ин намуди ҷазоҳои махсусеро баён менамуд, ки дар ҳуқуқи буржуазӣ ҷой надошта, аз ҷониби ҳуқуқи шуравӣ пешниҳод шудаанд, ба монандӣ корҳои маҷбурӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ. Ин ҷазои нав дар ин соҳа буда, он мумкин аст бо чунин ҷазоҳои кухна ба мисли маҳрум сохтан аз озодӣ, ҷарима ва ғайра истифода шавад[10]. Мавқеи Д.И. Курскийро тарфдорӣ намуда, ба таври асоснок И.А. Бушуев бори аввал муқаррар шудани корҳои ислоҳиро дар Дастурамали комиссариати халқии адлия аз 19 декабари соли 1917 асоснок менамуд[11].

Гурӯҳи дигари олимон чунин зикр мекунанд, ки корҳои ислоҳӣ ин коркарди қонунгузории нави даврони шуравӣ ва ҳам натиҷаи ҳуқуқэҷоднамоии стихиявии омма ба ҳисоб меравад[12]. Масалан, В.А. Корнеева чунин ишора месозад, ки «дар солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ ҷараёни ягонаи фаъолияти қонунэҷодкунии давлати Шуравӣ ва ҳуқуқэҷодкунии оммаи халқ сурат мегирифт, ки яке аз натиҷаҳои он дар пайдоиши корҳои маҷбурӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ инъикос ёфтааст»[13].

Санади аввалини пешбиникунандаи ҷазои корҳои ислоҳӣ Дастури Комиссариати Халқии Адлия аз 19 декабри соли 1917 «Дар бораи трибунали инқилобӣ, ҳайати он, парвандаҳои тобеияти он, ҷазоҳои татбиқшаванда ва тартиби гузаронидани ҷаласаҳо»[14] ба ҳисоб меравад.

---

[9] Курс советского уголовного права. – М.: Наука, 1970. – Т. 3. – С. 89.
[10] Ниг.: Курский Д.И. Избранные статьи и речи. – М., 1948. – С. 83.
[11] Ниг.: Бушуев И.А. Исправительные работы. – М., 1968. – С. 4.
[12]Ниг.: Богданов В.Я. Исправительные работы как вид уголовного наказания: дис. …канд. юрид. наук. – М., 1974. – С. 17-22.
[13] Корнеева А.В. Исправительные работы без лишения свободы как вид уголовного наказания: дис. …канд. юрид. наук. – М., 1986. – С. 18.
[14] СУ РСФСР. – 1917. – №11. – С. 166. Инструкция Наркомюста РСФСР от 19.12.1917 «О Революционном Трибунале, его составе, делахъ, подлежащихъ его веденію, налагаемыхъ имъ наказаніяхъ и о порядке веденія его заседаній».

Дар ин санади таърихӣ аввалин кӯшиши таҳияи рӯйхати умумии ҷазоҳое, ки дар байни онҳо «корҳои ҳатмии ҷамъиятӣ» (ин номи корҳои ислоҳӣ буд) нишон дода шуда буданд. Ин санад шартҳои таъин намудани ҷазо ва тартиби адои онҳоро муайян накарда буд. Ҳамзамон, тавре ки омӯзиши маводҳои таърихии бойгонӣ нишон медиҳад, корҳои ислоҳӣ аз рӯзҳои аввали Инқилоби Октябр ҳамчун натиҷаи қонунэҷодкунии халқ пайдо гардид. Ҳамин тавр, пайдоиши институти корҳои ислоҳӣ аз як тараф натиҷаи фаъолияти амалияи судӣ ва тарафи дигар фаъолияти қонунгузории давлати Шуравӣ мебошад.

Дар лоиҳаи Декрет «Дар бораи татбиқи милликунонии бонкҳо ва чораҳои вобаста ба ин», ки дар нимаи якуми декабри соли 1917 қабул гардида буд, бо тавсияи В.И. Ленин ба тавре васеъ дар баробари маҳрум сохтан аз озодӣ ва мусодираи молу мулк истифода шудани ҷазои корҳои маҷбуриро ҳамчун чораи зарури инқилобӣ дар мубориза бо ҳалли масъалаҳои озуқаворӣ, гуруснагӣ, харобкориҳо пешниҳод менамуд[15].

Дар иловаҳо ба Декрет «Дар бораи пораҳӯрӣ» аз 8 майи соли 1918 тавсия мешуд, ки нисбат ба гунаҳкорон «корҳои мушкилтарин ва номатлубтарин ва корҳои маҷбурӣ...» таъин шавад[16].

Корҳои ислоҳӣ дар Декректи Шурои Комиссарони Халқӣ (ШКХ) аз 20 июли соли 1918, №3 «Дар бораи суд»[17] хусусияи дигар пайдо намуд. Дар м. 11-и он нисбати маҳкумшудагони ҷиноятро бо ҳолатҳои сабуккунанда содиркунанда ба сифати алтернативӣ ба муҳлати кӯтоҳ маҳрум сохтан аз озодӣ баромад менамуд: «Дар ҳолатҳои маҳрум сохтан аз озодӣ, вале ба муҳлати то 3 моҳ бар ивази он дар ҳар ҷойе, ки корҳои маҷбурии ҷамъиятӣ ташкил карда шудаанд, он бе дар ҳабс нигоҳ доштан таъин карда шавад». Чунин ҷазоро маҳкумшуда адо намуда истода бояд дар манзили худ

---

[15] Ниг.: Ленин В.И. Полное собрание сочитаний. Издание пятое. Издательство политической литературы. Москва, 1974. – Т. 35. – С. 206.
[16] Ниг.: Ленин В.И. Асари зикршуда. – С. 562.
[17] Сборник документов по истории уголовного законодательство СССР и РСФСР, 1917-1952 гг. / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – 464 с.

истиқомат менамуд. Дар ин давра корҳои маҷбурӣ аз ҷониби мақомоти милитсия иҷро карда мешуданд[18].

Дар қонунгузории ин давра корҳои маҷбурӣ на танҳо ҳамчун ҷазои асосӣ дар Декрети судӣ таҳти №3 пешбинӣ шудааст, балки ҳамчун ҷазои иловагӣ низ пешбинӣ гардида буд. Масалан, дар Декрети Кумитаи Марказии Иҷроияи Умумироссиягӣ ва Шурои Комиссарони Халқ «Дар бораи ба Комиссари халқии хӯрокворӣ пешниҳод намудани ваколатҳои фавқулодда дар мубориза бо буржазияи қишлоқҳо, ки захираҳои хӯрокаро пинҳон медоранд ва ҳаннотӣ менамоянд» қайд гардида буд, ки «шахсоне, ки захираҳои ғалладонаро барои нӯшокиҳои спиртӣ тайёр намудан исроф мекунанд, на танҳо душмани халқ эълон карда шаванд, ба ҳабс ва мусодираи молу мулк дучор карда шаванд, ҳамчунин ба корҳои маҷбурии ҷамъиятӣ маҳкум карда шаванд»[19].

Инчунин дар як қатор Декретҳо – «Дар бораи порахӯрӣ» аз 8 майи соли 1918[20], «Дар бораи мубориза бо ҳаннотӣ» аз 22 июли соли 1918[21] ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ дар якҷоягӣ бо корҳои маҷбурӣ пешбинӣ шуда буданд.

Соли 1919 В.И. Ленин самтҳои рушди низоми ҷазоро муайян намуда, дар он аз ҷумла, намудҳои зерини ҷазоҳоро ҷудо намуд: шартан маҳкум кардан, сарзаниши оммавӣ, иваз намудани маҳрум сохтан аз озодӣ бо корҳои маҷбурӣ, ҳабс дар хона, иваз намудани маҳбас бо муассисаҳои таълимӣ[22].

То соли 1919 муқаррароти марбут ба қонунҳои ҷиноятии Шуравӣ дар декретҳои алоҳидаи Ҳукумати Шуравӣ мавҷуд буданд ва ба низом дароварда намешуданд, ҷазоҳои аз ҷониби судҳо татбиқшаванда бениҳоят гуногун будаанд. То андозае ба низом даровардани ҷазоҳо танҳо аз 12 декабри соли 1919 қабул гардидани «Роҳбарикунандаи аввалин оид ба ҳуқуқи ҷиноятии

---

[18] Ниг.: О народном суде РСФСР: Декрет // СУ РСФСР. – 1918. – №53. – С. 889.
[19] Собрание узаконений и роспоряжений провительства за 1917-1918 гг. – Москва. –1942 –№35 – С. 468.; СУ РСФР. – 1918. – №35. – С. 468.
[20] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательство СССР и РСФСР, 1917-1952 гг. / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – С. 25.
[20] Ниг.: Герцензон А.А. Асари зикршуда. – С. 26.
[21] Ниг.: Герцензон А.А. Асари зикршуда. – С. 28.
[22] Ниг.: Ленин В.И. Полное собрание сочитаний. Издание пятое. Издательство политической литературы. – Москва, 1969. – Т. 38. – С. 408.

ҶШФСР» ба амал омада, қонунгузор дар байни намудҳои ҷазо (м. 25) корҳои маҷбурӣ бе маҳрум сохтан аз озодиро низ номбар менамуд[23]. Вале дар санади мазкур дар бораи мазмун ва моҳияти ҷазои корҳои маҷбурӣ, муҳлат ва тартиби таъин гаштани он муқарраароте ҷой надошт.

Хусусиятҳои алоҳидаи иҷрои ҷазои корҳои маҷбурӣ дар Декретҳои алоҳида муайян карда мешуданд. Масалан, «Декрет бораи авф» аз 1 майи соли 1920, муқаррар менамуд, ки маҳкумшудагон ба маҳрум сохтан аз озодӣ, ки ҷазои онҳо тавассути авф бо корҳои маҷбурӣ иваз карда шудааст, дар ҳолати доштани донишҳои махсус барои кор ба хоҷагиҳои халқии роҳи оҳан, ҳарбӣ, почта, телеграф ва ғайра барои адои ҷазо фиристода мешаванд[24].

Бо Декрети Шурои Комиссарони Халқӣ аз 21 марти соли 1921 «Дар бораи маҳрум сохтан аз озодӣ ва тартиби шартан пеш аз муҳлат озод кардани маҳкумшудагон аз адои ҷазо»[25] ба танзими корҳои маҷбурӣ тағйироти ҷиддӣ ворид карда шуд. Аввал, корҳои маҷбурӣ мушаххас ба намудҳо ҷудо карда шуд. Агар то ин вақт корҳои маҷбурӣ асосан ҳамчун кори ҷисмонии тахассусӣ иҷро мегардиданд, декрет муқаррар намуд, ки «дар ҳолатҳои ба ивази маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ намудани корҳои маҷбурӣ дар ҳукм бояд яке аз ду намуди ин ҷазо муайян карда шавад: корҳои маҷбурии ҷамъиятӣ ё корҳои маҷбурӣ аз рӯйи ихтисос», яъне корҳои маҷбурӣ ба ду намуд тақсим карда шуданд. Ғайр аз ин дар Декрети мазкур бори аввал ҳадди аксари ҷазои корҳои маҷбурӣ муқаррар карда шуд, ки он то 5 солро ташкил медод[26].

Хусусияти умумии ҳар ду намуди корҳои маҷбурӣ ҳатмӣ, маҷбурӣ будани меҳнат ба ҳисоб мерафт. Ба меҳнат таъмин намудани маҳкумшудагон ба ваколати мақомоти иҷрокунандаи ин намуди ҷазо дохил мегашт. Фарқияти ин ду намуди ҷазо дар он буд, ки намуди дуюми корҳои маҷбурӣ вобаста ба ихтисос ва тахассуси маҳкумшуда таъин мегардид, ки ин минбаъда барои дар сатҳи қонунгузорӣ ба таври мушаххас ҷудо гардидани

[23] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательство СССР и РСФСР, 1917-1952 гг. / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – С. 60.
[24] Ниг.: СУ РСФСР. – 1920. – №34. – С. 163.
[25] Герцензон А.А. Асари зикршуда. – С. 90-91.
[26] Ниг.: Герцензон А.А. Асари зикршуда. – С. 90-91.

корҳои ислоҳӣ ба намудҳо (дар ҷойи кор ё дар дигар ҷойҳои муайянкунандаи мақомоти иҷрокунандаи ҷазо) мусоидат намуд.

Санадҳои қайдгардида танҳо ҷазо дар намудаи корҳои маҷбурӣ ё маҷбурии ҷамъиятиро бе нигоҳ доштан дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ менамуданд. Вале муҳлати корҳои маҷбурӣ, тартиби таъин ва иҷрои он дар сатҳи қонунгузорӣ пурра муқаррар нашуда буд.

КҶ ҶШСФР аз соли 1922[27], номгуйи пурраи ҷазоҳоро муқаррар менамуд, ки дар қатори онҳо дар б «в» м. 32 КҶ корҳои маҷбурӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ низ номбар мешуд.

КҶ ҶШСФР корҳои маҷбурӣ бе нигоҳ доштан дар ҳабсро ба ду намуд ҷудо менамуд: 1) кор аз рӯйи ихтисос; 2) кори ғайритахассусии меҳнати ҷисмонӣ (м. 35 КҶ ҶШФСР). Ҳангоми таъин гаштани намуди аввали корҳои маҷбурӣ маҳкумшуда аз рӯйи ихтисос фаъолияти меҳнатиашро идома медод, аммо музди меҳнати ӯ кам карда шуда, ба корҳои иловагӣ дар объектҳои дигар ё маҳалли дигар ҷалб карда мешуд.

То қабули КҶ ҶШФСР соли 1922 ҷазо дар намуди корҳои маҷбурӣ хусусияти молу мулкӣ надошт. Маҳз кодекси мазкур бори аввал ҳуқуқмаҳдудкунии моддиро нисбати чунин маҳкумшудагон, яъне паст намудани андозаи музди меҳнат, инчунин ҳуқуқмаҳдудкунии дигарро – дар намуди изофакорӣ, гузаронидан ба дигар муассиса, корхона ва ё ба маҳаллӣ дигар ворид намуд ( б «а» м. 35 КҶ ҶШФСР).

Инчунин, дар ин модда (м. 35) муқаррар гардида буд, ки суд уҳдадор аст дар ҳукм муайян намояд, ки маҳкумшуда ба кадом намуди кори маҷбурӣ ва ба кадом муҳлат маҳкум мегардад.

Муҳлати ҷазои корҳои маҷбурӣ низ мушаххасан муайян шуда буд, ки он ба муҳлати аз ҳафт рӯз то як сол таъин карда мешуд (м. 35).

И.А. Бушуев баён менамуд, ки дар ин кодекс фарқгузорӣ кардани корҳои ислоҳӣ ба намудҳо, яъне: 1) дар ҷойи кори маҳкумшуда ва 2) дар ҷойҳои дигар дар сатҳи қонунгузорӣ амалӣ шудааст[28]. Вале бояд қайд намуд, ки

[27] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательство СССР и РСФСР, 1917-1952 гг. / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – С. 116.
[28] Ниг.: Бушуев И.А. Исправительные работы. – М., 1968. – С. 32.

корҳои маҷбурӣ аз рӯйи ихтисос дар КҶ ҶШФСР соли 1922 муқаррар шуда бо корҳои islоҳии дар айни замон мавҷудбуда дар ҷойи кор шабеҳ нестанд, зеро он гузаронидан ба корхонаю муассисаи дигарро дар назар дошта буд.

Меъёрҳои танзимкунандаи ҷазои корҳои маҷбурӣ дар Кодекси ҷиноятии соли 1922 дорои баъзе норасоиҳо буданд. Чунки қонунгузор асосан ба танзими корҳои маҷбурӣ нисбати шахсони ихтисоси дахлдор дошта диққат медод, ҳол он ки аксарияти маҳкумшудагон тахассуси дахлдор надошта бештар ба корҳои ҷисмонии ғайритахассусӣ ҷалб карда мешуданд.

Дувум, тавре ки дар санади Комисариати халқии адлия №155, аз 28 декабри соли 1922 қайд гардида буд[29], «дар шароити бекорӣ, ки дар он солҳо ҷой дошт, ҳукмҳо ба корҳои маҷбурӣ аз рӯйи ихтисоси худ аксар вақт воқеан озод намудани маҳкумшуда аз ҳама гуна ҷазо буданд ва ҳатто маҳкумшударо дар муқоиса бо дигар бекорон дар шароити беҳтар қарор медоданд, зеро мақомоти Комиссариати халқии меҳнатӣ шахсонеро, ки ба ӯ корҳои маҷбурӣ таъин мегардид, бояд дар навбати аввал бо кор таъмин менамуд. Илова бар ин, ба сабаби зиёд будани сатҳи бекорӣ, мақомоти Комиссариати халқии меҳнат, дар аксари ҳолатҳо имкони таъмини кор аз руи ихтисосро надошт, ки ин дар бештари ҳолатҳо сабаби ягон корро адо накардани маҳкумшудагон мегардид[30]. Аз 170 моддаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии соли 1922, 65 модда, яъне зиёда аз се як ҳиссаи санксияҳои он корҳои маҷбуриро ҳамчун намуди ҷазо пешбинӣ менамуданд[31].

Бо Қарори КХМ (Комиссариати халқии меҳнат) ва Комиссариати халқии корҳои дохилӣ (КХКД) «Дар бораи корҳои маҷбурӣ бе дар ҳабс нигоҳ доштан» аз 20 феврали соли 1923 ба мазмуни корҳои маҷбурӣ тағйирот ворид карда шуда, мутобиқи он нисбати маҳкумшудагон ба корҳои маҷбурӣ маҳудудият дар намуди ҳатман паст кардани дараҷаи тарифии маҳкумшуда бекор мегардад[32].

---

[29] Ниг.: Еженедельник советской юстиции. – 1922 – №16-17.
[30] Ниг.: Мальцев О. О принудительных работах по специальности / О. Мальцев // Пролетарский суд. – 1925. – №4-5. – С. 25.
[31] Ниг.: Бушуев И.А. Исправительные работы. – М., 1968. – С. 6.
[32] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР (1917-1952 гг.). – С. 157.

Инчунин категорияи мазкури маҳкумшудагон дар масъалаи гирифтани музди меҳнат бо дигар коргарон ва хизматчиён баробар гардонида мешаванд.

Шахсоне, ки ба корҳои маҷбурӣ маҳкум гардида буданд, минбаъд бояд ба корҳои дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё дигар корхонаҳо дар назди маҳбусхонаҳо ташкилгардида фиристода мешуданд ва танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ бо дархости маъмурияти ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ дар корҳои аз тарафи биржаҳои меҳнат таъсис додашаванда ба кор ҷалб карда мешуданд.

Ҷазои мазкур бинобар сабаби ғайриимкон будани иҷрои воқеии он аз ҷониби судҳо кам таъин мегардид. Масалан, агар соли 1922 фоизи татбиқи корҳои маҷбурӣ аз шумораи умумии ҳукмҳо 38%-ро ташкил медод, пас дар соли 1923 он ба 24,2%, 1924 – 13,8% кам гардид[33].

Икишофи минбаъдаи худро ҷазои корҳои ислоҳӣ дар Кодекси ислоҳӣ-меҳнатии ҶШФСР пайдо менамояд, ки он аз 16 октябри соли 1924 қабул гардида буд[34]. Мутобиқи кодекси мазкур иҷрои ҷазо дар намуди корҳои маҷбурӣ аз тарафи Бюрои корҳои маҷбурӣ анҷом дода мешуд. Бо ин мақсад барои ташкили корҳои маҷбурӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ берун аз доираи марказҳои вилоятӣ, инчунин шуъбаҳои бюрои корҳои маҷбурӣ, ки тибқи дастури бюрои зикршуда амал менамуданд, таъсис дода мешуданд. Бюрои корҳои маҷбурӣ ва шуъбаҳои он ҷазоро нисбати маҳкумшудагоне иҷро менамоянд, ки ба корҳои маҷбурӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ маҳкум шудаанд ё нисбати шахсоне, ки барои онҳо ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ бо ҷазои корҳои маҷбурӣ иваз карда шудааст (м. 26 Кодекси ислоҳӣ-меҳнатии ҶШФСР).

Дар асосӣ м. 25 Кодекси ислоҳӣ-меҳнатии ҶШФСР ба зиммаи бюро ва шуъбаҳои он вазифаҳои зерин вогузор мешуд: ба қайд гузоштанаи маҳкумшудагон ба корҳои маҷбурӣ; ба кор таъмин намудани онҳо; бурдани назорат аз болои чунин маҳкумшудагон; пешниҳод намудани маҳкумшуда

---

[33] Ниг.: Утевский Б.С. Советская исправительно-трудовая политика. – М., 1934. – С. 99.
[34] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР (1917-1952 гг.). – С. 199-206.

барои нисбати ӯ татбиқ шудани шартан озоднамоӣ аз адои ҷазо; ба ихтиёри бюрои маҳалли истиқомат ё шуъбаҳои он гузаронидани маҳкумшуда ба корҳои ҳатмӣ ва анҷом додани дархостҳои дигар.

Дар м. 32 Кодекси мазкур аввалин бор нишондод дар бораи аз музди меҳнати шахсони корҳои маҷбуриро адокунанда нигоҳ доштани маблағ ба андози 25% мақаррар мегашт.

Кодекси ислоҳӣ-меҳнатии ҶШФСР тартиби иҷрои ҷазои мазкурро ба танзим даровarда пешбинӣ менамуд, ки шахсони ба корҳои маҷбурӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда барои мутобиқи назардиди бюро ва шуъбаҳои он барои кор ба корхонаҳои ҷойҳои махрум сохтан аз озодӣ ва мақомотҳои он фиристода мешаванд.

Дар ҳолатҳои имконнопазир будани истифодаи меҳнати маҳкумшудагон ба корҳои маҷбурӣ дар корхонаҳои идораи худ бюро ё шуъбаҳои он онҳоро барои кор ба дигар муассиса ва корхонаҳо дар мувофиқа бо Комиссариати халқии меҳнат ва мақомоти маҳаллии он мефиристанд.

Кодекс инчунин маҳкумшудагонро уҳдадор менамуд, ки бе иҷозати бюро ё шуъбаҳои иҷрокунандаи корҳои маҷбурӣ маҳалли истиқомат ё ҷойи кори худро тағйир диҳанд (м. 36). Маъмурияти корхона ё муассисае, ки дар маҳкумшуда ҷазои мазкурро адо менамуд, ҳуқуқи ба кори дигар ҷалб намудани онҳоро берун аз доираи он корҳое, ки бюро ё шуъба муайян менамуд, надоштанд.

Асосҳои ибтидоии қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ, ки аз 31 октябри соли 1924 қабул гардид, корҳои маҷбуриро ба сифати ҷазо пешбинӣ намуда, ба муҳлати таъин гаштани он тағйирот ворид намуд[35].

Чунончӣ м. 13 Асосҳои ибтидоӣ, чораҳои ҳифзи иҷтимоии хусусияти судӣ-тиббӣ доштаро муқаррар намуда, дар номгӯйи он корҳои маҷбурӣ бе махрум сохтан аз озодиро номбар мекард.

[35] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР (1917-1952 гг.). – С. 199-206.

Дар м. 19 Асосҳои ибтидоӣ муайян мегардид, ки корҳои маҷбурӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на зиёда аз як сол таъин мешаванд. Хусусият ва ташкили корҳои маҷбурӣ, инчунин иваз гаштани он бо маҳрум сохтан аз озодиро қонунгузор ба ихтиёрӣ ҷумҳуриҳои иттифоқ вогузор менамуд.

Инкишофи минбаъдаи худро корҳои ислоҳӣ бо қабул гардидани КҶ ҶШС Ӯзбекистон аз 16 июни соли 1926 пайдо намуд[36]. Бояд зикр намуд, ки дар ин давра тамоми санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии аз ҷониби КИМ ва ШКХ ИҶШС ё ҶШС Ӯзбекистон қабул гардида, аз рӯзи нашри худ дар ҳудуди дар ҳудуди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Худмухтори Тоҷикистон бевосита амал менамуданд[37].

Дар КҶ ҶШС Ӯзбекистон(1926)[38] қонунгузор ба мисли Асосҳои ибтидоии соли 1924 ба ҷойи калимаи «ҷазо» ибораи «чораҳои ҳифзи иҷтимоии хусусияти судӣ-ислоҳнамоӣ дошта»-ро истифода мебурд. Дар номгӯйи чораҳои ҳифзи иҷтимоии хусусияти судӣ-ислоҳнамоӣ дошта қонунгузор корҳои маҷбурӣ бе маҳрум сохтан аз озодиро номбар менамуд (б. «г» м. 26).

Дар КҶ ҶШС Ӯзбекистон муқаррар гардида буд, ки меҳнати маҷбурӣ ба муҳлати аз як рӯз то як сол таъин мешаванд (м. 35). Дар КҶ ҶШС Ӯзбекистон(1926) ба намудҳо ҷудо шудани корҳои маҷбурӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар намешуд. Инчунин Кодекс маҳдудиятро дар намуди нигоҳ доштани маблағи муайян аз музди меҳнати маҳкумшуда пешбинӣ намекард.

Вале қонунгузор муқаррар менамуд, ки корҳои маҷбурӣ танҳо ба сифати чораи мустақил таъин мешавад.

Муҳлати нигоҳ доштан дар ҳабси пешакӣ ба муҳлати корҳои маҷбурӣ аз ҳисоби се рӯзи корҳои маҷбурӣ баробар ба як рӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳисоб гирифта мешуд.

---

[36] Ниг.: Собрание кодексов Узбекской ССР. – Самарканд, 1928. – С. 69-125.
[37] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 264.
[38] Ниг.: Собрание кодексов Узбекской ССР. – Самарканд, 1928. – С. 69-125.

Ғайр аз ин қонунгузор имконияти шартан татбиқ накардани корҳои маҷбуриро низ пешбинӣ менамуд. Мутобиқи қ. 2 м. 34 агар ҳангоми баровардани ҳукм нисбати шахси ба корҳои маҷбурӣ... маҳкумшуда суд эътироф намояд, ки дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии маҳкумшуда... татбиқи корҳои маҷбуриро талаб намесозад, суд ҳуқуқ дорад дар мавриди ба иҷро нарасонидани ҳукм дар қисмати корҳои маҷбурӣ қарор қабул намояд... .

Баъдан бо қарори КИМ Шуроҳои ҶШС Ӯзбекистон аз 1 декабри соли 1928 ба КҶ ҶШС Ӯзбекистон м. $35^1$ илова гардид[39], ки мутобиқи он ба шахсони дар хизмати доимӣ дар қисмҳои Артиши Сурхи Коргару Деҳқон қарордоштаи ҳайати қаторӣ ва ҳайати хурди фармондеҳии хизмати даъватӣ, ки ҳам дар замони осоишта ва ҳам дар замони ҷанг ба корҳои маҷбурӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, чораи мазкур бо маҳрум сохтан аз озодӣ баробар ба муҳлати аз шаш як қисми муҳлати корҳои маҷбурии таъингардида иваз карда мешавад.

Тартиби иҷро ва адои корҳои маҷбурӣ ҳамоно тавассути Кодекси ислоҳӣ-меҳнатии ҶШСФР(соли 1924) ва санадҳои алоҳида ба танзим дароварда мешуданд.

Комитети инқилобии Тоҷикистон 9 январи соли 1926 дар бораи дар қаламрави ҶМШС Тоҷикистон ҷорӣ кардани Кодекси ислоҳи меҳнатии ҶШФСР қарор қабул намуд.

Лекин дар ин масъала чи тавре профессор Ф.Т.Тоҳиров баён медорад, «аҷойиботе ҷой дошт. Чунки, ки моҳи декабри соли 1925 дар ҶШС Ӯзбекистон Кодекси ислоҳи меҳнатӣ қабул карда шуд, ки дар он пурра (ғайр аз тағйиротҳои ҷузъӣ) матни Кодекси ислоҳи меҳнатии ҶШФСР сабт ёфта буд. Зимнан Кодекси мазкур дар қаламрави ҶШС Ӯзбекистон ва ҶМШС Тоҷикистон ҳанӯз соли 1925 ҷорӣ шуда буд. Аммо танҳо 30 июли соли 1928 КИМ ва ШКХ Тоҷикистон қарори дар боло номбаршудаи Комитети инқилобии ҶМШС Тоҷикистонро бекор карда, дар қаламравии ҷумҳурӣ мувофиқи қарори КИМ ҶШС Ӯзбекистон Кодекси ислоҳи меҳнатии ҶШС

---

[39] Ниг.: СУ Узбекской ССР. – 1928. – №49. – С. 320.

Ӯзбекистонро раво донистанд»[40], яъне то 30 июли соли 1928 тартиби иҷро ва адои ҷазоҳо дар фаъолияти мақомоти дахлдори иҷрои ҷазои Тоҷикистони мухтор дар асоси Кодекси islоҳи меҳнатии ҶШФСР ва танҳо баъд дар асоси Кодекси ислоҳи меҳнатии ҶШС Ӯзбекистон амалӣ мешуд.

6 сентябри соли 1926 қарори Кумитаи иҷроияи марказии умумирусиягӣ ва Шурои комиссарони халқии ҶШФСР «Дар бораи ташкили меҳнати маҷбурӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ»[41] қабул гардид, ки он тартиби адои ин ҷазоро тағйир дод. Барои шахсоне, ки ҳамчун кироя кор мекунанд, меҳнати маҷбурӣ дар ҷойи иҷрои корашон таъин карда мешуд. Барои маҳкумшудагон бо роҳнамоии шуъбаи меҳнати маҷбурӣ ба корхонаҳои назди маъмурияти ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ фиристода мешуданд. Бо ин фармон нигоҳдории ҳатмӣ аз музди меҳнати ашхосе, ки коргари кироя набуданд, муқаррар карда шуд. Музди меҳнати онҳо аз 25% то 75%-и музди меҳнати кормандони дахлдор муқаррар карда шуд.

Тағйироти куллӣ дар истифодаи корҳои маҷбурӣ дар мавриди қабули қарори Кумитаи иҷроияи марказии умумирусиягӣ ва Шурои Комиссарони халқии ҶШФСР аз 26 марти 1928 «Дар бораи сиёсати ҷазодиҳӣ ва вазъи ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ»[42] ба вуҷуд омад. Ин Қарор ба моҳият ва хусусиятҳои корҳои маҷбурӣ тағйирот ворид намуда тарзи беподош адо намудани он; хусусияти фоиданокии хоҷагӣ доштани корҳои иҷрошаванда; дар фарқият аз корҳои ҷамъиятии барои бекорон ташкил карда шаванда ба чораи воқеии ҷазо табдил додани корҳои маҷбуриро муқаррар менамуд[43].

Масаъалаи асоснок будани беподошии татбиқи корҳои маҷбурӣ дар адабиёти илмӣ боиси ба вуҷуд омадани баҳсҳо гардид. Баъзе олимон тарафдори ҷорӣ намудани корҳои маҷбурии ройгон баромад карданд[44]. Онҳо қайд менамуданд, ки дар вазъи иқтисодии он давра мавҷудбуда, пардохти музди меҳнат барои корҳои маҷбурӣ таъсири тарбиявии онҳоро коҳиш дода,

---

[40] Тоҳиров Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 1994. – С. 239.

[41] СУ РСФСР. – 1926. – №60. – С. 462.

[42] Сборник документов по истории уголовного законодательство СССР и РСФСР, 1917-1952 гг. / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – С. 302-304.

[43] Ниг.: Герцензон А.А. Асари зикршуда. – С. 304.

[44] Ниг.: Ширвиндт Е.Г. Закон о принудительных работах без содержания под стражей / Е.Г. Ширвиндт // Рабочий суд. – 1928. – №14. – С. 1045-1046; Васильев А. Принудительные работы / А. Васильев // Еженедельник советской юстиция. – 1928. – №13. – С. 563.

аҳаммияти онҳоро ҳамчун чораи пешгирии умумӣ заиф менамуд. Аҳаммиятнокии ташкили корҳои ҳатмии ройгон дар деҳаҳо таъкид мегардид[45].

Муаллифони дигар қайд менамуданд, ки роҳ додан ба корҳои маҷбурӣ беподош ба принсипҳои қонунгузории ҷиноятии Шуравӣ мухолиф буд[46]. Ба андешаи мо азбаски корҳои маҷбурӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ эътироф мешуд, бинобар ин бемузд иҷро намудани он ба принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ мухолиф набуд. Ғайр аз ин ҷазои мазкур бемузд нисбати шахсони манбаи дигари даромад надошта таъин карда намешуд.

Бо мақсади амалӣ намудани талаботи Қарор аз 26 марти соли 1928 тибқи Қарори КИМУ ва ШКХ ҶШФСР аз 21 майи соли 1928[47] ба боби IV Кодекси ислоҳӣ-меҳнатӣ ҶШФСР тағйирот ворид карда мешавад.

Қарори мазкур се намуди корҳои маҷбурро фарқ менамуд: 1) корҳои маҷбурии кӯтоҳмуддат дар маҳалли истиқомати маҳкумшуда ба муҳлати то шаш моҳ; 2) корҳои маҷбурӣ дар ҷойи истиқомати маҳкумшуда ба муҳлати зиёда аз шаш моҳ ва 3) корҳои маҷбурӣ берун аз маҳалли истиқомати маҳкумшуда ба ҳамин муҳлат.

Корҳои маҷбурӣ ба муҳлати зиёда аз 6 моҳ метавонад дар ҷойи истиқомати шахс ва берун аз он адо гардад. Шахсони ҷойи кор дошта дар ҷойи кори худ ҷазо дар намудани кори маҷбуриро адо мекарданд. Барои шахсоне, ки коргари кироя буданд, пардохт на зиёдтар аз ҳадди ақали давлатие, ки барои ин минтақа муқаррар шудааст, иҷозат дода шудааст. Маҳкумшудагоне, ки берун аз ҷойи кори худ бо корҳои ислоҳӣ маҳкум шуда буданд, бояд беподош кор мекарданд. Пардохт танҳо дар ҳолатҳое иҷозат дода мешуд, ки маҳкумшуда василаи дигари рӯзгузаронӣ надошт. Дар ин робита, розӣ шудан бо андешаҳое, ки мутобиқи он беподош адо намудани

---

[45] Ниг.: Бот Б. Принудительные работы в условиях деревни / Б. Бот // Пролетарский суд. – 1926. – №4. – С. 12.

[46] Ниг.: Зиверт В.А. Об оплате труда осужденных к принудительным работм / В.А. Зиверт // Право и жизнь. – 1927. – №5. – С. 76-77; Мокринский С. Принудительные работы без содержания без стражей / С. Мокринский // Проблемы преступности. Сборник. – 1927. – Вып. 2. – С. 214.

[47] Ниг.: СУ РСФСР. – 1928. – №7. – С. 426.

ҷазои мазкур дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар нашуда буд[48], асоснок намебошад.

Дар ин давраҳо муқаррар шудани беподош адо намудани корҳои маҷбурӣ бо сабаби зиёд будани объектҳои корӣ аҳамияти калон дошт. Маҳкумшудагон дар ин маврид барои кор дар объектҳои гуногун, масалан барои сохтмони объектҳои ҷамъиятӣ, корҳои ободонии шаҳру деҳот, сохтани роҳҳо ва ғайра ҷалб карда мешуданд. Ҳамзамон, таъсири пешгирикунандаи умумӣ ва махсуси ин ҷазо низ афзоиш меёфт[49].

1 августи соли 1933 бо Қарори КИМУ ва ШКХ Кодекси ислоҳи меҳнатии ҶШФСР[50] қабул ва мавриди амал қарор дода шуд.

19 июни соли 1934 бошад, Кодекси ислоҳи меҳнатии ҶШС Ӯзбекистон[51] қабул гардид. Корҳои маҷбурӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ мутобиқи қонунгузориҳои мазкур ҳамчун «корҳои ислоҳи меҳнатӣ» номгузорӣ мешуд.

Мутобиқи м.9 Кодекси ислоҳи меҳнатии ҶШС Ӯзбекистон корҳои ислоҳи меҳнатӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ ҳангоми таъин шудани он ба муҳлати то шаш моҳ нисбат ба шахсоне, ки кори доимӣ доштанд, чун қоида, дар ҷойи корашон ва агар ба ҷазои мазкур ба муҳлати зиёда аз шаш моҳ маҳкум шуда бошанд, инчунин мумкин буд дар объектҳои ҷойи кории аз тарафи мақомоти иҷрокунандаи ҷазо муайяншаванда адо гардад.

Корҳои ислоҳи меҳнатӣ аз тарафи колхозчиёне, ки ба муҳлати то 6 моҳ маҳкум шудаанд дар колхозҳои худ, ба муҳлати аз 6 моҳ ва зиёда аз он маҳкумшуда дар корҳои берун аз колхоз мутобиқи назари мақомоти корҳои ислоҳи меҳнатӣ адо карда мешуданд.

Шахсони дар лаҳзаи баровардани ҳукм ҷойи кори доимӣ надошта барои адои ҷазои корҳои ислоҳи меҳнатӣ ба корҳое, ки аз ҷониби мақомоти ислоҳи меҳнатӣ ташкил мешуд, фиристода мешуданд.

---
[48] Ниг.: Бушуев И.А. Исправительные работы. – Москва: Юрид. лит., 1968. – С. 18.
[49] Ниг.: Корнеева А.В. Исправительные работы без лишения свободы как вид уголовного наказания: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1986. – С. 25.
[50] Ниг.: СУ РСФСР. – 1933. – №48. – С. 208.
[51] Ниг.: Узбекская ССР. Законы, постановления и т.п. Исправительно-трудовой кодекс УзССР. – Ташкент, СНК УзССР, 1934. – 579 с.

Ҳамин тавр, қонунгузории ислоҳи меҳнатии ҶШС Ӯзбекистон ду тарзи адои ҷазои корҳои ислоҳи меҳнатиро фарқ мекард: дар ҷойи кори доимӣ ва берун аз он.

Дар ҷойҳои дигар таъйин гаштани корҳои ислоҳи меҳнатӣ вобаста ба муҳлати ҷазои таъйиншуда маҳдуд карда шуда, он дар маҳали истиқомат ё на бештар аз даҳ километр аз он дар ҳолати на бештар аз як моҳ; дар ҳудуди ноҳия ҳангоми бештар аз як моҳ ва то шаш моҳ маҳкумшудан; дар ҳудуди ҶШС Узбекистон дар мавриди ба муҳлати бештар аз шаш моҳ маҳкумшудан ба корҳои маҷбурӣ адо карда мешуд (м. 15).

Кодекси ислоҳи меҳнатии ҶШС Ӯзбекистон як ҳолати дигари адои корҳои ислоҳи меҳнатиро муқаррар менамуд, ки ҳангоми он ҷазои мазкур бо маҳрум сохтан аз озодӣ қариб, ки баробар мегардид. Чунончӣ м. 16 Кодекс муайян менамуд, ки меҳнаткашоне, ки ба онҳо корҳои ислоҳи меҳнатӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ таъин шудааст, мумкин аст барои кор ба колонияҳои хоҷагии қишлоқ равона карда шаванд.

Дар ҳолати истиқомат кардан дар колония онҳо ба қоидаҳои тартиботи дохилаи он тобеъ буданд. Танҳо ҳангоми ҷой доштани имконияти хоҷагӣ онҳо дар биноҳои алоҳида ҷудо аз шахсони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда нигоҳ дошта мешуданд (қ. 2 м. 16).

Кодекси мазкур тартиби аз музди меҳнати шахсони маҳкумшуда нигоҳ доштани маблағро муқаррар менамуд, ки он набояд аз 25% зиёд бошад (м. 20).

Қонунгузории Шуравӣ унсури дигари ҷазоро дар мазмуни корҳои ислоҳӣ ҷорӣ намуд, ки мувофиқан ба он вақти адои корҳои ислоҳӣ ба собиқаи умумии кор, ба собиқаи корӣ барои муайян намудани тахассус, инчунин ба собиқаи корие, ки мутобиқи қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба гирифтани нафақа ва дигар имтиёзҳо ва афзалиятҳо (кумакпулиҳо, мукофотпулиҳо ва ғайра) ба инобат гирифта намешуд. Маҳдудияти мазкур бо роҳи даровnapди тағйирот ба м.19 Асосҳои ибтидоии

қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз 28 майи соли 1935 ворид карда шуд[52].

Дар баробари ин, ба унсурии тарбиявии корҳои ислоҳӣ аҳаммияти зарурӣ дода намешуд. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад ҳангоми таъини ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ҳам дар ҷойи кор ва ҳам бо супориши мақомоти масъул, корҳои тарбиявӣ ва касбӣ-техникӣ аз ҷониби ташкилотҳои иттифоқи касаба дар сатҳи зарурӣ ташкил карда намешуданд ва аксар вақт чунин ҳукмҳо ба ҷарима, ки бо қисмҳо тақсим карда мешуданд монанд буданд[53].

9 майи 1935 бо Қарори Президиуми КМИ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон КҶ ҶШС Тоҷикистон қабул гардида, она аз 15 июни ҳамин сол эътибори қонунӣ пайдо менамояд[54]. Бо эътибори қонунӣ пайдо намудани кодекси мазкур дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон амали КҶ ҶШС Ӯзбекистон бекор мегардад.

Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон(1935) қонунгузор дар номгӯйи ҷазоҳо корҳои бо меҳнат ислоҳкунӣ бе маҳрум кардан аз озодиро муқаррар менамуд (б. «г» м. 18).

Ҷазои мазкур танҳо ба сифати ҷазои асосӣ таъин мешуд (қ. 1 м. 21 КҶ).

Муҳлати корҳои бо меҳнат ислоҳкунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз як рӯз то як сол муайян гардида буд (м. 28).

Кодекс инчунин тартиби ба муҳлати ҷазои корҳои бо меҳнат ислоҳкунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ ба ҳисоб гирифтани муҳлати дар ҳабси пешакӣ нигоҳ доштани маҳкумшударо муайян менамуд, ки мутобиқи қ. 3 м. 27 КҶ ҶШС Тоҷикистон се рӯзи корҳои ислоҳкунӣ бо меҳнат баробар ба як рӯзи маҳрум кардан аз озодӣ дониста мешуд.

Ҷазои мазкур мутобиқи эзоҳи м. 28 КҶ ҶШС Тоҷикистон нисбати хизматчиёни ҳарбии ҳайати фармондеҳии хизматӣ бе муҳлати кадрии олӣ,

---

52 Ниг.: Собрание законов и распоряжений Рабоче-крестьянского правительства СССР за 1935 г. Отдел первый / Упр. делами Совета Народных Комиссаров СССР и Совета Труда и Обороны. – М.: Б. и., 1947. – С. 235.

53 Ниг.: Булатов С.Я. Исправительно-трудовая политика РСФСР / С.Я. Булатов // Советская юстиция. – 1934. – №2. – С. 18.

54 Уголовный кодекс Таджикской Советской Социалистической Республики. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1935. – 134 с.

калон, миёна ва хурди Артиши сурхи коргару деҳқон, инчунин хизматчиёни ҳарбии ҳайати фармондеҳӣ, хурд ва кадрии хизмати муҳлатноки Артиши сурхи коргару деҳқон, ҷазои корҳои бо меҳнат ислоҳкунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ татбиқ карда намешавад.

Нисбати хизматчиёни ҳарбии мазкур ба ҷойи корҳои бо меҳнат ислоҳкунӣ ба муддати то ду моҳ ҳабс татбиқ карда шуда, он аз рӯйи тартиби ҳабси интизомии барои хизматчиёни ҳарбӣ муқараршуда, адо карда мегашт.

Татбиқ намудани меҳнати маҳкумшудагон, ки ба корҳои бо меҳнат ислоҳкунӣ маҳкум шудаанд, дар корҳое, ки бо истеҳсол кардан, тайёр намудан, нигоҳ доштан, бор кардан, холи кардани молҳое (молҳои хом, нимфабрикатҳо ва ғизоҳои сохташудаи тайёр), ки тамоман ё қисман барои содирот таъин шадаанд, имконият дода намешавад.

Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон андозаи фоизи аз музди меҳнати маҳкумшуда татбиқи ҷазои мазкур нигоҳ дошта шаванда муайян нашуда буд.

Муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ нисбати маҳкумшудагон ба ҷазои корҳои бо меҳнат ислоҳкунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ се сол пас аз адои ҷазо муайян шуда буд (м. 49 КҶ ҶШС Тоҷикистон).

Минбаъд қабул гардидани Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз 25 декабри соли 1958 ба танзими қонунгузории корҳои ислоҳӣ таккони ҷиддӣ дод.

Пеш аз ҳама, Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ номгузории ҷазои мазкурро аз «корҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ» ба «корҳои ислоҳӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ» иваз намуд.

Асосҳо нисбат ба қонунгузории қаблӣ ба танзими корҳои ислоҳӣ як қатор тағйирот ворид намуд: 1) адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ танҳо дар маҳалли зисти маҳкумшуда амалӣ мегардид, ки ин барои баланд бардоштани самаранокӣ, таъсири тарбиявии ин ҷазо аҳаммияти калон дошт; 2) муҳлати ҷазои мазкур то як сол муайян шуда, тартиби адои он дар ҷойи кори маҳкумшуда ё дигар ҷойҳо, аз ҷониби мақомоти иҷрокунандаи корҳои ислоҳӣ, вале дар ноҳияи истиқомати маҳкумшуда муайян мегардид.(м. 25 Асосҳо); 3) андозаи ҳадди аксари маблағи нигоҳдошт аз музди меҳнати шахси

ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда аз 25% то 20%; 4) муҳлати барҳам хурдани доғи судӣ аз се сол то як сол кам гардид; 5) имконияти татбиқ гаштани институти шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудан нисбати корҳои ислоҳӣ муқаррар шуд (м. 44 Асосҳо).

Инкишофи минбаъдаи ҷазои корҳои ислоҳӣ бо қабул гардидани КҶ ҶШС Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961[55] ба амал омад. Бояд зикр намуд, ки кодекси мазкур ба муқарраротҳои умумии Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ (соли 1958) асос меёфт.

КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 дар қатори хелҳои ҷазо дар банди 4) корҳои ислоҳкунӣ бе маҳрум кардан аз озодиро мустаҳкам менамуд, ки он пас аз ҷазоҳои маҳрум кардан аз озодӣ, бадарға ба ҷои муайян ва бадарға аз ҷои муайян ҷойгир шуда буд (м. 21 КҶ ҶШС Тоҷикистон).

Мутобиқи м. 26 КҶ ҶШС Тоҷикистон корҳои ислоҳӣ бе маҳрумӣ аз озодӣ ба муддати аз як моҳ то як сол таъин карда мешавад ва муҳлати ин корҳо мувофиқи ҳукми суд ё дар ҷойи кори шахси маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигари ноҳияи истиқомати шахси маҳкумшуда, ки инро мақомоти ташкилкунанда ва анҷомдиҳандаи корҳои ислоҳкунӣ муайян мекунанд, адо карда мешавд.

Аз музди кори шахсе, ки бе маҳрум кардан аз озодӣ ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудааст, ба андозаи дар ҳукми суд муқарраршудае, ки аз панҷ то бист фоизи музди кор мебошад, ба фоидаи давлат нигоҳ дошта мешавад.

Кодекси ҷиноятии ҶСС Тоҷикистон соли 1961, дар моддаи 26 Кодекси мазкур, ки ба корҳои ислоҳӣ бе маҳрумӣ аз озодӣ бахшида шуда буд, дар муқоиса бо асосҳои қонунгузории ҷиноӣ маҳдудияти иловагии ҳуқуқиро дар бар мегирифт, яъне ба ҳисоб нагирифтани вақти адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ба собиқаи кории маҳкумшуда.

Ба собиқи умумии корӣ дохил намудани давраи адо кардани корҳои ислоҳкунии бе маҳрумӣ аз озодӣ мумкин буд танҳо пас аз адои ҷазо бо илтимоси ташкилоти ҷамъиятӣ ё колективӣ меҳнатӣ бо шарти софдилона кор

---

[55] Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961. – Душанбе, 1961. – 138 с.

кардан ва рафтори ибратбахш доштани шахси маҳкумшуда имконпазир шуморида мешуд.

Мутобиқи қ. 3 м. 26 КҶ ҶШС Тоҷикистон корҳои ислоҳӣ бе маҳрумӣ аз озодӣ нисбати шахсони қобилияти меҳнатӣ надошта таъин карда намешавад. Суд нисбати чунин шахсон, инчунин шахсоне, ки баъд аз баровардани ҳукм қобилияти меҳнатии худро гум кардаанд, ба ивази корҳои ислоҳӣ ҷарима ё танбеҳи ҷамъиятӣ таъин менамуд, ё онҳоро аз ҷазо озод мекард.

Қонунгузор дар Кодекси ҷиноятии ҶСС Тоҷикистон соли 1961, инчунин оқибатҳои саркашӣ аз ин намуди ҷазоро низ муайян менамуд (қ. 5 м. 26).

Аввалан барои иваз намудани ҷазо ҳангоми саркашӣ аз корҳои ислоҳӣ ба ном «низоми ду марҳилагӣ» таъсис дода шуд. Агар маҳкумшуда аз адои корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кор саркашӣ намояд, суд метавонист ин ҷазоро бо корҳои ислоҳӣ ва роҳхати мақомоти масъули назоратии иҷрои ҷазо иваз намояд. Дар сурати саркашии умумӣ аз корҳои ислоҳӣ, суд ҳуқуқ дошт онҳоро бо маҳрум сохтан аз озодӣ дар асоси як рӯзи ҳабс барои се рӯзи корҳои ислоҳӣ бе маҳрумӣ аз озодӣ иваз кунад.

Ин тағйиротҳо раванди татбиқи корҳои ислоҳиро бениҳоят душвор намуда ба самаранокии ин ҷазо мусоидат намекарданд. Он шахсоне, ки аз адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кор саркашӣ менамуданд, аксар вақт дар дигар ҷойҳо низ саркашӣ мекарданд.

Аз ин рӯ, тартиби мавҷуда асоси ба як зинаи изофӣ дар роҳи фиристодани ин шахсон ба ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ коҳиш дода шуд. Ҳолати иваз намудани корҳои ислоҳӣ бо маҳрум намудан аз озодӣ низ муваффақ набуд. Он ба баробарнамоии вазнинии ҷазоҳо оварда мерасонд, аммо ба назар гирифта намешуд, ки тағйир додани ҷазо дар робита бо ҳуқуқвайронкунии нави маҳкумшуда, яъне саркашӣ аз адои корҳои ислоҳӣ, ки суд ба ӯ таъин кардааст, сурат гирифтааст.

Ғайр аз ин чунин муқаррарот вазъи шахси маҳкумшударо бад нагардонида, баръакс муҳлати воқеии адои ҷазоро се маротиба кам менамуд[56].

Муқаррароти м. 26 КҶ ҶШС Тоҷикистон(соли 1961) тартиби иваз намудани корҳои ислоҳӣ ҳангоми саркашӣ намудан аз иҷрои ин ҷазо аз ҷониби як қатор муаллифон танқид гардид[57] ва дар соли 1969 аз ҷониби қонунгузор тағйир дода шуд. Чунончи бо Қонуни ИҶШС «Дар бораи даровардани илова ва тағйиротҳо ба Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» аз 11 июли соли 1969 ба м. 25 Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ тағйироти зерин ворид карда шуд: «Дар мавриди барқасд саркашӣ намудан аз адои ҷазо аз тарафи шахсе, ки ба корҳои ислоҳӣ бе маҳрумӣ аз озодӣ маҳкум шудааст, суд метавонад, муҳлати боқимондаи корҳои ислоҳкуниро бо махрум сохтан аз озодӣ ба худи ҳамин мухлат иваз намояд»[58].

Чунин тағйирот минбаъд мувофиқи Укази Президиуми Совети Олии ҶШС Тоҷикистон аз 15 декабри соли 1969 ба қ. 5 м. 26 КҶ ҶШС Тоҷикистон низ ворид карда мешавад[59].

Масъалаҳои иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ дар Асосҳои қонунгузории ислоҳи меҳнати ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки аз 11 июли соли 1969 қабул шуда буд, муқаррар мегашт[60].

Дар Асосҳои қонунгузории ислоҳӣ тартиби иҷро ва адои корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кори маҳкумшуда ё дар дигар ҷойҳои аз тарафи мақомоти иҷрокунандаи ин намуди ҷазо муайяншаванда, вале дар маҳалли истоқомати маҳкумшуда ба танзим дароварда мешуд.

Дар баробари ин қонунгузор бори аввал ба хусусияти меҳнати маҳкумшудагон ишора намуд, яъне муқаррар шуд, ки корҳои ислоҳӣ дар

---

[56] Ниг.: Тимершин Х.А. Исправительные работы: история и современность: учеб. пособие. – Уфа, 1990. – С. 57.

[57] Ниг.: Крахмальник А.Г. Некторые вопросы правового регулирования исправительных работ без лишения свободы / А.Г. Крахмальник // Советское государстово и право. – 1965. – №2. – С. 137; Михлин А. Об эффективности исправительных работ как меры уголовного наказания / А. Михлин // Социалистическая законность. – 1966. – №1. – С. 43.

[58] Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР (1953-1991 гг.). – Казань, 1992. – С. 100.

[59] Ниг.: Ведемостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон. – 1960. – №3 (812).

[60] Ниг.: Ведомости Верховного Совета СССР. – 1969.– №28. – С. 247.

маҳали истиқомати маҳкумшуда бо назардошти қобилияти меҳнатӣ ё аз рӯйи имконият аз рӯйи тахассус адо карда шавад (м. 42 Асосҳо).

Навоварии қонунгузории Асосҳо, инчунин дар он ифода мегардид, ки дар он муҳлати адои корҳои ислоҳӣ муқаррар мегардид. Қаблан дар Кодекси ислоҳи меҳнатии ҶШФСР(1924, 1933), Кодекси ислоҳи меҳнатии ҶШС Ӯзбекистон(1927, 1934) ин масъала ба танзим дароварда нашуда буд. Муҳлати адои корҳои ислоҳӣ мутобиқи қ. 3 м. 42 Асосҳо бо моҳҳо ва рӯзҳо ҳисоб карда мешуд, ки дар ҷараёни онҳо маҳкумшуда кор кардааст ва аз музди меҳнати ӯ фоизи муайян нигоҳ дошта шудааст.

Асосҳои қонунгузории ислоҳи меҳнати ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба муҳлати иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ диққати махсус дода, ба ин муҳлат дохил намудаи вақтеро, ки маҳкумшуда бо сабабҳои узрнок кор накарда, мутобиқи қонун музди меҳнат гирифтааст, пешбинӣ месохт.

Вақти беморӣ, вақти барои нигоҳубинӣ бемор ҷудошуда, инчунин вақти дар рухсатӣ вобаста ба ҳомиладорӣ ва таваллуд ҷудошуда ба муҳлати ҷазо ба ҳисоб гирифта мешуд.

Аввалин бор қонунгузор уҳдадории коллективи корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилоти ҷойи кори маҳкумшударо ҷиҳати бурдани назорат аз болои рафтори маҳкумшуда ва гузаронидани корҳои тарбиявӣ-сиёсӣ бо онҳоро муқаррар менамуд.

Мутобиқи қ. 2 м. 44 Асосҳо ба маҳкумшудагон холӣ шудан аз кор бо хоҳиши худ бе иҷозати мақомоти иҷрокунандаи ин намуди ҷазо иҷозат дода намешавад.

Асосҳо муқаррар менамуд, ки вақти адои корҳои ислоҳӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ ба собиқаи умумӣ ва бефосилаи меҳнатии маҳкумшуда намедарояд ва дар ин бора ба дафтарчаи меҳнатии ӯ қайд карда мешавад (қ. 3 м. 44 Асосҳо).

Ҳангоми муносибати софдилона ба меҳнат ва рафтори намунавӣ дар давраи адои корҳои ислоҳӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ вақти мазкур мумкин аст ба собиқаи умумии меҳнатии шахси ҷазоро адонамуда дар асоси қарори

суд бо тартиби бо қонунгузориҳои ҷумҳуриҳои иттифоқ муайяншуда ба ҳисоб гирифта шавад.

26 июни 1970 Кодекси ислоҳии меҳнатии ҶШС Тоҷикистон қабул гардида, он аз 1 январи соли 1971 ба амал ҷорӣ карда шуд[61]. Кодекси ислоҳии меҳнатии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1971 муқарраротҳои умумии Асосҳои қонунгузории ислоҳии меҳнатии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ- ро ба роҳбарӣ гирифта, дар меъёрҳои алоҳида тартиб ва шартҳои иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳиро ба танзим даровард.

Кодекси ислоҳии меҳнатии ҶШС Тоҷикистон дар м. 94 муайян менамуд, ки корҳои ислоҳии бе маҳрумӣ аз озодӣ мувофиқи ҳукми суд дар ҷойи кори шахси маҳкумшуда ё худ дар дигар ҷойҳо, ки мақомотҳои иҷрокунандаи ин намуди ҷазо таъин мекунанд, лекин дар ноҳияи истиқомати маҳкум, қобилияти меҳнатӣ ва ба қадри имкон ихтисоси шахси маҳкумро ба назар гирифта, адо кунонида мешаванд.

Дар қ. 2 м. 95 муқаррар мешуд, ки корҳои ислоҳии бе маҳрумӣ аз озодӣ дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ адо карда мешаванд.

Дар мавриди адои корҳои ислоҳӣ дар дигар ҷойҳо Кодекс муайян менамуд, ки корҳои ислоҳии бе маҳрумӣ аз озодӣ дар дигар ҷойҳо дар доираи маҳалли аҳолинишине, ки маҳкум он ҷо зиндагӣ мекунад ё худ дар маҳалле, ки барои ҳар руз аз он ҷо ба ҷойи истиқоматии доимиаш гашта омадан имконият дорад, адо карда мешавад (қ. 3 м. 95).

Ба муҳлати адои ҷазои корҳои ислоҳӣ аз тарафи колхозчиёни маҳкумшуда Кодекси ислоҳии меҳнатӣ, инчунин вақте ки дар он колхозчиён бо кор таъмин карда шудааанду дар айни ҳол микдори умумии рӯзҳои коркардагиашон агар аз ҳадди солонаи дар хоҷагӣ барои колхозчиён ё худ аз андозаи доир ба давраҳои алоҳидаи сол муқарраркардашуда кам набошад, дохил менамояд (қ. 3 м. 96).

Дар м.99 Кодекси ислоҳии меҳнатии ҶШС Тоҷикистон тартиби доштани маблағ аз музди меҳнати шахсони ба корҳои ислоҳии бе маҳрумӣ аз озодӣ

[61] Кодекси ислоҳи меҳнатии РСС Тоҷикистон. – Душанбе, 1971. – 154 с.

маҳкумшуда муқаррар гардид. Чунин маблағҳо аз тамоми ҳаҷми музди кор пеш аз дошта гирифтани андозҳо ва дигар хел пардохтҳо, инчунин қатъи назар аз мавҷудияти даъвоҳо ба шахси маҳкум аз рӯйи иҷроварақаҳо дошта мешавад.

Дар вақти аз музди кори колхозчиёни маҳкум доштан ба ҳисоби ин музди кор чӣ даромади пулӣ ва чӣ даромади натуравии онҳо дохил карда мешавад. Қисми натуравии даромад, ки аз маҳкумон дошта мешавад, дар ихтиёри колхоз мемонад ва арзиши он аз рӯйи нархҳои харидкунии давлатӣ гузаронида мешавад.

Аз қисми натуравии музди кор ба қадри дохилшавии он қисми музди кор ва дар вақти аз рӯйи ҷамъбасти натиҷаҳои соли хоҷагӣ ҳисобу китоби қатъӣ кардан дошта мешавад.

Дар аввали солҳои 80-ум қонунгузор ба самаранокии ҷазоҳое, ки ба маҳрум намудан аз озодӣ алоқаманд нестанд, диққати ҷиддӣ медод.

Чунончӣ дар ин давра Указу Президиуми Совети Олии ИҶШС аз 26 июли соли 1982 «Дар бораи такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ ва ислоҳоти меҳнатӣ» қабул гардида[62], муҳлати корҳои ислоҳӣ то ду сол муқаррар карда мешавад. Вобаста ба Указу мазкур ба м. 25 Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз соли 1958 тағйироти зерин ворид карда шуд: «дар мавриди аз адои ҷазо саркашӣ кардани шахсе, ки ба корҳои ислоҳкунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ дар ҷойи кор маҳкум шудааст, суд бо пешниҳоди мақомоти корҳои дохилӣ ё бо илтимоси ташкилоти ҷамъиятӣ ё коллективи меҳнатӣ метавонад ин шахсро барои адои ҷазо ба дигар ҷой, ки мақомоти ба татбиқи корҳои ислоҳкунӣ машғулбуда муайян мекунанд, вале ба наздикии маҳали истиқомати маҳкум фиристонад». Минбаъд бо Указу Президиуми Совети Олии ҶШС Тоҷикистон аз 30 декабри соли 1982[63] чунин тағйиротҳо ба м. 26 КҶ ҶШС Тоҷикистон ворид карда шуданд.

---

[62] Ниг.: Ведемости Верховного Совета СССР. – 1982. – №30. – С. 572.
[63] Ниг.: Ведемостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон. – 1982 – №3 (812).

Аз ҷумла, муҳлати корҳоиислоҳкунӣ дар м. 26 КҶ ҶШС Тоҷикистон аз як сол то ду сол зиёд гардонида шуд.

Ғайр аз ин агар қонунгузории қаблӣ (қ. 3 м. 26 КҶ ҶШС Тоҷикистон 1961) имконияти иваз намудани ҷазо барои шахсони ғайри қобили меҳнатро бо ҷарима ё танбеҳи ҷамъиятӣ пешбинӣ мекард, пас таҳрири нави қ. 3 м. 26 Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961 ин меъёрро мушаххас намуда, на танҳо имкони иваз намудани корҳои ислоҳиро бо ҷарима пешбинӣ намуд, балки маҳакҳои чунин ивазнамоӣ, инчунин андозаи ҳадди аксар ҷаримаро барои ҷиноятҳои ғаразнок пешбинӣ менамуд. Суд метавонист шахсонеро, ки ғайри қобили меҳнат дониста шудаанд, корҳои ислоҳиро бо ҷарима – аз ҳисоби бист суми ҷарима ба як моҳи корҳои ислоҳӣ, барои ҷиноятҳое, ки мақсади ғаразнок надоранд аз ҳамон ҳисоб, вале ба маблағи на зиёдтар аз сесад сум ё вазифадор намудани пур кардани ҷойи зарари расонидашуда ё бо танбеҳи ҷамъиятӣ иваз намояд. Чунин ҳолат имконияти иваз намудани корҳои ислоҳиро ба ҷарима барои шахсони ғайри қобили меҳнат бештар воқеӣ гардонида, муқаррар намудани таносуби дақиқи иваз намудани як ҷазо бо ҷазои дигар барои аз ҷониби судҳо якхела татбиқ намудани меъёри мазкурро мусоидат менамуд.

Инчунин ба қ. 5 м. 26 КҶ ҶШС Тоҷикистон, ки оқибати саркашӣ намудани маҳкумшударо аз адои ҷазои корҳои ислоҳӣ муайян мекард, тағйирот ворид карда шуд. Моддаи мазкур то ин вақт оқибатҳои танҳо ашаддӣ саркашӣ аз ин ҷазоро пешбинӣ мекард. Тағйироти нави қ. 5 м. 26 муайян менамуд, ки ҳангоми саркаши аз адои корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кор суд метавонад маҳкумшудро бо пешниҳоди мақомоти корҳои дохилӣ ё бо илтимоси ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё коллективи меҳнатӣ барои адои ҷазо ба дигар ҷой, ки мақомоти ба татбиқи корҳои ислоҳкунӣ машғулбуда муайян мекунанд, вале ба наздикии маҳали истиқомати маҳкум фиристонад. Ҳамин тариқ, аз ин нуқтаи назар қонунгузор ба суд имкон дод, ки дар марҳилаи аввал рафтори ғайриқонунии маҳкумшударо пешгирӣ кунад, ба маҳкумшуда таъсир расонад, табдил ёфтани саркашӣ аз адои корҳои ислоҳиро ба саркашии ашаддӣ аз адои он пешгирӣ кунад. Ҳамзамон чунин тағйирот

барои баланд бардоштани нақши коллективҳои меҳнатӣ дар тарбияи маҳкумшудагон равона шуда буд.

21-уми майи соли 1998 КҶ ҶТ қабул гардида, 1-уми сентябри соли 1998 ба қувваи қонунӣ даромад[64].

Дар м. 47 КҶ ҶТ 1998 ҷазои мазкур ҳамчун «корҳои ислоҳи меҳнатӣ» ногузорӣ шуда он ҳамчун намуди ҷазои асосӣ татбиқ мешуд. Дар м. 52 КҶ қонунгузор ҳар ду намуди адои корҳои ислоҳи меҳнатиро нигоҳ медошт: адои корҳои ислоҳи меҳнатӣ дар ҷойи кори маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақоми иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, вале дар ноҳияи истиқоматии маҳкумшуда. Чун пештара корҳои ислоҳи меҳнатӣ ба муҳлати аз ду моҳ то ду сол таъин мегардид, вале қонунгузор фоизи аз музди меҳнати маҳкумшуда ба фоидаи давлат нигоҳдошташавандаро зиёд намуда онро ба андозаи аз бист то панҷоҳ фоиз муқаррар менамуд.

Доираи иваз намудани корҳои ислоҳи меҳнатӣ ба шахсони корношоям маҳдуд гардид, зеро ҷазоҳои қаблан дар КҶ ҶШС Тоҷикистон ҷойдошта, ки бо онҳо мумкин буд корҳои ислоҳи дар ҳолати ғайри қобили меҳнат дониста шудан иваз шавад, ба монанди барқарор намудани зарари расонидашуда ва танбеҳи ҷамъиятӣ дар низоми ҷазои КҶ ҶТ 1998 пешбинӣ нашуда буданд.

Бинобар ин, мутобиқи қ. 2 м. 52 КҶ ҶТ «Ба шахсони корношоям эътирофгардида суд метавонист корҳои ислоҳи меҳнатиро бо ҷарима ба маблағи баробар ба як андозаи маоши ҳадди ақал дар як моҳи корҳои ислоҳи меҳнатӣ иваз кунад».

Тартиби иваз намудани ҷазои корҳои ислоҳӣ дар ҳолати саркаши кардан аз адои он низ тағйир ёфт. Дар КҶ ҶТ (1998) дигар оқибатҳои саркашӣ кардан аз адои корҳои ислоҳӣ муқаррар намешуд. Қонунгузор танҳо оқибатҳои ашаддӣ саркашӣ намудан аз корҳои ислоҳи меҳнатиро муайян менамуд, ки мутобиқи он дар сурати аз адои муҳлати ҷазо ашаддӣ саркашӣ намудани шахс ба корҳои ислоҳи меҳнатӣ маҳкумшуда, суд метавонад ба ҳисоби як рӯзи маҳдуд кардани озодӣ ба ҷойи як рӯзи корҳои ислоҳи меҳнатӣ, як рӯзи ҳабс ба ҷойи ду рӯзи корҳои ислоҳи меҳнатӣ ё як рӯзи

[64] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9. – С. 68.

маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷойи се рӯзи корҳои ислоҳи меҳнатӣ ҷазои нотамомро бо маҳдуд кардани озодӣ, ҳабс ё маҳрум сохтан аз озодӣ иваз намояд (қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ).

Яке аз навовариҳои қонунгузории нави ҷиноятӣ дар танзими корҳои ислоҳи меҳнатӣ дар он буд, ки бори аввал қонунгузор бевосита доираи шахсоне, ки таъини ҷазои мазкур нисбати онҳо манъ мебошад, муайян намуд:

а) хизматчиёни ҳарбӣ;

б) шахсони ба синни шонздаҳсолагӣ нарасида;

в) занони синну солашон аз панҷоҳу панҷ ва мардони аз шастсола боло;

г) занони ҳомиладор;

д) шахсоне, ки бо сабаби нигоҳубини кӯдак дар рухсатӣ мебошанд;

е) маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2 (қ. 4 м. 52).

Аз 17 майи соли 2004, №35 тавассути Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[65] ба танзими ҳуқуқии корҳои ислоҳӣ тағйиротҳои ҷиддӣ ворид карда шуданд. Аз ҷумла, номгузории корҳои ислоҳи меҳнатӣ бо «корҳои ислоҳӣ» иваз гардид. Тавассути қонуни мазкур фоизи нигоҳдошт аз музди меҳнати маҳкумшуда ба андозаи аз даҳ то сӣ фоиз кам кам карда шуд.

Қисми 2 м. 52 КҶ ҶТ дар таҳрири зайл муқаррар гардид: «Дар мавриди аз тарафи шахси маҳкумшуда ҳангоми адо намудани ҷазои корҳои ислоҳӣ ба вуҷуд омадани ҳолатҳои дар қисми чоруми ҳамин модда пешбинишуда, суд бо пешниҳоди мақоме, ки ба зиммаи он иҷрои ҳукм вогузор шудааст, шахсро аз адои минбаъдаи ҷазо озод менамояд ё ин, ки қисми адо накардаи ҷазоро ба ҷазои сабуктар иваз менамояд».

Аз қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ имконияти иваз намудани корҳои ислоҳӣ дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои он бо сабаби хориҷ шудани ҷазои ҳабс аз КҶ ихтисор карда шуд.

Ҳамин тавр таърихи ташаккул ёфтани ҷазои корҳои ислоҳиро таҳлил намуда, метавон ба хулосаҳои зерин омад:

---

[65] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – №5. – С. 346.

1. Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазо аз рӯзҳои аввали ташкил гардидани ҳокимияти Шуравӣ ба вуҷуд омад. Санади аввалине, ки дар он корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазо номбар мешуд Дастури Комиссариати халқии адлия аз 19 декабри соли 1917 «Дар бораи трибунали инқилобӣ, ҳайати он, парвандаҳои тобеияти он, ҷазоҳои татбиқшаванда ва тартиби гузаронидани ҷаласаҳо» ба ҳисоб мерафт.

2. Корҳои ислоҳӣ дар таърихи ташакулёбии худ ба таври гуногун номгузорӣ мешуд: корҳои маҷбурӣ бе маҳрумӣ аз озодӣ, корҳои ислоҳи меҳнатӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ, корҳои ислоҳӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ, корҳои ислоҳӣ. Он дар давраҳои аввали ҳокимияти Шуравӣ на танҳо ба сифати ҷазои асосӣ, балки ҳамчун ҷазои иловагӣ низ таъин мегардид.

3. Бо Декрети Шурои Комиссарони халқӣ аз 21 марти соли 1921 «Дар бораи маҳрум сохтан аз озодӣ ва тартиби шартан пеш аз муҳлат озод кардан маҳкумшудагон аз адои ҷазо» ба танзими корҳои маҷбурӣ тағйироти ҷиддӣ ворид карда шуд. Аввал, корҳои маҷбурӣ мушаххас ба намудҳо ҷудо карда шуд. Агар то ин вақт корҳои маҷбурӣ асосан ҳамчун кори ҷисмонии тахассусӣ иҷро мегардиданд, декрет муқаррар намуд, ки «дар ҳолатҳои ба ивази маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ намудани корҳои маҷбурӣ дар ҳукм бояд яке аз ду намуди ин ҷазо муайян карда шавад: корҳои маҷбурии ҷамъиятӣ ё корҳои маҷбурӣ аз рӯйи ихтисос». Маҳз ҳамин Декрет минбаъд дар рафти инкишофи қонунгузорӣ барои ба вуҷуд омадани намуди муосири корҳои ислоҳӣ ва ҷудо намудани он ба намудҳо (дар ҷойи кор ё дар дигар ҷойҳои муайянкунандаи мақомоти иҷрокунандаи ҷазо) мусоидат намуд.

4. Таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ ба муҳлатҳои гуногун муайян мешуд: то 5 сол (Декрет Шурои Комиссарони халқӣ аз 21 марти соли 1921 «Дар бораи маҳрум сохтан аз озодӣ ва тартиби шартан пеш аз муҳлат озод кардани маҳкумшудагон аз адои ҷазо»), аз ҳафт рӯз то як сол (КҶ ҶШСФР 1922), аз як рӯз то як сол (КҶ ҶШС Ӯзбекистон 1926, КҶ ҶШС Тоҷикистон 1935), аз як моҳ то як сол (КҶ ҶШС Тоҷикистон 1961), аз ду моҳ то ду сол ( мутобиқи Указн Президиуми Совети Олии ИҶШС аз 26 июли соли 1982 «Дар бораи такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ ва ислоҳоти меҳнатӣ»).

5. Кодекси ислоҳӣ-меҳнатии ҶШФСР 16 октябри соли 1924 бори аввал андозаи нигоҳ дошт аз музди меҳнати маҳкумшударо мушаххас менамуд, ки он 25%-и музди меҳнатро ташкил медод.

Минбаъд андозаи чунин нигоҳдорӣ дар қонунгузориҳо тағйир меёфт: то 20% (Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз 25 декабри соли 1958, КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961), аз 20 то 50 % (КҶ ҶТ соли 1998).

6. Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз 25 декабри соли 1958 ба танзими қонунгузории корҳои ислоҳӣ таккони ҷиддӣ дода, номгузории ҷазои мазкурро аз «корҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ» ба «корҳои ислоҳӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ» иваз намуд. Ислоҳотҳои ба танзими қонунгузории корҳои ислоҳӣ воридшуда барои баланд бардоштани самаранокӣ, таъсири тарбиявии ин ҷазо нигаронида шуданд.

Кодекси ҷиноятии ҶСС Тоҷикистон соли 1961 дар муқоиса бо асосҳои қонунгузории ҷиноятӣ маҳдудияти иловагии ҳуқуқиро дар бар мегирифт, яъне ба ҳисоб нагирифтани вақти адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ба собиқаи кории маҳкумшуда. Вақти адои корҳои ислоҳкунӣ ба собиқаи корӣ танҳо бо талаби ташкилоти ҷамъиятӣ ё коллективи коргарон ва ба шарти меҳнати софдилона ва рафтори намунавии маҳкумшуда ҳангоми адои ҷазо дохил карда шуданаш мумкин буд.

Қонунгузор дар Кодекси ҷиноятии ҶСС Тоҷикистон соли 1961, инчунин, таъин нашудани корҳои ислоҳкунии бе маҳрумӣ аз озодиро нисбати шахсони қобилияти меҳнатӣ надошта ва имконияти иваз намудани онро бо ҷазоҳои дигар, оқибатҳои саркашӣ ва ашаддӣ саркашӣ намудан аз ин намуди ҷазоро низ муайян менамуд.

7. Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ таърихи тулонӣ дошта, дар давоми он ҳамчун ҷазои алтернативаи маҳрум сохтан аз озодӣ ба мақсад мувофиқ будани нигоҳ доштани худро дар қонунгузории ҷиноятӣ исбот намудааст.

## 1.2. Мафҳум ва моҳияти корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ

Дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ҷой надорад. Дар м. 52 КҶ ҶТ сухан танҳо оид ба намудҳо, муҳлати корҳои ислоҳӣ, андозаи нигаҳдорӣ ва оқибатҳои ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои он меравад[66]. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад андешаи ягона оид ба мафҳум ва моҳияти корҳои ислоҳӣ ҷой надорад.

Чунончӣ, А.С. Михлин корҳои ислоҳиро ҳамчун ҷалб намудани маҳкумшуда ба меҳнат бо нигоҳ доштани қисми музди меҳнати ӯ ба фоидаи давлат муайян менамояд[67].

Андешаи ба ин монандро Л.Б. Смирнов низ баён менамояд, ки мувофиқи он корҳои ислоҳӣ ин маҷбуран ба меҳнат ҷалб намудани маҳкумшуда ба муҳлати аз ду моҳ то ду сол бо нигоҳ доштани қисми музди меҳнати ӯ ба фоидаи давлат ба андозаи бо ҳукми суд муайян шуда дар доираи аз панҷ то бист фоиз ифода мегардад[68].

Ю.И. Савелева корҳои ислоҳиро ҳамчун шакли мушаххаси амалишавии ҷавобгарии ҷиноятӣ таъриф медиҳад, ки барои барқарор намудани мақсадҳои ҷазо равона гардида, аз ҷалби шахси гунаҳгор ба меҳнати маҷбурӣ, маҳдудиятҳои ҳуқуқҳои молумулкӣ, меҳнатӣ ва дигар ҳуқуқҳои шахсӣ алоқаманд мебошад[69].

К.И. Голубсова низ ҷазои корҳои ислоҳиро ҳамчун маҷмуи маҳдудиятҳои меҳнатӣ, моддӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои маҳкумшуда муайян месозад, ки бидуни ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷамъият бо роҳи ҷалби ӯ ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ барои давлат амалӣ мегардад[70].

Албатта бо ин таърифи додашуда мо пурра розӣ буда наметавонем. Зеро дар он ба мақсади ҷазо ишора мешавад, ки барои ҳама намудҳои ҷазо баробар хос мебошад. Ғайр аз ин ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо на танҳо

---

[66] Ниг.: Масоили татбиқ ва иҷрои намудҳои алтернативаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири Т.Ш. Шарипов. – Душанбе, 2011. – С. 53.

[67] Ниг.: Михлин А.С. Исправительные работы как альтернатива лишению свободы / Развитие альтернативных санксий в российской уголовной юстиции: опыт и перспективы. – М., 2002. – С. 52.

[68] Ниг.: Смирнов Л.Б. Особенности применения и исполнения уголовного наказания в виде исправительных работ / Л.Б. Смирнов // Вестник Санкт-Петербургской юридической академии. – 2016. – №2 (31). – С. 110-115.

[69] Ниг.: Савелев Ю.И. Исполнение исправительных работ: теория и практика: дис. … канд. юрид. наук. Иркутск, 2005. – С. 8.

[70] Ниг.: Голубцова К.И. Наказание в виде исправительлных работ: особенности и проблемы исполнения / К.И. Голубцова // Вестник Самарского юридического института. – 2018. – №4 (30). – С. 20.

тавассути гузаронидани корҳои тарбиявиву пешгирнамоӣ амалӣ мешавад. Корҳои тарбиявӣ танҳо яке аз воситаҳои ислоҳ намудани маҳкумшудагон ба ҳисоб меравад (қ. 2 м. 14 КИҶҶ ҶТ).

Таърифи нисбатан пурратари ҷазо дар намуди корҳои ислоҳиро З.А. Камолов медиҳад, ки мувофиқи он «корҳои ислоҳӣ як намуди ҷазои асосӣ ба ҳисоб рафта, аз маҷбуран ҷалб намудани маҳкумшуда ба кор дар ҷойи кори маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, вале дар ноҳияи истиқоматии маҳкумшуда бо муҳлати дар ҳукм нишондодашуда бо нигоҳ доштани фоизи муайян аз музди меҳнати ӯ ба фоидаи давлат иборат аст»[71].

Вобаста ба КҶ ҶТ ва бо назардошти таърифҳои дар боло зикршуда мумкин аст корҳои ислоҳиро чунин муайян намуд: корҳои ислоҳӣ бояд ҳамчун намуди ҷазои асосие фаҳмида шавад, бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа алоқаманд набуда, тавассути дар ҷойи кори асосии худ монондани маҳкумшуда ё ба меҳнат ҷалб намудани ӯ дар ҷойҳои дигар ба муҳлати аз ду моҳ то ду сол бо нигоҳ доштани аз даҳ то сӣ фоизи музди меҳнати ӯ ба фоидаи давлат иҷро карда мешавад.

КҶ ҶТ ва дар асоси он КИҶҶ ҶТ имконияти таъин ва иҷро шудани корҳои ислоҳиро ҳам нисбати маҳкумшудагони ҷойи кори асосӣ дошта ва нисбати маҳкумшудагон бекор нигоҳ доштаанд.

Масъалаи нисбатан баҳснок дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба муайян намудани моҳияти корҳои ислоҳӣ дахл дорад, ки оид ба он андешаҳои гуногун баён мешаванд.

Дар умум нуқтаи назари олимонро вобаста ба моҳияти корҳои ислоҳӣ метавон ба се гурӯҳ ҷудо намуд.

Гурӯҳи **аввали олимон моҳияти корҳои ислоҳиро асосан тавассути таъсиррасонии тарбиявӣ муайян менамоянд.**

[71] Тафсир ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / З.А. Камолов, А.И. Сафарзода, Ш.Л. Холиқов, Т.Ш. Шарипов, Ф.И. Ғаниев, П.Н. Наврузова. – Душанбе, 2018. – С. 214.

Масалан, ба андешаи Л.Г. Крахмалник асос дар корҳои ислоҳӣ таъсиррасонии тарбиявӣ ба маҳкумшуда мебошад, ки бо роҳи тарбияи меҳнатӣ дар пайвастагӣ бо тарбияи сиёсӣ амалӣ мешавад[72].

В.Я. Богданов низ моҳияти корҳои ислоҳиро бештар бо меҳнати маҳкумшуда дар давраи адои ҷазо, ки хусусияти тарбиявӣ, ислоҳнамоӣ доранд муайян менамояд[73].

М.И. Ковалев корҳои ислоҳиро ҳамчун ҷазои молу мулкие муайян менамояд, ки бо таъсиррасонии тарбиявии ҷойи кори шахс алоқаманд мебошад[74].

Ҳ. Салимов низ дар китоби дарси «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» баён менамояд, ки моҳияти ҷазои корҳои ислоҳӣ маҳкумшудагонро тавассути кору машғулият ислоҳу тарбия кардан аст[75].

Бояд зикр намуд, ки чунин мавқеъ асосан барои олимони даврони шуравӣ хос буд. Зеро дар ин давра олимон кушиш менамуданд, ки бештар ба хусусиятҳои тарбиявии ҷазо ҳамчун воситаи ноил шудан ба мақсадҳои он ишора намоянд. Бинобар ин муаллифони мазкур таъсиррасонии тарбиявиро дар корҳои ислоҳӣ ба ҷойи аввал гузошта, аломатии асосии ҷазо, яъне сазоро ҳангоми муайян намудани моҳияти корҳои ислоҳӣ сарфи назар менамуданд.

**Гурӯҳи дуюми олимон моҳияти корҳои ислоҳиро дар ягонагии унсурҳои сазодиҳӣ ва тарбиявӣ мебинанд.**

Масалан, аз ҷониби А.П. Базунов моҳияти корҳои ислоҳӣ дар ҳамбастагии унсурҳои сазодиҳӣ ва тарбиявӣ, низом, таъсиррасонии ислоҳӣ-меҳнатӣ ва ғоявӣ-сиёсӣ муайян карда мешуд, ки бе ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеъ амалӣ мегардад[76].

Олимони дигар низ ҳангоми муайян намудани ҷазои корҳои ислоҳӣ ҳам ба хусусиятҳои тарбиявӣ ва ҳам сазодиҳии он ишора менамоянд.

---

72 Ниг.: Крахмальник Л.Г. Некоторые вопросы правового регулирования исправительных работ без лишения свободы / Л.Г. Крахмальник // Сов. государство и право. – 1965. – №4. – С. 121.
73 Ниг.: Богданов В.Я. Исправительные работы как вид уголовного наказания: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1974. – С. 14.
74 Ниг.: Ковалев М.И. К вопросу о теории уголовного кодекса / М.И. Ковалев // Сов. государство и право. – 1988. – №5. – С. 80.
75 Ниг.: Салимов Ҳ. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (Китоби дарсӣ). – Душанбе: Ирфон, 2005. – С. 230.
76 Базунов А.П. Вопросы теории и практики исправительных работ без лишения свободы в советском праве: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М.,1956. – С. 9.

Тавъамшавии сазо ва тарбия дар ҳар як ҷазо ягонагии диалектикӣ ба ҳисоб меравад, баён медорад И.А. Бушуев. Вобаста ба ин муқаррароти назариявӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки моҳияти ҷазои корҳои ислоҳиро ҳуқуқмаҳдудкуниҳои мушаххас ва тарбияи маҳкумшуда дар меҳнат, яъне пайвастшавии усурҳои сазодиҳӣ ва тарбиявӣ ташкил медиҳанд[77].

Маҳкум намудани шахс ба ин намуди ҷазо бо маҳдудиятҳои мушаххас бо адои он алоқамандӣ ва вобастагӣ дорад (нигоҳ доштан аз музди меҳнат, надоштани имконияти иваз намудани кор ё бо хоҳиши худ аз кор озод шудан). Танҳо пайвастагии сазодиҳӣ ва унсурҳои тарбиявӣ ба пуррагӣ моҳият ва вазифаҳои чораи ҷазои баррасишавандаро муайян месозад»[78].

Мавқеи олимони мазкурро, ки ба сифати унсури асосии моҳияти корҳои ислоҳӣ таъсирррасонии тарбиявиро мегузоранд, тарафдорӣ намуда, О.П. Шибанкова ҳангоми тавсифи корҳои ислоҳӣ дар аввал унсурҳои тарбиявии онро, ки ба тағйироти мусбии шахсият ва робитаҳои иҷтимоии он равона гардидаанд номбар месозад. Баъдан муаллифи мазкур ба маҳдудиятҳои ҳуқуқ ва озодиҳои маҳкумшуда, ки моҳияти сазодиҳии ҷазои корҳои ислоҳиро ташкил медиҳанд, ишора менамояд[79].

Бо чунин фахмиши моҳияти корҳои ислоҳӣ розӣ шудан мушкил аст, чунки муаллифони мазкур ҳангоми ошкор намудани моҳияти ҷазои мазкур хусусиятҳои сазодии онро дувумдараҷа меҳисобанд, ки ин асоснок намебошад.

Олимони дигар бошанд ҳангоми тавсифи моҳияти корҳои ислоҳӣ ба хусусияти сазодиҳии **он аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳанд.**

Масалан, Г.А. Одноклетков ва А.Е. Наташев моҳияти корҳои ислоҳиро аввал дар сазо ва баъдан дар татбиқи таъсиррасонии ислоҳӣ мебинанд, ки нисбати маҳкумшуда аз тарафи ҷомеа, коллективи меҳнатии ҷойи кори ӯ амалӣ мешавад[80].

---

[77] Ниг.: Бушуев И.А. Исправительные работы. – М.: Юр. лит., 1968. – С. 26.
[78] Бушуев И.А. Асари зикршуда. – С. 26.
[79] Ниг.: Шибанкова О.П. Социально-правовые проблемы исполнения наказания в виде исправительных работ: дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2004. – С. 55.
[80] Ниг.: Одноклетков Г.А., Наташев А.Е. Применение наказания в виде исправительных работ без лишения свободы / Г.А. Одноклетков, А.Е. Наташев // Сов. гос-во и право. – 1965. – №4. – С. 123.

Моҳияти ҷазои корҳоиислоҳиро тавассути пайвастагии таъсиррасонии сазодиҳӣ ва тарбиявӣ ба маҳкумшудагони ҳам ҷойи кор дошта ва ҳам бекор тавсиф дода, Э.С. Рахмаев баён медорад, ки ин имкон медиҳад нисбати маҳкумшудагони бекор робитаҳои фоиданоки иҷтимоӣ дар коллективи меҳнатӣ ба вуҷуд оварда шуда, маҳкумшудагони ҷойи кори асосӣ дошта бошанд, аз малакаҳои касбӣ маҳрум нашаванд[81].

А.В. Клюкина моҳияти корҳои ислоҳиро бо унсурҳои сазодиҳии он, яъне маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқ ва озодиҳои маҳкумшуда дар давраи адои ҷазо ва таъсиррасонии тарбиявӣ ба маҳкумшуда, ки аз тарафи нозироти корҳои ислоҳӣ дар ҳамбастагӣ бо маъмурият ва коллективӣ ҷойи кори маҳкумшуда анҷом дода мешавад, маънидод месозад[82].

Е.В. Ермасов ва Э.В. Лядова чунин меҳисобанд, ки моҳияти ҷазо дар намуди корҳои ислоҳиро таъсиррасонии сазодиҳӣ ва ислоҳнамоӣ ба маҳкумшудагон ташкил медиҳанд. Вобаста ба мазмуни худ корҳои ислоҳӣ бояд ҳамчун ҷараёни таъсиррасонии сазодиҳӣ ва ислоҳнамоӣ ба маҳкумшудагон баррасӣ карда шавад, ки бо меъёрҳои қонунгузории иҷрои ҷазо батанзимдароварда шуда, асоси он аз ҷалби маҳкумшуда ба меҳнат иборат мебошад. Дар ҷараёни амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон бо мавҷуд будани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои махсус тавсиф мегардад. Муносибатҳои меҳнатӣ асоси татбиқ гаштани ҳуқуқмаҳдудкуниҳоро ташкил медиҳанд, меҳнат аз мавҷуд будани ҳукми суд вобаста буда, хусусияти ҳатмӣ, таҳти назорат буданро дошта, он дар доира ва тартиби татбиқ гаштани ҷавобгарии ҷиноятӣ таъмин гардида, барои ноил шудан ба ислоҳи маҳкумшуда ва ҳалли дигар мақсадҳои ҷазо равона мешавад[83].

Н.А. Лопашенко низ ҳангоми муайян намудани моҳияти корҳои ислоҳӣ аввал маҷмуи маҳдудиятҳои моддӣ, меҳнатӣ ва дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқу

---

[81] Ниг.: Рахмаев Э.С. Исправительные работы как вид уголовного наказания: дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2005. – С. 47.
[82] Ниг.: Клюкина А.В. Скрытые преференции для жителей ближнего зарубежья, осужденных к исправительным работам / Двойной труд-основа стабильного общества: материалы VI Международного науч.-практ. Конференции. – Екатеринбург, 2014. – 58 с.
[83] Ниг.: Ермасов Е.В., Лядов Э.В. Применение уголовнго наказания в виде исправительных работ: организационные вопросы и проблемы правового регулирвания: науч.-практ. пособие / Под ред. Э.В. Лядова. – Рязань, 2017. – С. 10-11.

озодиҳои маҳкумшударо номбар намуда, баъдан ба расонидани таъсиррасонии тарбиявӣ нисбати онҳо ишора менамояд[84].

Л.Б. Смирнова моҳияти корҳои ислоҳиро тавассути ҳамбастагии унсурҳои инсондустӣ (ҷудо нигоҳ дошта нашудан аз ҷомеа, қатъ нагаштани робитаҳои оилавӣ, имконияти нигоҳ дошта шудани тарзи ҳаёти муқаррарии маҳкумшуда ва ғайра) ва унсурҳои сазодиҳӣ (уҳдадории меҳнат кардан, нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнат, маҳдуд будани давомнокии рухсатии навбатӣ, манъ гаштани аз кор озод шудан бидуни розигии нозироти корҳои ислоҳӣ ва ғайра) тавсиф мегардад[85].

**Гурӯҳи сеюми олимон моҳияти** корҳои ислоҳиро тавассути хусусиятҳои сазодиҳии он ошкор месозанд. Масалан, Н.А. Стручков чунин эътироф менамуд, ки моҳияти ҷазоро танҳо сазо ташкил медиҳад. Дар корҳои ислоҳӣ сазо дар ҳуқуқмаҳдудкуниҳои муайян, ки мазмуни маҳз ҷазои мазкурро ташкил медиҳанд, ифода меёбад. Таъсиррасонии ислоҳи меҳнатӣ ба мазмуни ҷазо дохил намешавад, балки онро пурра менамояд[86].

Моҳияти корҳои ислоҳӣ менависад, Г.А. Алексеев дар чораи маҷбурсозӣ будан, азоби муайян расонидан, яъне сазо ифода мегардад, зеро чораи мазкур барои содир намудани ҷиноят таъин мешавад[87].

В.Н. Орлов бо чунин мавқеъ ҳамроҳ шуда баён менамояд, ки «моҳияти корҳои ислоҳиро маҷмуи маҳдудиятҳои моддӣ, меҳнатӣ ва дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқ ва озодиҳои маҳкумшуда ташкил медиҳанд»[88].

Гарчанде олимони гурӯҳи мазкур моҳияти корҳои ислоҳиро тавассути сазо маънидод намоянд ҳам, вале дар мавриди ҳуқуқмаҳдудкуниҳое, ки моҳияти ҷазои мазкурро ташкил медиҳад, андешаҳои ягона мавҷуд нест.

---

84 Ниг.: Уголовное право. Общая часть. Наказание. Академический курс. В 10 т. Т. 4. Виды уголовного наказания, связанные с осуществлением работ / Под ред. проф. Н.А. Лопашенко. – М., 2020. – С. 220.

85 Смирнов Л.Б. Особенности применения и исполнения уголовного наказания в виде исправительных работ / Л.Б. Смирнов // Вестник Санкт-Петербургской юридической академии. – 2016. – №2 (31). – С. 110-115.

86 Ниг.: Стручков Н.А. Уголовная ответственность и ее реализация в борьбе с преступностью. – Саратов: Саратовский ун-т, 1978. – С. 206-207.

87 Ниг.: Алексеева Г.А. Координация кары и воспитания в содержании исправительных работ-важное условие повышения их эффективности / Г.А. Алексеева // Вопросы эффективности уголовно-правовых норм.: Межвуз. сб. науч. труд. – 1978. – Вып. 66. – С. 98.

88 Орлов В.Н. Проблемы назначения и исполнения исправительных работ: учебное пособие. – Ставрополь, 2001. – С. 27.

Баъзе аз олимон нигоҳ дошта шудани маблағ аз музди меҳнати маҳкумшударо ба сифати аломатии асосии корҳои ислоҳӣ муайян намуда, баён медоранд, ки асосан дар ҳуқуқмаҳдудкунии мазкур моҳияти корҳои ислоҳӣ ифода мегардад[89].

Олимони дигар ба меҳнат ҳамчун аломати муайянкунандаи моҳияти корҳои ислоҳӣ ишора намуда, мазмуни ҷазои мазкурро маҳз ба меҳнат ҷалб шудани маҳкумшудагон мебинанд.

Масалан, А.М. Маликов иброз медорад, ки хусусияти сазодиҳии корҳои ислоҳӣ бо маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва иқтисодии маҳкумшуда вобаста мебошад. Ин пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки корҳои ислоҳӣ меҳнати маҷбуриро дар назар доранд, ки на ҳама вақт бо манфиатҳои меҳнатии гунаҳгор мувофиқат мекунанд[90].

К.Х. Солиев низ моҳияти корҳои ислоҳиро тавассути хусусияти ҳатмӣ доштани меҳнат ва нигоҳ доштани қисми музди меҳнати маҳкумшуда ба фоидаи давлат муайян намуда, се ҷабҳаи манфии онро ҷудо месозад:

– ба таври ҳатмӣ ҷалб намудан ба меҳнат;

– маҳдуд намудани баъзе ҳуқуқҳои меҳнатӣ;

– расонидани таъсири хусусияти моддидошта[91].

Ҳамин тавр аксарият олимони зикршуда ба сифати аломати муайянсозандаи моҳияти корҳои ислоҳӣ ба меҳнати маҷбурӣ ишора менамоянд.

Меҳнати маҷбурӣ ба андешаи А.Г. Приткин на танҳо дар маҳрум кардани маҳкумшуда аз интихоби озоди ҷойи кор, балки, инчунин, дар таҳдиди татбиқи чораҳои нисбатан вазнини ҷазои ҷиноятӣ (маҳдуд кардани озодӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ) дар ҳолатҳои ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои ҷазо ифода мегардад[92].

---

[89] Ниг.: Васильев А.И., Мислихин А.В. Терминологичекий минимум по советскому испрвительному праву: учеб. пособие. – Рязань, 1989. – С. 28.

[90] Ниг.: Маликов А.М. Наказания в виде обязательных и исправительных работ (теоретические и практические проблемы): дис. … канд. юрид. наук. – Махачкала, 2011. – С. 37.

[91] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Раҳимзода Р.Ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе, 2019. – С. 407.

[92] Ниг.: Прыткин А.Г. Исправительные работы: некоторые вопросы при назначении и исполнении этого вида наказания / А.Г. Прыткин // Суд и правосудие. – 2005. – №1. – С. 60.

Ҷалби маҷбурӣ ба меҳнат маънои онро дорад, ки дар вақти адои ҷазои мазкур нобоваста аз хоҳишаш маҳкумшуда дар ҷойи муайяннамудаи мақомоти иҷрои ҳокимияти давлатӣ кор мекунад. Инчунин, дар давоми муҳлати адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ба маҳкумшудагон иҷозат дода намешавад, ки бидуни иҷозати хаттии нозироти корҳои ислоҳӣ бо ҳоҳиши худ аз кор озод шаванд[93].

Олимони дигар бошанд хусусияти маҷбурӣ доштани меҳнати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳиро рад месозанд. Масалан, Р.С. Данелян баён менамояд, ки танҳо дар солҳои аввали ҳокимияти Шуравӣ вақте корҳои маҷбурӣ нисбати шахсони аз меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ саркашикунанда таъин мегардид, он хусусияти маҷбурӣ дошт. Дар замони муосир бошад, корҳои ислоҳӣ аз кори муқаррарии шаҳрвандони озод ягон фарқият надорад (ғайр аз нигоҳ доштани қисми музди меҳнат) ва ин ҷазо одатан ба шахсоне таъин мешавад, ки аз кор саркашӣ наменамоянд. Маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кори пештараашон фаъолияти меҳнатии худро идома медиҳанд. Ва танҳо дар ҳолатҳои кам агар онҳо барои худ кор пайдо карда натавонанд, ба онҳо нозироти корҳои ислоҳӣ кумак менамоянд[94].

А.Л. Дзигар низ баён медорад, ки дар корҳои ислоҳӣ меҳнати маҷбурӣ ҷой надорад, чунки хусусияти кор барои маҳкумшуда тағйир намеёбад. Маҳкумшуда чӣ тавре кор мекард, ҳамон тавр дар ҷойи кори қаблиаш корашро идома медиҳад[95].

З.А. Камолов андеша дорад, ки дар м. 52 КҶ ҶТ дар хусуси ягон хел меҳнати маҷбурӣ сухан намеравад, танҳо нишон дода мешавад, ки корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кори маҳкумшуда адо карда мешавад. Ростӣ, ба иҷрои ин ҷазо «дар ҷойҳои дигаре, ки мақоми иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, вале дар ноҳияи истиқоматии маҳкумшуда...» роҳ дода мешавад. Аммо чунин

---

[93] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Раҳимзода Р.Ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе, 2019. – С. 408.
[94] Ниг.: Данелян Р.С. Исправительные работы как вид уголовного наказания в теории и практике: дис. … канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2002. – С. 57-58.
[95] Ниг.: Дзигарь А.Л. Уголвные наказания: эволюция и преспективы: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2001. – С. 17.

муқаррарот низ ба он асос шуда наметавонад, ки ин корҳо «маҷбурӣ» мебошанд[96].

Аммо ба андешаи мо дар ҳақиқат корҳои ислоҳӣ бо фаъолияти ҳатмии меҳнатии маҳкумшуда алоқаманд мебошад. Бахусус маҷбурӣ будани меҳнат ҳангоми таъини ҷазои мазкур ба шахсоне, ки дар ҷойҳои дигаре, ки мақоми иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, ба кор ҷалб мешаванд, аён мегардад. Агар нисбати шахсони дигар меҳнат кардан, интихоби касбу кор ҳуқуқи онҳо бошад (м. 35 Конститутсияи ҶТ) пас нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ он ба уҳдадорӣ табдил меёбад.

Ҳангоми дар ҷойи кори маҳкумшуда таъин гаштани корҳои ислоҳӣ низ ба меҳнат ҷалб намудан хусусияти ҳатмӣ пайдо мекунад. Зеро агар то маҳкумшавӣ шахс ҳуқуқи озодона аз кор озод шудан, тағйир додани ҷойи кор, озод будан дар интихоби касбу корро дошта бошад, пас баъд аз маҳкумшудан гарчанде ӯ дар ҷойи кори худ фаъолияти меҳнатиашро идома диҳад ҳам, аммо ҳуқуқҳои меҳнатии ӯ маҳдуд мегардад. Аз ҷумла, мутобиқи қ. 3 м. 40 КИҶҶ ҶТ дар давоми муҳлати адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ба маҳкумшудагон иҷозат дода намешавад, ки бидуни иҷозати хаттии нозироти корҳои ислоҳӣ бо хоҳиши худ аз кор озод шаванд. Иҷозат пас аз санҷиши асоснокии аризаи маҳкумшуда дода шуданаш мумкин аст.

Аммо маҷбурӣ будани меҳнати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки меҳнати маҷбуриро манъ менамоянд, масалан, Эъломияи ҳуқуқи башар (м.м. 4, 23), Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ (м. 8), Конвенсияи ТБМ (соли 1930, №29) «Дар бораи меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ» ва ғайра мухолифат наменамояд.

Гарчанде дар адабиётҳои ҳуқуқӣ пешниҳод мешавад, ки бо мақсади бартараф сохтани мухолифати байни меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ва муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ ба қонуни ҷиноятӣ меъёри махсус дохил

[96] Ниг.: Камолов З.А. Система наказаний по уголовному кодексу Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Иркутск, 2009. – С. 139.

карда шуда, таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ танҳо бо розигии судшаванда пешбинӣ карда шавад[97].

Як қатор олимон аз он сабаб ки ҷазои корҳои ислоҳӣ бо ҳукми суд таъйин мегардад, мухолиф будани онро ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалии меҳнати маҷбуриро манъ кунанда инкор намуда, меҳнати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳиро меҳнати маҷбурӣ намеҳисобанд[98].

Ҳамчун асоси ба муқаррароти санадҳои байналмилалӣ мухолифат накардани меҳнати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ, далелҳои зеринро пеш меовард. Чунончӣ, Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ (м. 8) муайян менамояд, ки истилоҳи «меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ», аз ҷумла инҳоро дар бар намегирад: «ҳар кор ё хизмате, ки...чун қоида, шахсе бояд иҷро намояд, ки дар асоси санади қонунии судӣ дар маҳбас аст ё шахсе, ки аз маҳбас озод карда шудааст»[99]. Мутобиқи м. 2 Конвенсия «Дар бораи меҳнати маҷбурӣ» мафҳуми «меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ» дар ин Конвенсия дар худ ин масъалаҳоро надорад: «ҳама гуна кор ва хизматҳое, ки аз тарафи ягон шахс дар натиҷаи ҳукме, ки аз тарафи мақомоти судӣ бароварда шуда, ба шарте ин кор ё хизмат таҳти назорати мақомоти давлатӣ гузаронида шавад ва ин шахси нишондодашуда ба ихтиёрдории шахсони хусусӣ, ташкилотҳо ва ҷамъиятҳо супорида нашавад»[100].

Вобаста ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон[101] низ муқаррар намудааст, ки меҳнати маҷбурӣ манъ аст, ба истисноі мавридҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст. Меҳнати маҷбурӣ ҳисоб намешавад, аз ҷумла;

– коре, ки дар натиҷаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунандаи суд талаб карда, таҳти назорати мақомоти ваколатдори

---

[97] Ниг.: Рахмаев Э.С. Исправительные работы как вид уголовного наказания: дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2005. – С. 43.

[98] Ниг.: Уткин В.А. Предпосылки развития альтернативных санкций: «медина» проекта / В.А. Уткин // Развитие альтернативных санкций в российской уголовной юстиции: опыт и перспективы: сб. материалов международной конференции. – М., 2002. – С.25-26; Лядов Э.В. К вопросу об исполнении наказания в виде обязательных работ / Э.В. Лядов // Законы России: опыт, анализ и практика. – 2007. – №3. – С. 133.

[99] Ҳуқуқи инсон: маҷмуаи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар 8 ҷилд. – Ҷилди 3. – Душанбе, 2010. – С. 6.

[100] Ҳуқуқи инсон: Маҷмуаи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар 8 ҷилд. – Ҷилди 4. – Душанбе, 2010. – С. 26.

[101] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj/content/кодекси-меҳнати-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 12.08.2023).

давлатӣ, ки масъули назорати қонуният ҳангоми иҷрои ҳукми суд мебошанд, иҷро карда мешавад (м. 8 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дар баробари ин, мо ба андешаи олимони зикршуда, ки моҳияти корҳои ислоҳиро танҳо дар меҳнати маҷбурӣ ё нигоҳ доштани қисми музди меҳнати маҳкумшуда ба фоидаи давлат маънидод менамоянд, розӣ буда наметавонем.

Зеро доираи ҳуқуқмаҳдудкуниҳои мазмуни ҷазои мазкурро ташкилкунада васеъ мебошанд. Масалан, И. Тулиев чунин баён менамояд, ки дар назари аввал мазмуни сазодиҳии ҷазои баррасишаванда танҳо аз нигоҳ доштани фоизи муайян аз музди меҳнати маҳкумшуда дар давоми муҳлати бо қонуни муқарраршуда иборат аст. Аммо дар асл ҳаҷми ҳуқуқмаҳдудкуниҳои ба маҳкумшуда гузошташаванда васеъ мебошад, масалан, манъи бидуни иҷозати хаттии нозироти корҳои ислоҳӣ бо ҳоҳиши худ аз кор озод шудан, гузоштани вазифа ва манъкуниҳое, ки дар м. 42 КИҶҶ ҶТ муқарар шудаанд[102].

Ҳамин тавр, доираи ҳуқуқмаҳдудкуниҳо дар ҷазои корҳои ислоҳӣ на танҳо аз ҳатман ҷалб намудан ба меҳнат ва нигоҳ доштани қисми музди меҳнат ба фоидаи давлат иборат мебошад.Чунин маҳдудиятҳо, инчунин дар қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ низ пешбинӣ шудаанд.

Вобаста ба табиати ҳуқуқии худ корҳои ислоҳӣ ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, сазо дар корҳои ислоҳӣ ба мисли ҳама гуна намуди ҷазо дар худи факти маҳкум намудани маҳкумшуда аз номи давлат ифода мегардад. Бар замми ин, ҳангоми маҳкум шудан ба ҷазои корҳои ислоҳӣ ҳукми суд ба маълумоти аъзоёни коллективи меҳнатӣ расонида мешавад (м. 41 КИҶҶ ҶТ).

Ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ сабаби ба вуҷуд омадани доғи судӣ мегардад. Доғи судӣ ҳолати махсуси вазъи ҳуқуқии шахс мебошад, ки дар робита бо баровардани ҳукм аз ҷониби суд ва таъин намудани ҷазо ба вуҷуд омада, оқибатҳои муайяни номуносиб ва номувофиқро, ки аз доираи ҷазо берун мешаванд, мерасонад. Доғи судӣ ҳолате эътироф мешавад, ки ҷазоро

[102] Ниг.: Тулиев И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистан (система, виды наказаний и их назначение): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2010. – С. 95.

дар сурати содир намудани ҷинояти нав вазнинтар менамояд ва маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқии маҳкумшударо баъд аз адои ҷазо нигоҳ медорад.

Ба ғайр аз ҳуқуқмаҳдудкуниҳои умумие, ки барои ҳар як намуди ҷазо хос мебошад, корҳои ислоҳӣ дорои унсурҳои сазодиҳие ҳаст, ки моҳият ва мазмуни ин намуди ҷазоро муайян намуда, мавқеи онро дар системаи намудҳои ҷазо муқаррар месозад.

Ҳуқуқмаҳдудкуниҳои хоси ҷазои корҳои ислоҳӣ бевосита дар м. 52 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки мутобиқи он корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кори маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақоми иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, вале дар ноҳияи истиқомати маҳкумшуда ба муҳлати аз ду моҳ то ду сол таъин гардида, аз даҳ то сӣ фоизи музди меҳнат ба фоидаи давлат нигоҳ дошта мешавад.

Аз мазмуни меъёри зикршуда бармеояд, ки қонунгузории ҷиноятӣ нисбати шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда чунин маҳдудиятҳоро муқаррар намудааст: 1) ҳатман ҷалб шудан ба меҳнат ва 2) ба фоидаи давлат нигоҳ доштани фоизи муайяни музди меҳнат.

Вале бо ҳамин маҳдудиятҳо дар ҷазои корҳои ислоҳӣ ба охир намерасад, зеро ҳангоми ба танзим даровардани тартиби иҷро ва адои ҷазои мазкур дар КИҶҶ ҶТ як қатор меъёрҳое пешбинӣ шудаанд, ки доираи ин ё он ҳуқуқу озодиҳои маҳкумшудагон ба ҷазои мазкурро маҳдуд месозанд.

Чунончи нисбат ба шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда КИҶҶ ҶТ чунин маҳдудиятҳоро муқаррар намудааст:

Дар давоми муҳлати адои ҷазо ба маҳкумшуда иҷозат дода намешавад, ки бидуни иҷозати хаттии нозироти корҳои ислоҳӣ бо хоҳиши худ аз кор озод шавад ( қ. 3 м. 40 КИҶҶ ҶТ).

Дар давраи адои ҷазои корҳои ислоҳӣ рухсатии пардохтшавандаи ҳарсола бо давомнокии танҳо ҳаждаҳ рӯзи корӣ аз ҷониби маъмурияти корхонае, ки маҳкумшуда кор мекунад, бо мувофиқаи нозироти корҳои ислоҳӣ дода мешавад (қ. 6 м. 40 КИҶҶ ҶТ). Мутобиқи м. 85 КМ ҶТ бошад

давомнокии ҳадди ақали рухсатии ҳарсола барои кормандон ва хизматчиён 24 рӯзи тақвимӣ муқаррар шудааст[103].

Муҳлати адои ҷазои корҳои ислоҳӣ дар собиқаи кории умумӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Аммо он ба собиқаи корӣ, ки барои гирифтани имтиёз ё изофапулӣ ба маош ҳуқуқ медиҳад, ба ҳисоб гирифта намешавад.

Мутобиқи м. 42 КИҶҶ ҶТ бо назардошти хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷинояти содиршуда шахсияти маҳкумшуда, рафтори ӯ дар давраи адои ҷазо ва бо мақсади пешгирии қонуншиканиҳои нав нозироти корҳои ислоҳӣ ҳуқуқ дорад, барои маҳкумшудагон вазифа ва манъкуниҳои зеринро муайян кунад:

а) манъи тарки манзил дар вақти муайяни шабонарӯз;

б) манъи тарки маҳалли истиқомат дар рӯзҳои истироҳат ва давраи рухсатӣ;

в) манъи ҳузур доштан дар ҷойҳои муайяни ноҳия (шаҳр);

г) уҳдадор сохтан ҷиҳати дар як моҳ ду маротиба ҳозир шудан барои гузаштан аз қайди нозироти корҳои ислоҳӣ.

Чи тавре ба назар мерасад доираи ҳуқуқмаҳдудкуниҳои дар КИҶҶ ҶТ нисбат ба корҳои ислоҳӣ муқарраргардида хело васеъ мебошад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ оид ба масъалаи он ки унсурҳои сазодиҳии ҷазои корҳои ислоҳӣ на танҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ, балки инчунин дар қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ низ муайян шудаанд, андешаҳои гуногун баён мешавад. Баъзе аз муаллифон мустаҳакам гардидани ҳуқуқмаҳдудкуниҳоро ҳам дар қонуни ҷиноятӣ ва ҳам дар қонуни иҷрои ҷазои ҷиноятӣ имконпазир ҳисобида нишон медиҳанд, ки маҳрум ё маҳдуд гардидани ҳуқуқҳои маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ бояд тавассути меъёрҳои ҳуқуқ, аз ҷумла бо меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба танзим даровarda шаванд[104]. Дигар олимон дар он андешаанд, ки унсурҳои сазодиҳии ҷазо, аз ҷумла доираи ҳуқуқмаҳдудкуниҳо бояд танҳо дар

[103] Ниг.: Салимов Ҳ.С. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2011. – С. 139.
[104] Ниг.: Бушуев И.А. Исправительные работы. – М., 1968. – С. 44; Мельникова Ю.Б. Исправительные работы и краткие сроки лишения свободы / Наказания, не связанные с лишением свободы. – М., 1972. – С. 54.

қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар шаванд[105]. Аз мафҳуми ҷазо, ки дар қонуни ҷиноятӣ ба таврӣ меъёрӣ муайян шудааст, бармеояд, ки мазмуни ҷазо, яъне ҳуқуқмаҳдудкуниҳои хоси ҷазои мушаххас бояд танҳо дар КҶ мустаҳакам карда шавад[106].

Дар ҳақиқат як қатор ҳуқуқмаҳудкуниҳое, ки дар қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мустаҳакам шудаанд, мазмуни васеи сазодиҳӣ дошта, бояд дар КҶ ҶТ мустаҳакам карда шаванд. Дар ин маврид В.Н. Орлов дуруст менависад, ки унсурҳое, ки мазмуни ҷазоро ташкил медиҳанд бояд дар ҳуқуқи моддӣ таҷассум карда шаванд, яъне дар КҶ. Дар баробари ин қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тартиби иҷро ва адои ҷазои мушаххасро ба танзим дароварда истода мумкин аст, ин ё он маҳрум, маҳдудият, иваз ё илова намудани ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ ва уҳдадориҳои маҳкумшудагонро, ки ба мазмуни намуди муайяни ҷазо дохил мешаванд метавонад таҷдид ё такрор намояд, аммо онҳоро мустақилона муқаррар сохта наметавонад[107].

**Ҳамин тавр, мафҳум ва моҳияти корҳои ислоҳиро дида баромада ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:**

1. Корҳои ислоҳӣ бояд ҳамчун намуди ҷазои асосие фаҳмида шавад, бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа алоқаманд набуда, тавассути дар ҷойи кори асосии худ монондани маҳкумшуда ё ба меҳнат ҷалб намудани ӯ дар ҷойҳои дигар ба муҳлати аз ду моҳ то ду сол бо нигоҳ доштани аз даҳ то сӣ фоизи музди меҳнати ӯ ба фоидаи давлат иҷро карда мешавад.

2. Моҳияти корҳои ислоҳӣ, ҳамчун ҷазои бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа алоқаманд набуда, дар маҳдуд намудани ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва молумулкии маҳкумшуда тавассути нигоҳ доштани маблағи муайян ба фоидаи давлат, манъ шудани бо хоҳиши худ аз кор озод шудан,

---

105 Ниг.: Иванова А.Т., Пискарева Н.В. Совершенствование правовой регламенатации наказания в виде исправительных работ / Проблемы применения наказания, не связанных с лишением свобоыд. – М., 1988. – С. 39.

106 Ниг.: Селиверстов В.И. Наказание и его целы / Уголовное право. Общая часть: учебник / Под общ. ред. В.И. Радченко. – М., 2004. – С. 301.

107 Ниг.: Орлов В.Н. Содержание уголовного наказания в виде исправительных работ: уголовно-правовые (материальные) и уголовно-исполнительные (процессуальные) нормы / В.Н. Орлов // Уголовно-исполнительное право. – 2018. – №3. – С. 266-267.

маҳдуд гардидани ҳуқуқи тағйири маҳалли истиқомат, ҳуқуқ ба рухсатӣ ва ба вуҷуд омадани доғи судӣ тавсиф мегардад.

3. Доираи унсурҳои сазодиҳии ҷазои корҳои ислоҳӣ танҳо тавассути КҶ ҶТ маҳдуд нашудааст, зеро дар КИҶҶ ҶТ низ қонунгузор ҳангоми ба танзим даровардани тартиби иҷро ва адои ҷазои мазкур як қатор ҳуқуқмаҳдудкуниҳоро муқаррар намудааст, ки хусусияти сазодиҳӣ доранд.

4. Корҳои ислоҳӣ бо фаъолияти ҳатмии меҳнатии маҳкумшуда алоқаманд мебошад. Чунин алоқамандӣ бештар дар мавриди таъини ҷазои мазкур нисбати шахсони ҷойи кори асосӣ надошта ё ба меҳнат ҷалб набуда ба назар мерасад. Дар мавриди таъини корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кори маҳкумшуда низ меҳнат нисбати чунин шахс хусусияти ҳатмӣ пайдо менамояд. Зеро агар нисбати шахсони дигар меҳнат кардан, интихоби касбу кор ҳуқуқи онҳо бошад (м. 35 Конститутсияи ҶТ) пас нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ он ба уҳдодорӣ табдил меёбад.

Аммо маҷбурӣ будани меҳнати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки меҳнати маҷбуриро манъ менамоянд, масалан, Эъломияи ҳуқуқи башар (м.м. 4, 23), Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ (м. 8), Конвенсияи ТБМ (соли 1930, №29) «Дар бораи меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ» ва ғайра мухолифат наменамояд.

### 1.3. Иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар давлатҳои пасошуравӣ

Корҳои ислоҳӣ дар низоми ҷазоҳои пешбининамудаи КҶ ҶТ ва Кодексиҳои ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Баҳри баланд бардоштани самаранокии татбиқи институти ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ истифодаи таҷрибаи ин кишварҳо хеле ҷолиб аст ва омӯзиши муфассалро тақозо мекунад.

Аҳамиятнокии таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии корҳои ислоҳӣ дар ҶТ ва дигар давлатҳои пасошуравӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар ин кишварҳо кодексҳои монанди ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таҳия гардидаанд. Зеро ба ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузориҳои ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои

ҷиноятии ин давлатҳо ҳануз 17 феврали соли 1996[108] қабул гардидани Кодекси намунавии ҷиноятӣ ва Кодекси намунавии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз 2 ноябри соли 1996[109] таъсири муайян расонидаанд.

Аз назари муқоисавӣ омухтан ва таҳлил намудани қонунгузориҳои мазкур имкон медиҳад, ки тарзҳои гуногуни батанзимдарории иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ, хусусиятҳои гуногуни муносибати қонунгузор дар истифодаи ҷазои мазкур ошкор гардида, бо назардошти хусусиятҳои миллӣ самтҳои мусбати онҳо барои такмил додани КҶ ҶТ ва КИҶҶ ҶТ истифода шаванд.

Дар натиҷаи пошхӯрии ИҶШС, дар ҳудуди он давлатҳои мустақил ба вуҷуд омаданд ва ба амалисозии сиёсати мустақили ҷиноятии худ шуруъ намуданд.

Бо дарназардошти роҳи нисбатан тулонӣ рушд хусусиятҳои танзими корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории миллии ҳар як давлати пасошуравӣ ва дар ин сатҳ ба даст овардани унификатсияи ҳуқуқӣ ҷиҳати танзим ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ хеле душвор менамояд.

Аксарияти давлатҳои пасошуравӣ дар қонунгузории ҷиноятии худ ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ нигоҳ доштаанд. Танҳо дар давлатҳои Балтика бо мақсади аз «мероси шуравӣ» то ҳадди имкон дур шудан, корҳои ислоҳиро дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ истисно намуда, онҳоро бо корҳои ҷамъиятии беподош иваз намуданд. Дар аксари кишварҳои пасошуравӣ, бошад баръакс, дар баробари ҷорӣ шудани корҳои беподоши ҷамъиятӣ (корҳои ҷамъиятӣ, корҳои ҳатмӣ), корҳои ислоҳӣ низ нигоҳ дошта шуданд.

Таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки аз тарафи кишварҳои дар боло номбаргардида рад намудани ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ислоҳӣ на танҳо бо мулоҳизаҳои сирф идеологӣ ва мушкилоти татбиқи амалии онҳо дар шароити душвори иҷтимоию иқтисодӣ вобаста мебошад, балки инчунин сабаби он, манфӣ арзёбӣ намудани ин ҷазо аз ҷониби стандартҳои

[108] Модельный Уголовный кодекс для государств-участников СНГ / Принят постановлением Межпарламенской Ассемблеи государств-участников Содружества Независимых Государств. – Санкт-Петербург, 17.02.1996 г. – С. 15.
[109] Модельный уголовно-исполнительный кодекс государств-участников СНГ [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id= 30075689 (дата обращения: 22.06.2023).

байналмилалии муносибат бо маҳкумшудагон ва ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон мебошад. Баҳсҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба корҳои ислоҳӣ то ба имрӯз давом доранд[110].

Санади асосии СММ оид ба чораҳои ғайриҳабсӣ Қоидаҳои стандарти минималии СММ (Қоидаҳои Токио) нисбати чораҳои бо маҳбаснамоӣ алоқаманд набуда мебошад, ки моҳи декабри соли 1990 аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ қабул карда шуд, аввалин ҳуҷҷати байналмилалии ҷаҳонӣ оид ба чораҳои алтернативӣ гардид[111]. Мақсади асосии Қоидаҳои Токио кумак дар коҳиш додани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар саросари ҷаҳон мебошад.

Ба андешаи Н.Б. Хуторская, Қоидаҳои Токио барои мусоидат намудан ба истифодаи васеи ҷазоҳои алтернативӣ ва ҷалби оммаи васеъ ба ин раванд таҳия шудаанд[112].

Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ айни замон доираи хеле васеи ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд пешбинӣ мекунанд. Тавре ки В.И. Селиверстов, Г.А. Майстренко, С.М. Баймолдина қайд менамоянд, «Кодексҳои ҷиноятии Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон муносибатҳои моликият, озодии шахсӣ, фаъолияти меҳнатӣ ва ғайраро ҳамчун объекти таъсири ҷазо интихоб мекунанд. Аҳаммият ба зернизоми ҷазоҳое, ки хусусияти молу мулӣ ё ҷубронӣ доранд, қайд карда мешавад[113].

Дар робита ба ин, дар ин қоидаҳо маҷмуи васеи чораҳои алтернативӣ (санксияҳо), ки ба низоми миллии ҳуқуқӣ ва мақомоти судӣ тавсия гардидаанд пешбинӣ шудааст. Дар байни санксияҳои пешбининамудаи Қоидаҳои Токио дар муқоиса бо корҳои ҷамъиятӣ, корҳои ислоҳӣ бевосита

---

[110] Ниг.: Савельева Ю.И. Исполнение исправительных работ: теория и практика: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Иркутск, 2005. – С. 6; Кыдыяков И.Г. Применение уголовного наказания в виде исправительных работ: дис. … канд. юрид. наук. – Чита, 2002. – С. 13.

[111] Ниг.: Ҳуқуқи инсон. Маҷмуаи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ. – Ҷилди 2. – Душанбе, 2010. – С. 33-42.

[112] Ниг.: Хуторская Н.Б. Международные правовые акты как составная часть уголовно-исполнительного законодательства России / Российский курс уголовно-исполнительного права: учебник: в 2 т. Т. 1: Общая часть / Под ред. В.Е. Эминова, В.Н. Орлова. – М., 2012. – С. 337.

[113] Ниг.: Селиверстов В.И., Майстренко Г.А., Баймолдина С.М. Альтернативы лишению свободы по законодательству Республики Казахстан, Республики Кыргызстан и Республики Таджикистан / В.И. Селиверстов, Г.А. Майстренко, С.М. Баймолдина // Вестник института: преступление, наказание, исправление. – 2014. – №2. – С. 88-93.

пешбинӣ нашудаанд. Аммо, дар ин санад «ҳама гуна омезиши тадбирҳои дар боло зикршуда» иҷозат дода мешавад (моддаи 8.2, бандҳои «т», «п»-и Қоидаҳо), ки дар робита ба он қайд намудан мумкин аст, ки рӯйхати зикршуда ниҳоӣ намебошад.

Ҳамин тавр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти ин ҷазо ва тартиби татбиқи он ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ мебошад.

Мутаассифона, амалияи ҷорӣ намудани намудҳои нави ҷазо ҳамчун алтернатива ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар фаъолияти судҳо ҳам дар ҶТ ва ҳам дар кишварҳои дигари пасошуравӣ нишон медиҳад, ки дар истифодаи ҷазоҳои алтернативӣ камаҳаммиятӣ ё истифодаи нокофӣ ҷой дорад. Дар КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон[114], КҶ Украина[115], КҶ Ҷумҳурии Беларус[116], КҶ Гурҷистон[117], КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон[118], КҶ Федератсияи Русия[119] ва дигар кишварҳо ҷарима, корҳои ислоҳӣ ва корҳои ҳатмӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд намудани озодӣ пешбинӣ шудааст.

Асосан дар қонунгузории ҷиноятии бештари давлатҳои пасошуравӣ танҳо як намуди корҳои ислоҳӣ–корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кори маҳкумшуда муқаррар шудааст (м. 49 КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон, м. 52 КҶ Ҷумҳурии Беларус, м. 45 КҶ Гурҷистон, м. 57 КҶ Украина, м. 42 КҶ Қазоқистон, м. 64 КҶ Қирғизистон).

Тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои дигар (ФР, Туркманистон, Ӯзбекистон) корҳои ислоҳӣ ҳам дар ҷойи кори маҳкумшуда ва ҳам дар ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ҷазо муайян менамоянд адо мегардад.

---

[114] Уголовный кодекс Республики Узбекистан [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz/document/?doc_id=30421110 (дата обращения: 12.08.2021).

[115] Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 года, №2341-III (с изменениями и дополнениями по состоянию на 13.07.2023 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30418109 (дата обращения: 26.08.2023).

[116] Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года, №275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.10.2023 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/document/?doc_id=30414984 (дата обращения: 22.10.2023).

[117] Уголовный кодекс Грузии [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://matsne.gov.ge/ru/document/view/16426?publication=229 (дата обращения: 23.08.2022).

[118] Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 года, №226-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.09.2023 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz/m/document?doc_id=31575252 (дата обращения: 13.09.2023).

[119] Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 года, №63-ФЗ (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.10.2023 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30397073 (дата обращения: 17.10.2023).

Дар пайгирии вақти таъин намудани корҳои ислоҳӣ, бояд қайд намуд, ки тамоюли тақрибан муҳлатҳои якхелаи таъини корҳои ислоҳӣ мавҷуданд: дар Украина, Ҷумҳурии Беларус аз 6 моҳ то 2 сол[120]. Дар м. 45 КҶ Гурҷистон, корҳои ислоҳӣ ба муҳлати аз як то ду сол муқаррар карда шудааст[121]. Муддати тулонитарини адои корҳои ислоҳӣ дар КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон[122] аз шаш моҳ то се сол (қ. 2 м. 46 КҶ ) ва КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон[123] аз ду моҳ то се сол (қ. 1 м. 64 КҶ) муқаррар карда шудааст.

КҶ Федератсияи Россия қ. 1 м. 50 ва КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон дар м. 49 муҳлати адои корҳои ислоҳиро аз ду моҳ то ду сол муқаррар намудаанд.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон батанзимдарории корҳои ислоҳӣ дар фарқият аз давлатҳои дигари пасошуравӣ хусусиятҳои фарққунанда дорад.

Корҳои ислоҳӣ мутобиқи қ. 1 м. 42 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон[124] ситонидани маблағе мебошад, ки дар доираи муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ба андозаи миқдори муайяни нишондиҳанда барои ҳисобҳои моҳона мувофиқ, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон муқаррар шудааст ва дар лаҳзаи содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ амал менамояд, таъин мегардад.

Ҳамин тавр, яке аз навовариҳо дар танзими ҳуқуқии иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ мутобиқи КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон тартиби иҷро намудани он ба ҳисоб меравад. Барои кирдори ҷиноятӣ корҳои ислоҳӣ дар доираи аз бист то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳои моҳона, барои ҷиноят дар доираи аз дусад то даҳ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳои моҳона муқаррар шудааст. Вобаста ба ин хусусияти батанзимдарории корҳои ислоҳӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар он ифода мегардад, ки давомнокии адои корҳои ислоҳӣ мутобиқи муқаррароти қонуни ҷиноятӣ аз андозаи

---

[120] Уголовный кодекс Украины [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30418109 (дата обращения: 26.08.2023).
[121] Уголовный кодекс Грузии [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://matsne.gov.ge/ru/document/view/16426?publication=229 (дата обращения: 23.08.2022).
[122] Уголовный кодекс Республики Узбекистан [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/document/?doc_id=30421110 (дата обращения: 19.10.2022).
[123] Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года, №127 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 10.10.2023 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/m/document?doc_id=34350840 (дата обращения: 18.10.2023).
[124] Уголовный кодекс Республики Казахстан [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/m/document?doc_id=31575252 (дата обращения: 13.09.2023).

нишондиҳанда барои ҳисобҳои моҳонаи таъингардида вобаста мебошад. Ба таври дигар муҳлати корҳои ислоҳӣ бо моҳҳо ва солҳо ҳисоб карда намешавад. Аз ин ба хулоса омадан мумкин аст, ки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон намуди мазкури ҷазоро ба ситонидани маблағ вобаста намудааст, ки моҳиятан ба ҷазои ҷарима наздик мебошад.

Нуқтаи асосӣ дар танзими корҳои ислоҳӣ ҷойи иҷрои онҳо–ҷойи кори асосии маҳкумшуда мебошад. Ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар корхона, муассиса, ташкилот, сарфи назар аз шакли моликият дар маҳалли кори маҳкумшуда, ки дар он шахс тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба кор қабул карда шуда, вазифаҳои меҳнатӣ (хизматӣ)-ро иҷро мекунад ва музди меҳнат мегирад, адо карда мешавад.

Масалан, дар қ. 1 м. 46 КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон, қайд карда мешавад, ки корҳои ислоҳӣ дар маҳалли кори маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ин намуди ҷазо муайян мекунанд, адо мегарданд[125]. Дар баробари ин дар КҶ Ӯзбекистон ишора нашудааст, ки ҷойҳое, ки дар он корҳои ислоҳӣ иҷро карда мешавад, бояд дар маҳалли истиқомати маҳкумшуда бошад.

Аз қ. 1 м. 50 КҶ КҶ ФР[126], ба монанди м. 52 КҶ ҶТ бармеояд, ки дар ҳолатҳои таъин шудани корҳои ислоҳӣ дар ҷойҳои дигар объекте, ки дар он маҳкумшуда ҷазоро адо менамояд, бояд дар маҳалли зисти ӯ қарор гирифта бошад.

Раванди фаъолият дар ҷойи асосии кор мушкил мегардад, агар маҳкумшуда бо ин ё он сабаб кореро аз рӯйи ихтисоси худ ё бо хоҳиши худ иҷро карда натавонад. Баъзе муаллифон пешниҳод мекунанд, ки дар қонун ҳуқуқи ба таври ҳатмӣ равон намудани маҳкумшуда ба кор ва бидуни дарназардошти ихтисос мустаҳакам карда шавад[127].

---

[125] Уголовный кодекс Республики Ӯзбекистан [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz/document/?doc_id=30421110 (дата обращения: 19.10.2022).

[126] Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 года, №63-ФЗ (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.10.2023 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30397073 (дата обращения: 17.10.2023).

[127] Ниг.: Михлин А.С. Исправительные работы как альтернатива лишению свободы / А.С. Михлин // Развитие альтернативных санкций в Российской уголовной юстиции: сб. материалов междунар. конф. – М., 2002. – С. 49.

Унсури дигари сазодиҳии корҳои ислоҳӣ ин нигоҳ доштани маблағи муайян аз музди меҳнатӣ маҳкумшуда ба ҳисоб меравад. Андозаи нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнатӣ маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ ба таври гуногун муайян шудааст. Масалан, мувофиқи қ. 2 м. 45-и КҶ Гурҷистон ҳангоми таъин намудани корҳои ислоҳӣ аз музди меҳнати маҳкумшуда маблағ аз ҳаҷми на камтар аз панҷ ва на зиёдтар аз бист фоиз бо ҳукми суд ба фоидаи давлат нигоҳ дошта мешавад[128]. Ҳамин гуна андозаи нигоҳдошт, яъне аз панҷ то бист фоизи музди меҳнати маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ ба фоидаи давлат дар КҶ Озарбойҷон[129], Федератсияи Россия[130] ва Туркманистон[131] муайян шудааст.

Дар доираи қ. 2 м. 42 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон «Корҳои ислоҳӣ бо роҳи нигоҳ доштан ва ба Фонди ҷуброни ҷабрдидагон интиқол додани ҳармоҳа аз даҳ то панҷоҳ фоизи музди меҳнати маҳкумшуда, бо нигоҳдории маблағҳое, ки бояд давра ба давра аз ҳисоби алимент, ҷуброни зиёне, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба саломатӣ, инчунин фавти саробон пардохт шавад, иҷро карда мешавад[132].

Ҳамин тавр, хусусияти фарқкунандаи нигоҳдошт аз музди меҳнат мутобиқи КИҶ Ҷумҳурии **Қазоқистон дар он мебошад, ки маблағҳои нигоҳдошташуда на ба фоидаи давлат, балки ба Фонди ҷуброни зарари ба ҷабрдида расонидашуда гузаронида мешаванд. Ба андешаи мо меъёри ба ин монанд, бояд ба КҶ ва КИҶҶ ҶТ вобаста ба иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ дохил карда шавад, чунки дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳое, ки барои онҳо дар санксияи моддаҳои қисми махсуси КҶ имконияти таъини**

[128] Уголовный кодекс Грузии [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://matsne.gov.ge/ru/document/view/16426?publication=229 (дата обрацения: 23.08.2022).
[129] Уголовный кодекс Азербайджанской Республики (утвержден Законом Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 года, №787-IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 30.05.2023 г.) [Электроный ресурс]. – режим доступа: https://online.zakon.kz/Documenкодект/?oc_id=30420353; (дата обращения: 19.10.2023).
[130] Уголовный кодекс Российской Федерации [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30397073 (дата обращения: 17.10.2023).
[131] Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года, №222-I (с изменениями и дополнениями по состоянию на 30.09.2023 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz/document/?doc_id=30421110 (дата обращения: 12.10.2023).
[132] Уголовный кодекс Республики Казахстан [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz/m/document?doc_id=31575252 (дата обращения: 13.09.2023).

**ҷазои корҳои ислоҳӣ муқаррар шудааст, зарар дар бештар ҳолатҳо на фақат, ба манфиатҳои давлат, балки ба манфиатҳои шахсони алоҳида ва ташкилотҳо расонида мешавад.**

Мувофиқи қ. 2 м. 52 КҶ Ҷумҳурии Беларус[133] ва қ. 1 м. 64 КҶ Қирғизистон[134] андозаи нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнат ба фоидаи давлат, дар ҳудуди аз даҳ то бисту панҷ фоиз муқаррар шудааст. КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар қ. 1 м. 46 андозаи нигоҳ доштани музди меҳнати маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ ба фоидаи давлатро аз даҳ то сӣ фоиз муайян мекунад[135].

Нигоҳдошт аз музди меҳнат, ки бо ҳукми суд муайян шудааст, аз ҳама намуди маоши маҳкумшуда дар ҷойи кори асосӣ ҳангоми пардохти маош барои ҳар як моҳи коркардшуда (КИҶ Ӯзбекистон, ФР, Белорус, Қазоқистон), новобаста аз мавҷуд будани шикоят ба ҳуҷҷати иҷрокунандаи ӯ (ФР, Белорус, Қазоқистон) ба амал баровarda мешавад.

Нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнати маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ мутобиқи қонунгузории Озарбойҷон хусусияти фарққунанда дорад. Дар Кодекси Ҷумҳурии Озарбойҷон дар бораи иҷрои ҷазо[136] муқаррар шудааст, ки нигоҳ доштан аз музди меҳнати шахсони ба ҷазои корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда аз тамоми маош, бо дохил шудани андозҳо ва дигар пардохтҳо, инчунин новобаста аз варақаи иҷроия анҷом дода мешавад. Инчунин аз ҷойи кори шахсони дар якчанд ҷой коркунанда низ мабалаҒи пулӣ нигоҳ дошта мешавад (м. 46).

Ҳамин тавр доираи пардохтҳое, ки аз он нигоҳ доштани маблағ анҷом дода мешавад, дар қонунгузории иҷро ҷазои ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ ба таври гуногун ҳал шудааст. Мутобиқи Кодекси иҷрои ҷиноятии Ҷумҳурии

---

[133] Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года, №275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.10.2023 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/document/?doc_id=30414984 (дата обращения: 22.10.2023).

[134] Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года, №127 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 10.10.2023 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/m/document?doc_id=34350840 (дата обращения: 18.10.2023).

[135] Уголовный кодекс Республики Узбекистан [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz/document/?doc_id=30421110 (дата обращения: 19.10.2022).

[136] Кодекс Азербайджанской Республики об исполнении наказаний (утвержден Законом Азербайджанской Республики от 14 июля 2000 года, №908-IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 17.02.2023 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz/document/?doc_id=30421110 (дата обращения: 12.08.2023).

Қазоқистон, Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Беларус, инчунин дар Федератсияи Россия, нигоҳ доштани маблағ танҳо дар ҷойи кори асосии маҳкумшуда амалӣ карда мешавад. Дар Украина, Ҷумҳурии Озарбойҷон, нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнат дар ҷойҳои дигари корӣ низ имконпазир мебошад.

Тафовут дар муҳлати иҷрои ҳукмҳо ба корҳои ислоҳӣ низ ба назар мерасад, ки чунин муҳлат дар қонунгузории иҷрои ҷиноятии давлатҳои мазкур ба таври гуногун муқаррар шудааст. Масалан, дар қ. 2 м. 39 КИҶҶ ҶТ, муҳлати иҷрои ҳукмҳо оид ба корҳои ислоҳӣ на дертар аз даҳ рӯз аз рӯзи ба нозироти корҳои ислоҳӣ расидани фармоиши дахлдори суд бо нусхаи ҳукм (таъинот, қарор) муайян шудааст.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон, ин давра, ба монанди ҶТ на дертар аз 10 рӯзи ба мақомоти пробатсия расидани қарори ба қувваи қонунӣ даромадаи суд муайян шудааст (қ. 3 м. 53 Кодекси иҷрои ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон)[137].

Қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Туркманистон (қ. 2 м. 33)[138], Ҷумҳурии Белорус (қ. 2 м. 37)[139] муқаррар менамоянд, ки маҳкумшуда на дертар аз 15 рӯз, КИҶ ФР на дертар аз 30 рӯз (қ. 2 м. 39 КИҶ ФР) ба кор ҷалб карда мешавад.

Дар як қатор кодексҳои ҷиноятӣ маҳдудиятҳо барои таъини корҳои ислоҳӣ нисбати категорияҳои алоҳидаи шахсон пешбинӣ шудааст. Масалан мутобиқи қ. 3 м. 52 КИҶ Ҷумҳурии Белорус ҷазои мазкур нисбати шахсони ба синни 16-солагӣ нарасида; шахсони ба синну соли нафақа расида; занони ҳомила; шахсони бо сабаби нигоҳубини кудак дар рухсатибуда; маъюбони гурӯҳҳои I ва II; хизматчиёни ҳарбӣ ва дар захирабуда; шаҳрвандони хориҷӣ ва доимӣ дар Ҷумҳурии Белорус истиқоматнакунанда; шахсони гирифтори

---

[137] Уголовно-исполнительный кодекс Кыргызской Республики от 31 января 2017 года, №17 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 28.10.2021 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: //https://continent-online.com/Document/?doc_id=36120659#pos=635;-50 (дата обращения: 11.03.2023).

[138] Уголовно-исполнительный кодекс Туркменистана от 25 марта 2011 года, №164-IV (с изменениями и дополнениями по состоянию на 20.11.2022 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz/document/?doc_id=30421110 (дата обращения: 11.03.2023).

[139] Уголовно-исполнительный кодекс Республики Беларусь от 11 января 2000 года, №365-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 30.06.2022 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30414827&doc_id2 (дата обращения: 11.03.2023).

шакли фаъоли бемории сил, ки ҷойи доимии истиқомат надоранд таъин карда намешаванд[140].

Доираи нисбатан маҳдуди шахсоне, ки нисбати онҳо ҷазои корҳои ислоҳӣ таъин намешавад, дар КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон муқаррар шудааст, ки мувофиқи он ҷазои мазкур ба шахсони зерин таъин намегардад: шахсони ғайри қобили меҳнат ё шахсоне, ки ҷойи кори доимӣ надоранд ё дар муассисаҳои таълимӣ бо ҷудо шудан аз истеҳсолот таҳсил менамоянд (қ. 7 м. 42 КҶ)[141].

Қонунгузории аксарияти давлатҳои пасошуравӣ ба маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ иҷозат намедиҳад, ки бидуни иҷозати мақомоти иҷрокунандаи ҷазо бо ҳоҳиши худ аз кор озод шаванд. Танҳо дар Кодекси Ҷумҳурии Озарбойҷон дар бораи иҷрои ҷазо чунин маҳдудият муқаррар нашудааст.

Масъалаи алоҳида, ин ба собиқаи кории маҳкумшуда дохил намудани вақти адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ мебошад, зеро фаъолияти меҳнатии маҳкумшуда аз кори дигар шахсоне, ки чунин ҷазоро адо намекунанд, тафовут надорад.

Мутбиқи қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии баъзе аз давлатҳои пасошуравӣ, ба монанди КИҶҶ ҶТ муҳлати адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ба собиқаи кории умумӣ дохил мешавад (ФР, Туркманистон, Озарбойҷон, Украина).

Қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳуриҳои Беларус, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Гурҷистон ягон муқаррарот дар хусуси ба собиқаи корӣ дохил намудани вақти адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳиро пешбинӣ накардаанд.

Қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ дар масъалаи ба танзим даровардани пешниҳод намудани рухсатӣ ба шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда ба таври гуногун муносибат намудааст. Дар КИҶ ФР

[140] Уголовно-исполнительный кодекс Республики Беларусь от 11 января 2000 года, №365-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 30.06.2022 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30414827&doc_id2 (дата обращения: 11.03.2023).
[141] Уголовный кодекс Республики Казахстан [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz/m/document?doc_id=31575252 (дата обращения: 13.09.2023).

давомнокии рухсатӣ, ба монанди КИҶҶ ҶТ ҳаждаҳ рӯзи корӣ муқаррар шудааст.

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳуриҳои Белорус (қ. 7 м. 38 КИҶ), Озарбойҷон (м. 44.3 Кодекс дар бораи иҷрои ҷазо) рухсатӣ бе ягон маҳдудият дар асоси бо қонунгузории меҳнат муқарраршуда пешниҳод мегардад ва вақти дар рухсатӣ будан ба муҳлати ҷазо ба ҳисоб гирифта мешавад.

Танҳо дар КИҶ Украина[142] дар меъёри алоҳида муайян шудааст, ки муҳлати рухсатии ҳарсола ба муҳлати адои ҷазо ба ҳисоб гирифта намешавад (қ. 2 м. 42 КИҶ Украина).

Қонунгузории Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон дар ин масъала ягон нишондод надоранд, яъне аз ин ба хулоса омадан мумкин аст, ки пешниҳод намудани рухсатӣ ба шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда аз рӯйи асосҳои умумӣ мутобиқи қонунгузориҳои меҳнатии ҷумҳуриҳои мазкур ҳал мегардад. Муддати он тибқи қонунгузории меҳнат муқаррар карда шудааст ва ба раванди гуманизатсияи истифодаи ин ҷазо комилан мувофиқ аст.

Ин ҷо ба андешаи мо мавқеи давлатҳое бештар қобили қабул мебошанд, **ки тартиб ва муҳлати пешниҳод намудани рухсатиро ба қонунгузории меҳнат ҳавола месозанд, ки ин ба раванди гуманизатсияи истифодаи ин ҷазо комилан мувофиқ аст.**

**Назар ба қонунгузории меҳнат дар КИҶҶ ҶТ пешбинӣ шудани муҳлати камтари рухсатӣ ҳуқуқмаҳдудкуние ба ҳисоб меравад, ки ба мазмуни сазодиҳии ҷазои корҳои ислоҳӣ дохил намешавад ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ наметавонад мустақилона ҳуқуқмаҳдудкуниҳои** хусусияти сазодиҳидоштаро муқарррар созад.

Қобили зикр аст, ки муносибати қонунгузор дар Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба давомнокии рухсатии маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ мебошад. Муддати он тибқи қонунгузории

---

[142] Уголовно-исполнительный кодекс Украины от 11 июля 2003 года, №1129-IV (с изменениями и дополнениями по состоянию на 09.02.2023 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30418034&doc_id2=30418034#activate_doc=2&pos=6; (дата обращения: 13.06.2023).

меҳнат муқаррар карда шудааст ва ба раванди гуманизатсияи истифодаи ин ҷазо комилан мувофиқ аст.

Меъёрҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии бештари давлатҳои пасошуравӣ муқаррарот дар бораи анҷом додани корҳои таъсиррасонии тарбиявӣ ба маҳкумшудагонро пешбинӣ менамоянд.

Гузаронидани корҳои тарбиявӣ мутобиқи қонунгузориҳои иҷрои ҷазои Ҷумҳуриҳои ФР, Озарбойҷон, Белорус, ба монанди КИҶҶ ҶТ ба зиммаи мақомоти иҷрои ҷазо гузошта шуда, маъмурияти ҷойи кори маҳкумшуда ба он муосидат менамояд.

Дар қонунгузории иҷрои ҷиноятии Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Украина дар боби батанзимдарорандаи иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ меъёри бевоситаи уҳдадоркунанда барои анҷом додани корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагон муқаррар нашудааст.

Вале дар меъёрҳои дигари қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии ин давлатҳо ва дар қонунҳои алоҳидаи онҳо, ки фаъолияти чунин мақомотро ба танзим медароранд, анҷом додани корҳои тарбиявӣ, ҳамчун яке аз вазифаҳои онҳо муайян шудааст. Бояд зикр намуд, ки мутобиқи қонунгузории кишварҳои мазкур иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ба зиммаи мақомоти пробатсионӣ гузошта шудааст. Масалан, мутобиқи КИҶ Ҷумҳурии Қазоқистон иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ аз ҷониби хидмати пробатсионӣ анҷом дода мешавад.

Пробатсия ин низоми намудҳои фаъолият ва чораҳои фардӣ муайяншавандаи хусусияти назоратӣ ва иҷтимоиву ҳуқуқидоштае мебошад, ки барои ислоҳи рафтори шахсони категорияи онҳо дар қонун муқарраршуда, барои пешгирии аз тарафи онҳо содир шудани ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ равона шудааст (қ. 7 м. 3 КИҶ Қазоқистон).

Хидмати пробатсионӣ мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (пенитенсиарӣ) ба ҳисоб меравад, ки вазифаҳои иҷро ва амрдиҳиро оид ба таъмин намудани иҷрои ҷазоҳо бе ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа, инчунин

ташкил ва иҷрои вазифаҳои пробатсияро амалӣ месозад (қ. 8 м. 3 КИҶ Қазоқистсон)[143].

Мутобиқи қ. 3 м. 41 КИҶ Украина низ назорат аз болои иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ба зиммаи мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои пробатсия гузошта шудааст. Гарчанде КИҶ Украина дар қатори ваколатҳои мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои пробатсия бевосита ба гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ ишора насозад ҳам, вале мутобиқи Қонуни Украина «Дар бораи пробатсия» аз 5 феврали соли 2015, №160-VIII[144] ба сифати яке аз вазифаҳои пробатсия гузаронидани корҳои иҷтимоиву тарбиявӣ бо маҳкумшудагон (м. 1) муқаррар шудааст.

Муҳокима дар бораи таъсиси хадамоти пробатсия дар дигар давлатҳои пасошуравӣ низ идома доранд[145] ва ҳоло ҳалли ин масъала махсусан таъхирнопазир аст. Дар натиҷаи гуманизатсия ва либерализатсияи қонунгузории ҷиноятӣ шумораи онҳое, ки ба ҷазоҳои бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд ва дигар чораҳои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятидошта меафзоянд. Ҳамаи ин ислоҳоти фаврии низоми амалисозии чораҳои алтернативии маҳрум сохтан аз озодиро бо тадриҷан ба зиммаи муассисаи ислоҳӣ вогузор намудани вазифаҳои иловагии **иҷтимоӣ тақозо мекунад, масалан, расонидани кумаки иҷтимоӣ ба шахсони таҳти назорат қарордошта, ки ин аломат хоси хадамоти пробатсионӣ мебошад. Ҳамин тавр, дар мисоли Ҷумҳурии Қазоқистон, Украина ва Қирғизистон дар кишвари мо низ ташкили хадамоти пробатсия мувофиқи мақсад аст.**

---

[143] Уголовно-исполнительный кодекс Республики Казахстан от 5 июля 2014 года, №234-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.07.2023 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz/m/document?doc_id=31575252 (дата обращения: 13.09.2023).

[144] Закон Украины от 5 февраля 2015 года, №160-VIII «О пробации» (с изменениями по состоянию на 21.12.2016 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=73543 (дата обращения: 13.05.2022).

[145] Ниг.: Ермасов Е., Дегтярева О. Проблемы создания службы пробации в России / Е. Ермасов, О. Дегтярева // Преступление и наказание. – 2015. – №10. – С. 21-23; Малолеткина Н.С. О целесообразности полного внедрения института пробации в современную пенитенциарную систему / Н.С. Малолеткина // Уголовно-исполнительная система: право, экономика, управление. – 2014. – №2. – С. 15-16; Уткин В.А. Европейские правила о пробации и проблемы их реализации / В.А. Уткин // Вестник Том. гос. ун-та. Сер. Право. – 2012. – №1. – С. 17-49.

Дар масъалаи муқаррар намудани чораҳои ҳавасмандгардонии шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда қонунгузориҳои иҷрои ҷазои ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ ба таври гуногун амал намудаанд.

Масалан, мутобиқи м. 46 КИҶ Украина молики корхона, муассиса, ташкилот ё мақомоти ваколатдор намудани он нисбати маҳкумшуда ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ метавонад чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозотии дар қонунгузорӣ дар бораи меҳнат пешбинишударо татбиқ намояд.

Мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои пробатсия барои рафтори намунавӣ ва муносибати софдилона ба меҳнат нисбати маҳкумшуда метавонад чораҳои зерини ҳавасмандгардониро татбиқ созад: ба суд пешниҳод намудани маводҳо дар бораи шартан пеш аз муҳлат озод намудани маҳкумшуда аз ҷазо; ба ҳисоб гирифтани муҳлати рухсатии ҳарсола ба муҳлати адои ҷазо.

Дар КИҶ Ӯзбекистон меъёр дар бораи чораҳои ҳавасмангардонии шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда ҷой надорад, гарчанде дар КҶ давлати мазкур имконияти ба чунин маҳкумшудагон татбиқ гаштани шартан пеш аз муҳлат озод намудан аз адои ҷазо ва бо ҷазои сабуктар иваз намудани қисми адонашуда, аз ҷумла ҷазои корҳои ислоҳӣ пешбинӣ шудааст.

Дар Кодекси Ҷумҳурии Озарбойҷон дар бораи иҷрои ҷазо низ чораҳои ҳавасмандгардонӣ мумкин аст ҳам аз тарафи корфармо ва ҳам аз тарафи шахси мансабдори мақомоти иҷро татбиқ гардад. Корфармо мумкин аст ба маҳкумшуда дар корҳои ислоҳӣ чораҳои мукофотӣ ва интизомиеро татбиқ намояд, ки дар қонунгузории меҳнат пешбинӣ шудаанд (м. 49).

Шахси мансабдори мақомоти иҷро барои рафтори намунавии маҳкумшуда метавонад раҳматнома эълон намояд ё чораи муҷозотии қаблан гузошташударо бекор созад (м. 50)[146].

Бояд зикр намуд, ки мутобиқи Қонуни ҷиноятии Озарбойҷон имконияти шартан пеш аз муҳлат озод намудан аз адои ҷазо ва бо ҷазои сабуктар иваз

---

[146] Кодекс Азербайджанской Республики об исполнении наказаний (утвержден Законом Азербайджанской Республики от 14 июля 2000 года, №908-IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 17.02.2023 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz/document/?doc_id=30421110 (дата обрацения: 17.02.2023).

намудани қисми адонашуда, аз ҷумла ҷазои корҳои ислоҳӣ пешбинӣ шудааст, вале ба сифати чораи ҳавасмандгардонӣ муқаррароти мазкур бевосита дар Кодекси Ҷумҳурии Озарбойҷон дар бораи иҷрои ҷазо мустаҳкам нашудааст.

Доираи нисбатан васеи ваколатҳои мақомоти иҷрокунандаи ҷазо дар мавриди татбиқ намудани чораҳои ҳавасмандгардонӣ дар КИҶ Белорус муайян шудааст. Барои рафтори хуб ва муносибати софдилона ба меҳнат нозироти иҷрои ҷиноятӣ метавонанд нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ чораҳои зерини ҳавасмандгардониро истифода барад: эълон намудани раҳматнома; пеш аз муҳлат бардоштани муҷозоти қаблан гузошташуда. Ғайр аз ин мақомоти иҷрокунандаи ҷазо метавонад чунин маҳкумшудагонро, ки ба таври қатъӣ ба роҳи ислоҳшавӣ ворид шудаанд, ё ислоҳ шудани худро исбот намудаанд, барои бо ҷазои сабуктар иваз намудани қисми адонашудаи ҷазо ё шартан пеш аз муҳлат озод намудан аз ҷазо пешниҳод намоянд (м. 42 КИҶ Белорус).

КИҶ Қирғизистон, Қазоқистон, ФР ягон чораи ҳавасмандгар-дониро нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ пешбинӣ накардаанд. Гарчанде дар КҶ Қазоқистон имконияти татбиқ гаштан бо ҷазои сабуктар иваз намудани қисми адонашудаи ҷазо ё кам кардани муҳлати ҷазои таъингардида, аз ҷумла нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ муқаррар шудааст. Имконияти шартан пеш аз муҳлат озод намудан аз адои ҷазо мутобиқи КҶ давлатҳои мазкур нисбати ҷазои корҳои ислоҳӣ пешбинӣ нагаштааст.

Масъали дигар ба танзим даровардани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ва барои саркашӣ намудан аз адои он ба ҳисоб меравад. Дар қонунгузории ҶТ ҷавобгарии маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ дар м. 47 КИҶҶ ҶТ ба танзим дароварда шудааст. Диспозитсияи меъёри мазкур ва меъёрҳои дахлдори дигар давлатҳои пасошуравиро мумкин аст шартан ба се қисм ҷудо намуд: якум, танзими вайрон намудани тартиб ва шартҳои адои ҷазо аз тарафи маҳкумшуда, дуюм, ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои ҷазо ва чораҳои ҷавобгарӣ барои он, сеюм, муқаррар намудани факти пинҳон шудани

маҳкумшуда аз маҳалли истиқомат ва амали мақомоти дахлдор дар бораи дар кофтуков эълон намудани ӯ.

Дар аксари кишварҳои ИДМ номгуйи амалҳое, ки ҳамчун вайрон намудани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ муқаррар гардидаанд, ба назари мо, асоснок ва дар муқоиса бо қонунгузории ҶТ пурратар ба назар мерасад. Ҳамин тавр, м. 43 КИҶҶ Ҷумҳурии Беларус вайрон намудани тартиб ва шароити адои ҷазо аз ҷониби маҳкумшудагони ҷазои баррасишуда инҳо эътироф мегарданд:

1) дар давоми понздаҳ рӯз ба кор дохил нашудан;

2) аз бақайдгирӣ саркашӣ намудан дар мақомоти иҷрокунандаи ҷазои мазкур;

3) бе сабабҳои узрнок рад намудани кори ба ӯ пешниҳодшуда;

4) бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудан ба нозироти иҷрои ҷазо;

5) бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудан ба нозироти иҷрои ҷазо;

6) ба кор наомадан (аз ҷумла зиёда аз се соат дар давоми рӯз ба кор набаромадан) бе сабабҳои узрнок;

7) дар ҷойи кор дар ҳолати мастӣ ё дар ҳолате, ки истеъмоли воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, шабеҳи онҳо, моддаҳои заҳрнок ва ё дигар масткунанда, инчунин нӯшидани нӯшокиҳои спиртӣ, камшакл, истеъмоли нашъа маводи нашъаовар, моддаҳои психотропӣ, ҳаммонанди онҳо, моддаҳои заҳрнок ё дигар моддаҳои мадҳушкунанда дар ҷойи кор ё дар вақти корӣ;

8) қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо мувофиқаи тарафҳо ё бо хоҳиши маҳкумшуда бе розигии хаттии нозироти иҷрои ҷазо

9) иҷро накардани манъи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян.

Ҳамин тавр, қонунгузории иҷрои ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус чунин амалҳои маҳкумшудагон, ба монанди рад кардани маҳкумшуда аз кори пешниҳодшуда, озод шудан аз ҷойи кор бидуни розигии нозироти иҷрои ҷазоро дар бар мегирад. Бояд қайд намуд, ки вайронкуниҳои дар боло зикршуда, ба монанди кори пешниҳодшударо рад намудани маҳкумшуда,

озод шудан аз ҷойи кор бидуни розигии нозироти иҷрои ҷазо, иҷро накардани манъи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян масъулияти маҳкумшуда тибқи қонунгузории ҶТ низ мебошад, аммо мутобиқи меъёрҳои КИҶҶ ҶТ ҳуқуқтатбиқкунанда онҳоро наметавонад ҳамчун вайронкунии тартиб ва шароити адои ҷазо ҳисоб намояд ва барои содир намудани онҳо ба маҳкумшуда огоҳӣ диҳад.

Қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии Украина ҳолатҳои зеринро саркашӣ намудан аз адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ҳисоб менамояд: мунтазам иҷро накардани уҳдадориҳои муқарраршуда; вайрон намудани тартиб ва шароити адои ҷазо; содир намудани кирдоре, ки боиси ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан гардидааст; дар давоми як моҳ зиёда аз ду маротиба ба кор наомадан, инчунин зиёда аз ду маротиба интизоми меҳнатиро вайрон кардан ё ба кор дар ҳолати мастӣ, дар ҳолати мастии нашъамандӣ ё токсикоманӣ баромадан (қ. 6 м. 46 КИҶ Украина).

Дар фарқият аз м. 47 КИҶҶ ҶТ саркашӣ намудани маҳкумшуда аз адои ҷазои корҳои ислоҳӣ мутобиқи КИҶ Украина вайрон намудани ҳама уҳдадориҳои дар ҳамин кодекс барои маҳкумшудагон ба намуди мазкури ҷазо муқарраршуда ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, мутобиқи қ. 6 м. 41 КИҶ Украина маҳкумшудагон уҳдадоранд: тартиб ва шартҳои адои ҷазоро риоя намоянд; ба меҳнат софдилона муносибат кунанд; бо кор таъмин шаванд ё мувофиқи роҳхати мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои пробатсия барои ба қайд гузоштан ба мақомоти давлатии хизмати шуғли аҳолӣ барои ба сифати бекор ба қайд гирифтан муроҷиат намоянд, агар дар вақти иҷрои ҳукм онҳо кор накунанд ё мутобиқи қонунгузории меҳнат аз кор озод карда шуда бошанд, ба мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои пробатсия дар бораи тағйир ёфтани маҳалли истиқоматашон хабар диҳанд; бо мақомоти мазкур иваз намудани ҷойи кори худро мувофиқ намоянд; бо даъвати мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои пробатсия ҳозир шаванд.

Мутобиқи қ. 1 м. 47 КИҶҶ ҶТ бошад, номгуйи мазкури уҳдадориҳо бо амалҳои муайян маҳдуд гаштааст, яъне вайрон намудани на ҳама уҳдадориҳои ба зиммаи маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ гузошташуда вайрон

намудани тартиб ва шартҳои адои ҷазо эътироф мешавад. Масалан, дар хусуси тағйир ёфтани ҷойи кор ё ҷойи истиқомат огоҳ намудани нозироти корҳои ислоҳӣ. Агар ҷавобгарӣ барои вайрон намудани ин ё он уҳдадорӣ ё манъкуниҳои бо қонун муқарраршуда (масалан, қ. 3 м. 40 КИҶҶ ҶТ манъи бидуни иҷозати хаттии нозироти корҳои ислоҳӣ бо ҳоҳиши худ аз кор озод шудани маҳкумшударо ба танзим медарорад; қ.5 м.40 маҳкумшударо уҳдадор месозад, ки дар мавриди тағйир ёфтани ҷойи кор ё ҷойи истиқомат дар давоми даҳ рӯз нозироти корҳои ислоҳиро огоҳ созад) ҷой надошта бошад, пас чунин меъёрҳо дар назди маҳкумшуда ва мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда, ҳамчун меъерҳои эъломиявӣ, барои иҷро ғайриҳатмӣ боқӣ мемонанд.

**Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ мебошад, агар дар номгӯйи қ. 1 м. 47 КИҶҶ ҶТ банди алоҳида дар намуди «иҷро накардани уҳдадориҳои барои маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ муқарраршуда» дохил карда шавад ё бандҳои алоҳидаи дарбаргирандаи ҳама ҳолатҳои иҷро накардани уҳдадориҳои ба зиммаи маҳкумшудагон ба ҷазои мазкур илова карда шаванд.**

Қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии Украина ҳолатҳои ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои ҷазои корҳои ислоҳиро фарқ намекунад. Бинобар ин танҳо содир намудани яке аз амалҳои зикршуда боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мегардад.

Ба андешаи мо, **ҳамчун саркашӣ намудан аз адои корҳои ислоҳӣ эътироф намудани ҳолатҳои вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ ё амнияти ҷамъиятӣ, ки боиси ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан гардидааст, асоснок ба назар мерасад ва ин ҳолат бояд дар қ. 1 м. 47 КИҶҶ ҶТ ҳамчун вайрон** кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дохил карда шавад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ дар натиҷаи омузиши шахсияти маҳкумшудаи дар давраи адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ҷиноятӣ нав содирнамуда хулосабарорӣ мегардад, ки чунин маҳкумшудагон дар давраи адои ҷазо

тарзи ҳаёти солим набурда, шароити мусоид ба зиндагӣ надоштанд ва мунтазам ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир мекарданд[147].

Олимони дигар низ ба номгӯйи амалҳои вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дохил намудани содир гардидани ҳуқуқвайронкунии маъмуриро аз ҷониби чунин шахсон ба мақсад мувофиқ мешуморанд[148].

КИҶ Қазоқистон низ мафҳуми ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои корҳои ислоҳиро фарқ накарда танҳо саркашӣ намудан аз адои ҷазои мазкурро пешбинӣ намудааст, ки ба чунин сифат ҳолатҳои зерин эътироф мешаванд: такроран дар давоми сол иҷро накардани уҳдадориҳои бо қ. 1 м. 53 ҳамин Кодекс муқарраршуда (Уҳдадориҳои маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ); пинҳон шудан бо мақсади саркашӣ намудан аз адои ҷазо; баромада рафтан аз ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон.

Чи тавре мебинем, КИҶ Қазоқистон низ вайрон намудани ҳама гуна уҳдадории ба зиммаи маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ гузошташударо саркашӣ намудан аз адои ҷазо эътироф менамояд.

Дар фарқият аз КИҶ Украина чунин ҳолат танҳо дар мавриде боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад, ки агар он такроран дар давоми сол содир шуда бошад.

КИҶ Қирғизистон ба сифати вайрон намудани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ҳолатҳои зеринро номбар намудааст: сари вақт бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудан ба мақомоти пробатсия барои ба қайд гузоштан; вайрон намудани интизоми меҳнатӣ; сари вақт маълумот надодан дар бораи иваз намудани маҳалли истиқомат; сари вақт ба мақомоти

[147] Ниг.: Ольховик Н.В. О необходимой достаточности некарательных требований непенитенциарного режима / Н.В. Ольховик // Правовые проблемы укрепления российской государственности: сб. материалов. – Томск, 2013. – С. 66-67.

[148] Ниг.: Козаченко Б.П., Аммосова В.И. Ответственность осужденных за уклонение от отбывания наказания в виде исправительных работ в России и странах СНГ / Б.П. Козаченко, В.И. Аммосова // Борьба с преступностью: теория и практика. Тезисы докладов IV Международной научно-практической конференции. – 2016. – С. 134.

пробатсия пешниҳод накардани хабари хаттӣ дар бораи иваз намудани ҷойи кор (аз кор озод шудан) ва сабабҳои он (қ. 2 м. 58 КИҶ Қирғизистон)[149].

Дар фарқият аз КИҶҶ ҶТ ва КИҶ давлатҳои таҳлилшуда КИҶ Қирғизистон дар умум вайрон намудани интизоми меҳнатиро ҳамчун асоси вайрон намудани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ муқаррар намудааст.

КИҶ Қирғизистон мафҳуми ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои ҷазои корҳои ислоҳиро фарқ менамояд. Ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ такроран вайрон намудани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ, ки дар қ. 2 м. 58 КИҶ Қирғизистон нишон дода шудаанд, пас аз огоҳии хаттӣ дар бораи имконияти иваз намудани корҳои ислоҳӣ бо дигар намуди ҷазо эътироф мешавад.

Нуктаи ҷолиби дигари танзими корҳои ислоҳӣ дар кишварҳои пасошуравӣ муқаррар намудани мӯҳлатҳои муайян барои татбиқ намудани чораҳои муҷозотӣ ба ҳисоб меравад. Дар Кодекси Ҷумҳурии Озарбойҷон дар бораи иҷрои ҷазо муқаррар мешавад, ки агар аз рӯзи ошкор шудани ҳуқуқвайронкунӣ як моҳ гузашта бошад ба маҳкумшуда муҷозот таъин карда намешавад (қ. 2 м. 51). Бояд зикр намуд, ки Кодекси Ҷумҳурии Озарбойҷон дар бораи иҷрои ҷазо дар фарқият аз КИҶҶ ҶТ муайян менамояд, ки ҳангоми вайрон намудани қоидаҳои иҷрои ҷазо нисбати маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ шахси мансабдори мақомоти иҷро чораҳои муҷозотиро дар намуди огоҳӣ ё сарзаниш гузошта метавонад (қ. 1 м. 51).

КИҶ Ҷумҳуриҳои Беларус барои вайрон намудани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ аз ҷониби нозироти иҷро татбиқ намудани чунин чораҳои муҷозотиро муқаррар намудааст: сарзаниш; ба мӯҳлати то се моҳ муқаррар намудани ҳатман ҳозиршавӣ барои бақайдгирӣ дар нозироти иҷро на камтар аз ду маротиба дар як моҳ (қ. 3-1 м. 43).

[149] Уголовно-исполнительный кодекс от 31 января 2017 года, №17 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 28.10.2021 г.) [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://continent-online.com/Document/?doc_id=36120659#pos=696;-8 (дата обращения: 11.03.2023).

Тибқи КИҶ Белорус (қ. $3^1$ м. 43) ва Туркманистон (қ. 2 м. 39), маҳкумшуда муҷозотгардида ҳисобида намешавад, агар дар давоми як сол аз рӯзи содир шудани кирдор ба муҷозоти нав кашида нашуда бошад.

Дар сатҳи қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ ин масъалаҳо ба танзим дароварда нашудаанд. Бояд қайд намуд, ки дар фаъолияти амалии ҳуқуқтатбиққунии КИҶҶ ҶТ ҳангоми мурочиат ба судҳо оид ба масъалаи иваз намудани корҳои ислоҳи бо тартиби қ. 2 м. 52 КҶ ҶТ аксар вақт ихтилофҳо оид ба давраҳои мухлати кирдорҳои содиргардида ва баровардани огоҳӣ ба вуҷуд меоянд. Фарз мекунем, ки барои маҳкумшуда Ф. ба муддати 2 сол корҳои ислоҳӣ таъин шудааст. Маҳкумшуда огоҳии якумро дар давоми 1 моҳи санаи бақайдгирӣ гирифтааст. Огоҳии дуюм пас аз адои 1 солу 6 моҳ дода шуд. Дар фосилаи огоҳии аввал то баровардани дувум, маҳкумшуда бешубҳа тартиб ва шароити адои ҷазоро риоя мекард. Аммо, набудани санаи муҳлати муҷозотҳои таъиншуда сабаби ҳамчун саркашӣ аз корҳои ислоҳӣ эътироф мегардад ва нозироти корҳои ислоҳӣ водор мегарад, ки маводҳоро ба суд фиристад. Ба андешаи мо, муҳлатҳои адокардашавии муҷозотҳо, ки дар як қатор кишварҳои узви пасошуравӣ муқаррар шудаанд, манфиатҳои қонунии онҳоро ҳифз мекунанд. Муқаррар намудани чунин муҳлатҳо дар КИҶҶ ҶТ мувофиқи мақсад мебуд.

Ҳамин тавр, таҳлили қонунгузориҳои давлатҳои пасошуравӣ дар самти танзими тартиби иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ба хулосаҳои зерин овард:

1. Қонунгузории ҷиноятии як қатор давлатҳои пасошуравӣ танҳо як намуди корҳои ислоҳиро, яъне имконияти таъин гаштани ҷазои мазкурро танҳо нисбати маҳкумшудагоне нигоҳ доштаанд, ки ҷойи кори асосӣ доранд. Ҷазои мазкур мутобиқи қонунгузории ҷиноятии ин давлатҳо (Ҷумҳурии Ҷумҳурии Беларус, Украина, Гурҷистон, Озарбойҷон, Қирғизистон, Қазоқистон) нисбати маҳкумшудагони бекор таъин карда намешавад.

Тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои дигар (ФР, Туркманистон, Ӯзбекистон) корҳои ислоҳӣ ҳам дар ҷойи кори маҳкумшуда ва ҳам дар

ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ҷазо муайян менамоянд, адо мегардад.

2. Хусусияти фарқкунандаи нигоҳдошт аз музди меҳнат мутобиқи КИҶ Ҷумҳурии Қазоқистон дар он мебошад, ки маблағҳои нигоҳдошташуда на ба фоидаи давлат, балки ба Фонди ҷуброни зарари ба ҷабрдида расонидашуда гузаронида мешаванд. Ба андешаи мо меъёри ба ин монанд, бояд ба КҶ ва КИҶҶ ҶТ вобаста ба иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ дохил карда шавад, чунки дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳое, ки барои онҳо дар санксияи моддаҳои Қисми махсуси КҶ имконияти таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ муқаррар шудааст, зарар дар бештар ҳолатҳо на фақат, ба манфиатҳои давлат, балки ба манфиатҳои шахсони алоҳида ва ташкилотҳо расонида мешавад.

3. Ба шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон аз рӯйи асосҳои умумӣ тибқи қонунгузориҳои меҳнатии ҷумҳуриҳои мазкур рухсатии меҳнатӣ дода мешавад, яъне муҳлати он тибқи қонунгузории меҳнат муқаррар карда шудааст, ки ин ба раванди гуманизатсияи истифодаи ҷазои корҳои ислоҳӣ комилан мувофиқ аст.

Назар ба қонунгузории меҳнат дар КИҶҶ ҶТ пешбинӣ шудани муҳлати камтари рухсатӣ ҳуқуқмаҳдудкуние ба ҳисоб меравад, ки ба мазмуни сазодиҳии ҷазои корҳои ислоҳӣ дохил намешавад ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ наметавонад мустақилона ҳуқуқмаҳдудкуниҳои хусусияти сазодиҳӣ доштаро муқарррар созад.

4. Ислоҳоти фаврии низоми амалисозии чораҳои алтернативии маҳрум сохтан аз озодӣ бо тадриҷан ба зиммаи мақомоти иҷрои ҷазо вогузор намудани вазифаҳои иловагии иҷтимоиро тақозо мекунад, масалан, расонидани кумаки иҷтимоӣ ба шахсони таҳти назорат қарордошта, ки ин аломат хоси хадамоти пробатсионӣ мебошад. Бинобар ин, истифодаи таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон, Украина ва Қирғизистон оид ба ташкили хадамоти пробатсия ва ҷорӣ намудани он дар ҶТ мувофиқи мақсад аст.

5. Бо назардошти таҷрибаи КИҶ Ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Украина ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар номгуйи қ. 1 м. 47 КИҶҶ ҶТ банди алоҳида дар намуди «иҷро накардани уҳдадориҳои барои маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ муқарраршуда» дохил карда шавад ё бандҳои алоҳидаи дарбаргирандаи ҳама ҳолатҳои иҷро накардани уҳдадориҳои ба зиммаи маҳкумшудагон ба ҷазои мазкур илова карда шаванд.

6. Ҳолатҳои вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ ё амнияти ҷамъиятӣ, ки боиси ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан гардидааст, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар ҳамчун вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ эътироф шуда (КИҶ Украина), дар қ. 1 м. 47 КИҶҶ ҶТ муқаррар шавад.

7. Муқаррар намудани мухлатҳои муайян барои татбиқ намудани чораҳои муҷозотӣ (масалан, муҳлати як моҳа аз рузи ошкор шудани ҳуқуқвайронкунӣ), ки дар қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии баъзе аз давлатҳои пасошуравӣ муқаррар шудаанд (Ҷумҳурҳои Озарбойҷон, Белорус) барои ҳифзи манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон равона шудаанд. Бинобар ин, муқаррар намудани чунин мухлатҳо дар КИҶҶ ҶТ мувофиқи мақсад мебошад.

# БОБИ 2. ТАВСИФ ВА МУШКИЛОТИ ИҶРО ВА АДОИ ҶАЗО ДАР НАМУДИ КОРҲОИ ИСЛОҲӢ

## 2.1. Тартиби иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ

Тибқи қ. 1 м. 48 КҶ ҶТ, корҳои ислоҳӣ танҳо ҳамчун ҷазои асосӣ татбиқ карда мешаванд.

Мувофиқи қонунгузории ҷиноятии амалкунанда корҳои ислоҳӣ мумкин аст аз ҷониби суд дар ҳолатҳои зерин таъин шаванд:

– дар ҳолатҳои бевосита дар санксияи моддаҳои Қисми махсус пешбинӣ шудан;

– аз рӯйи таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст ( м. 63 КҶ ҶТ);

– дар ҳолати иваз намудани ҷарима, ки ҳамчун ҷазои асосӣ таъин шудааст, ба шахсе, ки аз пардохти он ашаддӣ саркашӣ мекунад, дар асоси қ. 5 м. 49 КҶ ҶТ;

– дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои корҳои ҳатмӣ мувофиқи қ. 5 м. 48[150] КҶ ҶТ;

– ҳангоми иваз намудани қисми адонашудаи ҷазо бо намуди ҷазои сабуктар ( м. 77 КҶ ҶТ)[151].

Таҳлили санксияҳои қисми махсуси КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки ҷазои корҳои ислоҳӣ дар 95 санксияи (14%) моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ муқаррар шудаанд. Аз ин шумора дар 84 санксия муҳлати корҳои ислоҳӣ то ду сол, дар 11 санксия ба муҳлати то як сол пешбинӣ шудааст. Таҳлили санксияҳои КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки ҷазои корҳои ислоҳӣ бештар барои ҷиноятҳои начандон вазнин (84 санксия) ё дараҷаи миёна (11 санксия) муқаррар гаштааст.

Корҳои ислоҳӣ ҳам нисбати ноболиғон ва ҳам нисбати шахсони болиғ таъин карда мешавад. Аммо, бояд қайд намуд, ки дар таҷрибаи судӣ корҳои ислоҳӣ нисбат ба ноболиғон хеле кам татбиқ карда мешаванд. Тибқи

---

[150] Ниг.: Перлов И.Д. Исполнение приговора. – М., 1963. – С. 13.

[151] Ниг.: Масоили татбиқ ва иҷрои намудҳои алтернативаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири проф. Т.Ш. Шарипов. – Душанбе, 2011. – С. 197.

маълумоти нозироти корҳои ислоҳӣ, ин намуди ҷазо бештар ба мардони болиғ татбиқ карда мешаванд (97% шумораи умумии маҳкумшудагон).

Сабаб дар он аст, ки қонунгузории меҳнатӣ доираи васеи имтиёзҳо ва кафолатҳои ҳуқуқиро ба ноболиғон пешниҳод намудааст ва амалан иҷрои ин намуди ҷазо нисбат ба онҳо мушкил мебошад (надоштани тахассуси кофии касбӣ, музди ночиз ва ғайра). Ҳамзамон (дар адабиёти ҳуқуқӣ борҳо таъкид шудааст) татбиқ ва иҷрои ин намуди ҷазо нисбат ба ноболиғон хусусиятҳои хоси худро дорад[152].

Баъзе аз олимон таъйин намудани корҳои ислоҳиро нисбати ноболиғон бо сабаби ҷой доштани мушкилоти адои он аз ҷониби чунин нафарон ба мақсад мувофиқ намешуморанд[153]. Аммо, ба андешаи мо, нуқтаи назари Г.В. Дровосекова ва Е.В. Роговой дуруст аст, ки тибқи он дар бисёр ҳолатҳо корҳои ислоҳӣ мувофиқтарин ва муассиртарин намуди ҷазо барои ноболиғон мебошанд[154]. Ғайр аз ин бояд зикр намуд, ки ҳангоми таъйин шудани ҷазои мазкур нисбати ноболиғон он имтиёзҳо ва кафолатҳое, ки қонунгузории меҳнат барои ин категория вобаста ба омӯзиши касб, кор, таҳсил, вақти кор ва вақти истироҳат ва амсоли инҳо муқаррар намудааст, бекор намекунад. Маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ асосан ба ду ҷанба – нигоҳ доштан аз музди меҳнат ва манъи бо хоҳиши худ аз кор озод шудан алоқаманд мебошанд.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо набояд аз истифодаи корҳои ислоҳӣ барои ноболиғон даст кашид, Зеро дар бештари ҳолатҳо он метавонад алтернативаи ҷиддӣ ба маҳрум сохтан аз озодӣ гардад ва он далел, ки корҳои ислоҳӣ нисбат ба ҷинояткорони ноболиғ кам татбиқ карда мешаванд, дар маҷмуъ ҳамчун далел пешниҳод барои умуман татбиқ накардани ин ҷазо нисбати онҳо мантиқӣ нест.

КҶ ҶТ (1998) ҳар ду намуди корҳои ислоҳиро нигоҳ доштааст, яъне корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кори маҳкумшуда ва дар ҷойҳои дигаре, ки

---

[152] Ниг.:Гавелов Г.С. Проблемы наказания несовершеннолетних преступников. – Иркутск, 1986. – С. 123.
[153] Ниг.:Журавлев М., Ильин П. За правильное применение и исполнение исправительных работ / М. Журавлев, П. Ильин // Соц. законность. – 1964. – №5. – С. 45.
[154] Ниг.: Дровосеков Г.В. Основные вопросы применения наказания в виде лишения свободы к несовершеннолетним по советскому уголовному праву: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Свердловск, 1965. – С. 6; Рогова Е.В. Исправительные работы и особенности их применения к несовершеннолетним: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Иркутск, 2004. – С. 4.

мақомоти иҷрокунандаи ҳукм муайян менамоянд. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба намуди дуюми корҳои ислоҳӣ, яъне ба мақсад мувофиқ будан ё набудани таъини ҷазои мазкур ба маҳкумшудагони ҷойи кори асосӣ надошта андешаҳои гуногун иброз шудааст. Масалан, ба ақидаи як қатор олимон иҷрои корҳои ислоҳӣ дар ҷойҳои дигар, яъне нисбати шахсони бекор, қобили қабул нест. Чунки дар бисёр ҳолатҳо самаранок будани ҷазои мазкур нисбати шахсони бекор, бо сабабҳои мушкилоти бо кор таъмин намудани онҳо, надоштани хоҳиши кор кардан, кам будани музди меҳнат дар объектҳои ҷойи кории пешниҳодшаванда, бегона будани коллективи нави меҳнатӣ барои маҳкумшуда, надоштани хоҳиши ба кор қабул намудани маҳкумшуда, хароҷотҳои барои бо кор таъмин намудани маҳкумшуда сарфшаванда ва ғайра ба мақсад мувофиқ намебошад[155].

Ба ақидаи олимони дигар бошад, мумкин аст, ҳолатҳое ба вуҷуд оянд, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ ҷудо намудани ӯро аз ҷомеа талаб намекунанд, аз тарафи дигар бошад, дар ҳамон коллектив дар ҷойи кори пештара мондани ӯ ба мақсад мувофиқ нест[156]. Мушкилоти бо кор таъмин намудани маҳкумшудагон сабаби даст кашидан аз ҷазои корҳои ислоҳӣ нисбати шахсони бекор шуда наметавонад, зеро то ҳол бо кор таъмин намудани чунин маҳкумшудагон, масалан дар корҳои каммузд, камталаб, корҳои вазнин мавҷуд мебошад[157]. Дар бисёр ҳолатҳо барои бекорон алтернативаи корҳои ислоҳӣ дар санксияҳои муайян танҳо маҳрум сохтан аз озодӣ муайян шудааст, ки ҳангоми адои ҷазо дар муқоиса ба корҳои ислоҳӣ маҳдудиятҳои бештарро пешбинӣ менамояд[158].

Профессор Т.Ш. Шарипов низ таъини ҷазои корҳои ислоҳиро дар ҷойҳои муайянкунандаи мақомоти иҷрокунандаи ҳукм дастгирӣ намуда, баён

---

[155] Ниг.: Крахмальник Л.Г. Некоторые вопросы правового регулирования исправительных работ без лишения свободы / Л.Г. Крахмальник // Сов. гос. и право. – 1965. – №4. – С. 14; Стручков Н.А. Уголовная ответственность и путы ее реализация в борьбе с преступностью. – Саратов, 1977. – С. 211; Дуюнов В.К. Проблемы уголовного наказания в теории, законодательстве и судебной практике. – Курск, 2000. – С. 219.
[156] Ниг.: Гальперин И.М. Наказание: социальные функции, практика применения. – М., 1983. – С. 135.
[157] Ниг.: Старков О.В., Милюков С.Ф. Наказание: уголовно правовой и криминологический анализ. – Санкт-Петербург, 2001. – С. 54-55.
[158] Ниг.: Андреева В.Н., Загудаева Е.Ю. Проблемы назначения наказания в виде исправительных работ и судебная практика / В.Н. Андреева, Е.Ю. Загудаева // Теория и практика соблюдения законности в России: материалы межвуз. науч.-практ. юбилейн. конф. препод. и асп., посв. 10-летию со дня основания юрид. ф-та КГАУ. – Краснодар: Изд-во Кубанск. гос. аграрн. ун-та, 2002. – С. 212.

медорад, ки аз сабаби он ки то ҳанӯз дар амалия чунин намудҳои ҷазо, ба монанди маҳдуд кардани озодӣ ва нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ татбиқ намешаванд, интихоби ҷазо аз ҷониби судҳо, ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна миёни ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодӣ боқӣ мемонад. Вобаста ба ин васеъ намудани имконияти таъини корҳои ислоҳиро на танҳо дар ҷойи кори маҳкумшуда, балки дар ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ҳукм муайян менамоянд, қобили қабул мешуморад[159].

Мо низ ба андешаҳои мазкур ҳамроҳ шуда дар м. 52 КҶ ҶТ нигоҳ дошта шудани ҳар ду намуди корҳои ислоҳиро асоснок мешуморем. Зеро бо сабаби алоқаманд набудани ҷазои корҳои ислоҳӣ бо ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа робитаҳои иҷтимоии маҳкумшуда қатъ нагардида, ҷараёни ислоҳ ва тарбия намудани ӯ дар шароити озодӣ сурат мегирад. Ба таври васеъ истифода шудани корҳои ислоҳӣ аз тарафи дигар ба сиёсати инсондӯстона гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ мувофиқ мебошад. Ғайр аз ин амалияи татбиқи системаи ҷазои дар м. 47 КҶ ҶТ мустаҳакам шуда нишон медиҳад, ки аз ҷониби судҳо воқеан бештар ҷазоҳои ҷарима ва маҳрум сохтан истифода мешавад. Вале дар ҳолатҳои надоштани имконияти пардохти ҷарима ё саркашӣ намудан аз он ба сифати ҷазоҳои воқеан иҷрошавандаи бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобастанабуда маҳз ҷазоҳои корҳои ислоҳӣ ва корҳои ҳатмӣ баромад менамоянд. Бинобар ин маҳдуд намудани корҳои ислоҳӣ танҳо нисбати маҳкумшудагони ҷойи кори асосӣ дошта метавонад таъини ҷазои мазкурро коста гардонад, зеро аксарияти маҳкумшудагон ба ин намуди ҷазо дар вақти таъини ҷазо ҷойи кори асосӣ надоранд. Масалан, аз маълумотҳои аз нозироти корҳои ислоҳии вилоти Суғд бадастовардаи мо маълум мешавад, ки масалан, аз шумораи умумии маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ дар соли 2022 967 нафар, 628 нафар, яъне 65% онҳо ҷойи кори асосӣ надоштанд. Аз ин маълум мешавад, ки дар таҷрибаи судии ҶТ корҳои ислоҳӣ

---

[159] Ниг.: Шарипов Т.Ш. Институт условного неприменения наказания в уголовном праве: проблемы теории, законодательства и практики. Монография. – Душанбе, 2006. – С. 41-42.

дар бештар ҳолатҳо нисбати шахсоне таъин мешавад, ки ҷойи кори асосӣ надоранд.

Иҷрои корҳои ислоҳӣ бо риояи қатъии ҳукми суд марҳилаи муҳимтарини мубориза бар зидди ҷинояткорӣ мебошад ва он бо имконият ва воситаҳое амалӣ мешаванд, ки ташкили адои ҷазоро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, тартиб ва шароити ташкили иҷрои ҷазо, чун қоида, самаранокии он вобаста аст[160].

Мувофиқи қ. 1 м. 39 КИҶҶ ҶТ «Корҳои ислоҳӣ мутобиқи ҳукми суд дар ҷойи кори асосии маҳкумшуда ё дигар ҷойҳое, ки нозироти корҳои ислоҳӣ муайян намудааст, вале дар ноҳияи истиқоматии маҳкумшуда, бо назардошти қобилияти кории ӯ ва аз рӯйи имконият тибқи ихтисоси ӯ адо карда мешаванд. Нисбат ба ноболиғ инчунин зарурати таъмини назорати дахлдор оид ба рафтор ва соҳиби тахассуси истеҳсолӣ гардидани ӯ ба инобат гирифта мешавад.

Аввалан, ҷазои корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кори асосии маҳкумшуда иҷро карда мешавад. Ба ҷойи кори асосии маҳкумшуда мумкин аст он коре дохил карда шавад, ки ба ҳаҷми пурра дар ҷараёни вақти кории пурра иҷро карда мешавад. О.Н. Уваров ба таври асоснок қайд менамояд, ки ҳангоми корҳои ислоҳӣ ҷойи кори асосӣ на тавассути далели мавҷуд будани ин ё он кор дар маҳкумшуда (ҳатто агар он кори ягонаи аз ҷониби маҳкумшуда иҷрошаванда бошад ҳам), балки тавассути андозаи функсияҳои меҳнатӣ ва андозаи вақти корӣ (вақти пурраи корӣ, агар тартиби дигар дар КМ муқаррар нашуда бошад)[161].

Қонунгузории меҳнат давомнокии ихтисоршудаи вақти кориро нисбати кормандони алоҳида, масалан, то синни 18-сола, маъюбон ва ғайра муқаррар намудааст(м. 68 КМ ҶТ), ки шартномаҳо бо чунин шароит, инчунин шартномаи ҷой кори асосӣ эътироф мешавад.

Иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар дигар ҷойҳое, ки нозироти корҳои ислоҳӣ муайян намудааст, дорои баъзе мушкилиҳо мебошад. Дар

---

[160] Ниг.: Рогова Е.В. Специфика исполнения исправительных работ в отношении несовершеннолетних / Е.В. Рогова // Деятельность правоохранительных органов и государственной противопожарной службы в современных условиях: проблемы и перспективы развития: тезисы докл. междунар. науч.-практ. конф. – Иркутск: Изд-во Вост.-Сиб. ин-та МВД России, 2003. – С. 72.

[161] Ниг.: Уваров О.Н. К вопросу об исполнении исправительных работ / О.Н. Уваров // Уголовная юстиция. – 2014. – №2. – С. 49.

чунин ҳолат вақте ки корҳои ислоҳӣ ба маҳкумшудаи ҷойи кори асосинадошта таъин мешавад, барои ташкили иҷрои ҷазо бояд ду вазифаи асосӣ иҷро гардад:

– аввал, интихоб намудани корхона ва ташкилоте, ки дар он корҳои ислоҳӣ адо карда мешаванд;

– дуюм, ташкил намудани имконияти бо меҳнат таъмин шудани маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ дар ин корхона ё ташкилот[162].

Ҳангоми ба маҳкумшудаи ҷойи кори асосинадошта муайян намудани ҷойи адои ҷазо нозироти корҳои ислоҳӣ қобилияти кории ӯ ва аз руйи имконият ихтисоси маҳкумшударо, нисбат ба ноболиғ инчунин зарурати таъмини назорати дахлдор оид ба рафтор ва соҳиби тахассуси истеҳсолӣ гардидани ӯро ба инобат мегирад (қ. 1 м. 39 КИҶҶ ҶТ).

Мураккабии иҷрои ин намуди ҷазо на танҳо дар он аст, ки баъзе маҳкумшудагон меҳнат кардан намехоҳанд, балки пайдо намудани объектҳои ҷойи корӣ низ мушкилиҳои муайянро ба вуҷуд меорад.

Пеш аз ҳама ҷойҳои корӣ дар корхонаҳои аз тарафи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ҷудошаванда маҳдуд мебошад.

Аз ҷониби мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ на ҳама вақт ва на дар ҳама ҷо пешакӣ миқдори ҷойҳои кории кофӣ барои адо намудани корҳои ислоҳӣ ҷудо мегардад, ки ин боиси ба вуҷуд омадани масъалаҳои ба шуғл таъмин намудани маҳкумшудагон мегардад.

Чи тавре дар адабиётҳои ҳуқуқӣ баён мешавад, ҳангоми муайян намудани корхонаву ташкилотҳо, ки дар он ҷазои мазкур адо мешавад, бояд имконияти адои корҳои ислоҳӣ дар маҳалли истиқомати маҳкумшуда, қобилияти муҳосиботи ташкилот, корхона оид ба сари вақт аз руйи тартиби муқарраршуда амалӣ намудани нигоҳ дошти музди меҳнат ва гузаронидани он ба фоидаи давлат, имконияти бастани шартномаи меҳнатӣ бо маҳкумшуда

---

[162] Ниг.: Уваров О.Н. К вопросу о совершенствовании наказания в виде исправительных работ / О.Н. Уваров // Правовые проблемы укрепления российского государственности: сб. статей. – Томск, 2016. – Ч. 70. – С. 73-74.

ва ба кор қабул намудани ӯ дар асоси фармони дахлдор ва ғайра ба назар гирифта шаванд[163].

Одатан маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ ҷазоро дар корҳое, ки тахассуси баландро талаб намекунанд адо менамоянд, масалан, ба сифати фаррош, боркаш, рубучинкунанда ва ғайра.

Ҳукмҳо дар мавриди корҳои ислоҳӣ дар муҳлати на дертар аз даҳ рӯз аз рӯзи ба нозироти корҳои ислоҳӣ расидани фармоиши дахлдори суд бо нусхаи ҳукм (таъинот, қарор) иҷро карда мешаванд (қ. 2 м. 39 КИҶҶ ҶТ), яъне қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муҳлати 10-рӯзаро барои аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ ҳал намудани масъалаҳои ташкиливу ҳуқуқии бо ҷалб намудани маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳиро муқаррар намудааст. Аммо чи тавре таҷриба нишон медиҳад, муҳлати мазкур барои бо меҳнат таъмин намудани маҳкумшудагони ҷойи кори асосинадошта кофӣ намебошад. Ҳолатҳое ба вуҷуд меоянд, ки дар вақти ба қайд гузоштани маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ маълум мешавад, ки ӯ ҳуҷҷатҳои дахлдори барои бастани шартномаи меҳнатӣ зарурбударо надорад ва барои соҳиб шудан ба онҳо ё барқарор намудани чунин ҳуҷҷатҳо вақти муайян талаб мешавад. Баъзан ҳолатҳое мешавад, ки кори пешниҳодшаванда ба таври ҳатмӣ гузаштан аз комиссияи тиббиро талаб менамояд ва дар натиҷаи гузаштани он маҳкумшуда барои чунин кор ҷавобгӯ эътироф намешавад, ин ногузир боз зарурати пайдо намудани ҷойи дигари кориро ба вуҷуд меоварад. Дар ҳолатҳои зикршуда аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ ҷалб намудани маҳкумшуда дар муҳлати 10-рӯза ба корҳои ислоҳӣ мураккаб ва имконнопазир мегардад.

Бинобар ин пешниҳод менамоем, ки қ. 2 м. 39 КИҶҶ ҶТ бо таҳрири зайл ифода карда шавад: ҳукмҳо дар мавриди корҳои ислоҳӣ дар муҳлати на дертар аз сӣ рӯз аз рӯзи ба нозироти корҳои ислоҳӣ расидани фармоиши дахлдори суд бо нусхаи ҳукм (таъинот, қарор) иҷро карда мешаванд.

[163] Ниг.: Смирнов И.Н. Актуальные проблем организации деятельности уголовно- исполнительных инспекции по исполнению исправительных работ / И.Н. Смирнов // Человек: преступление и наказание. – 2015 – №4. – С. 48.

Мутобиқи қ. 1 м. 39 КИҶҶ ҶТ корҳои ислоҳӣ дар корхона ва ташкилотҳои дар ноҳияи истиқоматии маҳкумшуда ҷойгирбуда иҷро карда мешаванд. Аммо бояд зикр намуд, ки мафҳуми ноҳияи истиқоматии маҳкумшуда васеъ мебошад. Зеро баъзан маҳалли истиқоматии маҳкумшуда мумкин аст аз ноҳияи истиқоматии ӯ дар масофаи зиёда аз 50-60 км ҷойгир шуда бошад. Нисбати чунин маҳкумшудагон таъин намудани корҳои ислоҳӣ, масалан дар ҳудуди маркази ноҳия мумкин аст ба маҳкумшуда мушкилиҳоро пеш оварад. Бинобар ин ба мақсад мувофиқ мебуд агар дар қ. 1 м. 39 КИҶҶ ҶТ ибораи «ноҳияи истиқоматӣ» бо « маҳалли истиқомат» иваз карда мешуд.

Бо мақсади иҷрои корҳои ислоҳӣ дар ҳудуди ноҳия ба номгӯи ҷойҳои корӣ барои адои ҷазои мазкур, чи тавре олимон баён менамоянд, бояд амалан ҳама корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дар ҳудуди маъмурии ноҳия мавҷудбуда, новобаста аз мавҷуд будан ё набудани ҷойҳои холӣ дар лаҳзаи ба номгӯ дохил намудан ворид карда шаванд. Ҳал намудани масъалаи бо кор таъмин намудани маҳкумшудагон дар ин корхона ё ташкилотҳо ба ваколати нозироти корҳои ислоҳӣ мансуб мебошад[164].

Ҳал намудани масъалаи бо шуғл таъмин намудани маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ танҳо тавассути танзими ҳуқуқии махсус имконпазир аст. Вобаста ба ин дар адабиётҳои ҳуқуқӣ як қатор пешниҳодҳо ҷой доранд. Масалан, зарурати ба корфармо фароҳам овардани шароитҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки онҳоро барои ба кор қабул намудани маҳкумшудагон ҳавасманд гардонад: ҳавасманд гардонидани корфармо, ки ҷойҳои нави кориро таъсис медиҳанд, муқаррар сохтани имтиёзҳо дар соҳаи андоз ва ғайра[165].

Дар ҳалли масъалаи ба кор таъмин намудани маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ солҳои охир баъзе пешравиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, 15 январи соли 2019 оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистн дар бораи расонидани кумакпулӣ барои бекорӣ, ба таври имтиёзнок ба ҷойи кор

---

[164] Ниг.: Ольховик Н.В., Уваров О.Н. Исполнения наказания в виде исправительныхработ: учеб. пособие. – Томск, 2018 . – С. 12-13.

[165] Ниг.: Уголовное право. Общая часть. Наказание. Академический курс в 10 томах. – Т. 4. Виды уголовного наказания,связанные с осуществлением работ / Коллектив авторов. Под ред. Н.А. Лопашенко. – М., 2020. – С. 285.

таъмин намудан ва ба касбомӯзӣ фаро гирифтани маҳкумшудагон, ки бо ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа алоқаманд нестанд ва шахсони аз адои ҷазои маҳрумӣ озодшуда Созишнома ба имзо расидааст. Мутобиқи Созишномаи мазкур Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор мешавад, аз ҷумла ба шахсони ба ҷазоҳои бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобастанабуда маҳкумшуда барои касбомӯзӣ, бо кор таъминкунӣ ва кумакпулӣ барои бекорӣ мусоидат намояд; мусоидат намудан ба маҳкумшудагоне, ки дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат ба рақобати баробар қодир нестанд, бо роҳи таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки мусоидат ба шуғли онҳо; тибқи квотаи муқarраршуда дар ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ таъмин намудани маҳкумшудагон бо ҷойи корӣ, вобаста ба ихтисос ва касбу кори онҳо.

Вале ба ин нигоҳ накарда таҷрибаи татбиқи корҳои ислоҳӣ нишон медиҳад, ки дар иҷрои ҳукмҳо ба корҳои ислоҳӣ то ҳанӯз мушкилиҳо ҷой дорад. Чунин мушкилҳо пеш аз ҳама аз кам будани ҷойҳои корӣ барои маҳкумшуда, саркашӣ барои ба кор қабул намудани шахс бо сабаби маҳкумшуда ба ҳисоб рафтани ӯ, надоштани ҳуҷҷатҳои лозима барои дохил шудан ба кор, надоштани тахассуси муайян ва ғайра.

Мутобиқи қ. 4 м. 23 КИҶҶ ҶТ ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ аз ҷониби нозироти (инспексияи) Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда мешавад.

**Нозироти корҳои ислоҳӣ** – ин мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ буда, дар шакли ташкилию ҳуқуқии муассиса таъсис дода шуда, мувофиқи қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоҳоеро, ки ба ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, инчунин дигар чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқиро иҷро менамояд[166]. нозирот дар тамоми ноҳияҳо, шаҳрҳо таъсис дода мешаванд, ҳангоми зарурият бошад нозиротҳои байниноҳиявӣ таъсис дода мешаванд.

[166] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» аз 15 марти соли 2016, №1288 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-системаи-иҷрои-ҷазои-ҷиноятӣ (дата обращения: 12.08.2023).

Ба нозироти корҳои ислоҳӣ масъулиятро оид ба иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ гузошта, қонунгузор вазифаҳои онро ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти мазкур ба танзим даровардааст. Дар вазифаҳои ба зиммаи нозироти корҳои ислоҳӣ гузошташуда мазмуни асосии иҷрои ҷазо ифода гардида, дар он талаботҳое муқаррар шудаанд, ки барои маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ низ таълуқ доранд[167].

КИҶҶ ҶТ доираи васеи вазифаҳои нозироти корҳои ислоҳиро ҳангоми иҷро намудани корҳои ислоҳӣ муқаррар намудааст: баҳисобгирии инфиродии маҳкумшудагонро анҷом медиҳад; тартиб ва шартҳои адои ҷазоро тавзеҳ медиҳад; риояи шартҳои адои ҷазоро аз ҷониби маҳкумшуда ва иҷрои талаботи ҳукмро аз ҷониби маъмурияти ташкилоти ҷойи кори маҳкумшуда назорат мекунад; рафтори маҳкумшудагонро назорат намуда, дар сурати зарурат онҳоро ҷиҳати таъмин бо кор ба маркази шуғл мефиристад; дар хусуси маҷбурӣ овардани маҳкумшудагоне, ки бидуни сабабҳои узрнок мувофиқи даъват ё барои бақайдгирӣ ҳозир нашудаанд, қарор қабул мекунад; корҳои ибтидоиро дар хусуси ҷустуҷӯи маҳкумшудагон анҷом медиҳад, ба хадамоти дахлдор дар хусуси маҳкумшудагоне, ки ҷойи исташон маълум намебошад, маводи дахлдор таҳия ва ирсол менамояд; чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозотӣ, инчунин вазифаҳо ва манъкуниҳоеро, ки моддаи 42 ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, татбиқ менамояд; дар давраи адои ҷазо барои аз кор бо хоҳиши худ рафтани маҳкумшуда иҷозат медиҳад; бо маҳкумшудагон корҳои тарбиявӣ мегузаронад.

Муносибатҳо оид ба иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ аз лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд ба вуҷуд меоянд, аммо онҳо дар ду давра амалӣ мешаванд. Давраи аввал ба қайд гирифтани маҳкумшуда дар нозироти корҳои ислоҳӣ ва давраи дуюм аз тарафи маҳкумшуда воқеан адо намудани ҷазои мазкур.

---

[167] Ниг.: Малков Б.З. Исполнение наказания в виде исправительных работ. Фондовая лекция. – Самара, 2002. – С. 22.

Нозироти корҳои ислоҳӣ баҳисобгирии инфиродии маҳкумшудагонро анҷом медиҳад. Вазифаи мазкур дар Дастурамал оид ба тартиби иҷрои ҷазо, ки бо ҷудокунии маҳкумшуда аз ҷамъият алоқаманд намебошад, мушаххас гардонида шудааст. Чунончӣ, мутобиқи б. 60 Дастурамал асос барои ба қайд гирифтани маҳкумшуда нусхаи ҳукм, таъинот, қарори судҳои ҶТ, фармоиш оид ба иҷрои ҷазо ва маълумотнома оид ба қувваи қонунӣ даромадани он мебошад.

Баъди бақайдгирии нусхаи ҳукм, таъинот, қарор ба ҳар як маҳкумшуда варақаи қайдӣ, варақаи бақайдгирӣ пур карда шуда, парвандаи шахсӣ кушода мешавад.

Дар б. 70 Дастурамал муқарар шудааст, ки баъди ба қайд гирифтан, маҳкумшуда ба нозирот барои гузаронидани суҳбат даъват карда мешавад.

Ҳамзамон, муқаррароти меъёрии ин банд муҳлати даъват намуданро муайян намекунад. Мо чунин мешуморем, ки ин муҳлат бояд дар Дастурамал ба таври возеҳ танзим карда шавад, масалан, маҳкумшуда пас аз гирифтани даъватнома аз нозироти корҳои ислоҳӣ ба суҳбат даъват карда шуда ӯ бояд дар муддати 72 соати пас аз қабул ҳозир шавад.

Ҳангоми суҳбат ба маҳкумшуда маълумотҳои анкетӣ аниқ ва санҷида баромада мешавад, тартиб ва шартҳои адои ҷазо, ҳуқуқу ухдадориҳои ӯ, асос ва тартиби истифода бурдани чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозот, ки ҳангоми адои ҷазо нисбат ба ӯ татбиқ карда мешаванд, фаҳмонда дода шуда, маълумотҳо оид ба хешу табори наздик ва шахсоне, ки метавонанд ба маҳкумшуда таъсир расонанд, аз ҷумла дигар масъалаҳое, ки барои баамалбарории назорат аз болои рафтори ӯ дахлдор мебошанд, маълум карда мешаванд. Дар охири суҳбат аз маҳкумшуда забонхат гирифта шуда, маълумотнома тартиб дода мешавад, ки ба парвандаи шахсии ӯ духта шуда ба ӯ дар як моҳ ду маротиба барои ба бақайдгирӣ ҳозир шудан таъин карда мешавад. Вале дар таҷриба танҳо дар суҳбати аввал маълумотнома тартиб дода шуда дар он ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маҳкумшуда, тартиб ва шартҳои адои ҷазо фаҳмонда дода шуда, маҳкумшуда аз оқибатҳои саркашӣ намудан аз адои ҷазои корҳои ислоҳӣ огоҳонида мешавад.

Масалан, дар маълумотнома оид ба гузаронидани суҳбати тарбиявӣ ва пешгирӣ аз ҷиноят нисбати маҳкумшуда А.М. омадааст, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ, риояи тартибу шартҳои иҷроиши таъиноти суд, адои корҳои ислоҳӣ ва оқибати иҷро накардани он тибқи талаботҳи м.м. 39-47 КИҶҶ ҶТ фаҳмонида дода шуд. Маҳкумшуда А.М. барои саркашӣ накардан аз иҷрои ҳукм, дар хусуси оянда аз тарафи ӯ вайрон накардани тартиботи ҷамъиятӣ ва даст ба ҷинояти нав назаданаш огоҳида шуда ба ӯ риоя ва иҷрои талаботҳои марбут ба иҷро ва адои корҳои ислоҳӣ, ба нозирот саривақт пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои барои иҷроиши ҳукми суд лозима фаҳмонда шуд. Бидуни иҷозати нозирот ҷойи зисти доимӣ ва кори таъиншударо иваз накунад ва дар сурати иваз кардан нозирони вобастабударо хабардор намояд, инчунин то ба охир расидани мухлати ҷазои таъиншуда аз ҳудуди ҶТ ва маҳалли истиқомат берун набарояд. Дар давоми 10 рӯз расман бо кори муайяне машғул шавад ва ё ба Шуъбаи агентии меҳнат ва шуғли аҳолии маҳалли истиқоматаш рафта ҳамчун корҷӯй ба қайд гирифта дар ҷойи кори аз тарафи шуъбаи мазкур пешниҳодшуда ба кор баромада, иҷроиши корҳои ислоҳиро ба роҳ монад. Инчунин маҳкумшуда А.М. огоҳонида шуд, ки дар сурати роҳ додан ба қонунвайронкунӣ, иҷро накардани уҳдадориҳои ба зиммаш гузошташуда ва вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазои таъиншуда нисбати ӯ дар мавриди ивази корҳои ислоҳӣ ба дигар намуди ҷазо ба суд пешниҳод ирсол карда мешавад[168].

Дар рафти иҷрои ҷазо бошад суҳбатҳои тарбиявӣ ва пешгиринамоӣ одатан ба таври расмӣ анҷом дода шуда, оид ба гузаронида шудани он аз маҳкумшуда забонхат гирифта мешавад. Дар зиёда аз 100 парвандаи мавриди омӯзиш қарордодашуда нишон дода шудааст, ки «бо маҳкумшуда суҳбат гузаронида шуд». Аммо маълумотҳо дар бораи чораҳои мушаххаси назоратӣ ва таъсиррасонии тарбиявӣ-пешгиринамоии аз ҷониби нозир анҷомдодашуда дарҷ нашудааст.

Суҳбат бо шахси ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда аҳаммияти калон дорад, зеро самаранокии ҷазо бештар ба шарҳи оқилонаи қоидаҳои адои ҷазо ва

---

[168] Ниг.: Парвандаи шахсӣ №258/22 // Бойгонии нозироти корҳои ислоҳии вилояти Суғд.

барқарор намудани робитаи созанда байни ӯ ва нозироти иҷрои ҷазо вобаста аст. Бинобар ин ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки дар Дастурамал ҳангоми гузаронидани суҳбат муайян намудани дигар масъалаҳо низ мушаххас гардонида шавад, аз ҷумла муайян намудани чунин масъалаҳо нишон дода шавад: вазъи саломатии маҳкумшуда, робитаҳои иҷтимоӣ ӯ, шароити моддиву маишии маҳкумшуда, майлу хоҳиши машғул шудан ба ин ё он навъи фаъолият, сатҳи саводнокии маҳкумшуда, малакаҳои кории ӯ, шароити оилавӣ, муносибати маҳкумшуда бо атрофиён ва дигар маълумотҳое, ки мумкин аст барои анҷом додани корҳои тарбиявӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содиршавии қонуншиканиҳои нав мусоидат намоянд.

Вазифаи дигари нозирот ин аз ҷониби маъмурияти ташкилоти ҷойи кори маҳкумшуда ба таври дахлдор иҷро шудани талаботи ҳукмро назорат кардан ба шумор меравад. Вобаста ба ин нозирот ҳар лаҳза метавонад аз ҷониби маъмурияти ҷойи кори маҳкумшуда иҷро гаштани талаботҳои дар м. 44 КИҶҶ ҶТ мустаҳакамшударо мавриди санҷиш қарор диҳад. Ба зиммаи маъмурияти ташкилоте, ки дар он ҷо маҳкумшуда ҷазои корҳои ислоҳиро адо мекунад, вазифаҳои зерин гузошта шудааст: ба маълумоти аъзоёни коллективи меҳнатӣ расонидани ҳукми суд; дуруст ва сари вақт дошта гирифтани маблағ аз музди меҳнати маҳкумшуда ва гузаронидани он тибқи тартиби муқарраршуда; назорати рафтори маҳкумшуда дар истеҳсолот ва мусоидат ба нозироти корҳои ислоҳӣ дар гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшуда; риояи шартҳои адои ҷазо, ки ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст; огоҳ намудани нозироти корҳои ислоҳӣ дар мавриди нисбат ба маҳкумшуда истифода бурдани чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозот, дар бораи саркашӣ кардани ӯ аз адои ҷазо, инчунин огоҳонии қаблӣ дар мавриди ба дигар вазифа гузаронидан, аз кор озод намудан ё додани рухсатӣ.

Дар Дастурамал танҳо механизми амал намудани нозироти корҳои ислоҳӣ ҳангоми риоя нашудани вазифаи дуруст ва сари вақт дошта гирифтани маблағ аз музди меҳнати маҳкумшуда аз тарафи маъмурият муайян шудааст, яъне дар сурати пешниҳоди маълумотҳои ҳисобии вайронкардашуда оид ба кори маҳкумшуда, маоши ӯ ва нигоҳдоштҳо ба

амал бароварда шуда, нозирот дар намуди хаттӣ дар ин бора прокуратураро хабардор менамояд (б. 98 Дастурамал). Тарзи амал намудани нозир ҳангоми ошкор шудани риоя нашудани дигар вазифаҳо аз ҷониби маъмурияти ҷойи кори маҳкумшуда дар Дастурамал ба танзим дароварда нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки ба Дастурамал банди иловагӣ бо мазмуни зайл дохил карда шавад: «Дар ҳолатҳои аз ҷониби маъмурияти ҷойи кори маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ иҷро накардани дигар вазифаҳое, ки боиси имконнопазирии иҷрои корҳои ислоҳӣ дар ҳамин ташкилот мегардад, нозирот оид ба ин ба прокуратура дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдори гунаҳгор мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хабарнома ирсол менамояд».

Гарчанде дар м. 41 КИҶҶ ҶТТ ба сифати яке аз вазифаҳои нозироти корҳои ислоҳӣ бурдани назорат аз болои рафтори маҳкумшудагон муқаррар шуда бошад ҳам, вале қонунгузор шакл ва усулҳои чунин назоратро ба танзим надаровардааст. Дар КИҶҶ ҶТ ва дигар санадҳои идоравӣ доираи вақти бурдани чунин назорат муайян нашудааст.

Дар мавриди муайян намудани доираи вақти бурдани чунин назорат дар адабиётҳои ҳуқуқӣ зарурати ба назар гирифтани ҳуқуқу озодиҳои маҳкумшуда, риоя гаштани ҳуқуқҳои дахнопазирии манзил, дахолат накардан ба ҳаёти оилавии ӯ, ҳуқуқи маҳкумшуда барои истироҳат ва фароғат ва ғайра баён мешавад[169].

Назорат аз болои маҳкумшуда мумкин аст дар шакли бурдани назорат дар ҷойи кори маҳкумшуда ва ё берун аз он амалӣ гардад.

Назорати маҳкумшуда дар ҷойи кор мумкин аст бо ҷалби маъмурияти корхонаву ташкилотҳои ҷойи кори маҳкумшуда, бо ҷалби коллективи меҳнатии он анҷом дода шавад.

Ҳангоми амалӣ намудани назорат аз болои маҳкумшуда дар ҳаёти маишӣ бошад, бояд рафтори маҳкумшуда дар маҳалли истиқомат ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ назорат карда шавад. Дар мавриди бурдани чунин назорат

[169] Ниг.: Богданов В.Я. К вопросу о воспитательном значении исправительных работ. – Ульяновск, 1972. – С. 18.

нозироти корҳои ислоҳӣ бо нозирони минтақавии шуъбаи корҳои дохилӣ ва дигар шуъбаҳои он ҳамкорӣ менамояд.

Назорат аз болои маҳкумшуда мумкин аст тавассути ҷамъоварӣ намудани маълумотҳои муайяни тавсифдиҳандаи шахсияти маҳкумшуда, рафтори ӯ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар оила, дар ҷойи кор ва ғайра тариқи ба даст овардани тавсифнома, маълумотномаҳо ё бо тарзи суҳбату пурсишҳо амалӣ карда шавад.

Ба андешаи мо танзими меъёрии амалӣ намудани назорат аз болои маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ дар якҷоягӣ бо кормандони шуъбаи корҳои дохилӣ зарур мебошад.

Бинобар ин, пешниҳод менамоем, м. 41 КИҶҶ ҶТ бо ибораи «...дар мусоидат бо мақомоти корҳои дохилӣ рафтори маҳкумшудагонро дар маҳалли истиқомат назорат менамояд...» пурра карда шавад.

Ғайр аз ин фармони якҷоя дар бораи ҳамкории нозироти корҳои ислоҳӣ бо сохторҳои мақомоти корҳои дохилӣ доир ба масъалҳои иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ коркард ва қабул карда шавад.

Вазифаи дигари муҳимми корҳои ислоҳӣ ин гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагон ба ҳисоб меравад. Маъмурияти ҷойи кори маҳкумшуда бошад ба нозироти корҳои ислоҳӣ дар гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшуда мусоидат менамояд. Мутобиқи м. 28 КИҶҶ ҶТ дар гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагон мумкин аст, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ низ мусоидат намоянд. Вале нақши асосӣ дар гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагон дар корҳои ислоҳӣ ба зиммаи нозироти корҳои ислоҳӣ гузошта шудааст. Корҳои тарбиявӣ дар б. 16 Дасурамал оид ба ташкили корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагони муассисаҳои ислоҳӣ аз 10 сентябри 2008 чунин муайян шудааст: корҳои тарбиявӣ ин системаи чораҳои асоснокии педогогӣ, ки ба пешгирии дигаргунии шахсияти онҳо, инкишофи зеҳнӣ, руҳӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, меҳнатӣ ва ҷисмонӣ, ахлоқи ҳуқуқӣ, итоаткунӣ ва одаткунонии иҷтимоӣ баъди озод шудан бояд мусоидат кунад. Аммо дар Дастурамал оид ба тартиби иҷрои ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, дар бораи тартиби гузаронидани

корҳои тарбиявӣ, шакл ва усулҳои анҷом додани он муқаррароти алоҳида ҷой надорад.

Вобаста ба ин пешниҳод мешавад, ки дар Дастурамал оид ба тартиби иҷрои ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, мафҳуми корҳои тарбиявӣ бо шахсони дар қайди нозироти корҳои ислоҳибуда дода шуда, дар ин замина роҳу усулҳои ноил шудан ба он мушаххас нишон дода шавад. Масалан мафҳуми корҳои тарбиявӣ нисбати маҳкумшудагони мазкур мумкин аст чунин муайян шавад: корҳои тарбиявӣ бо шахсони дар қайди нозироти корҳои ислоҳибуда, ин системаи таъсиррасонии асосноки педагогии аз тарафи субъектони муносибатҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ амалигарданда ба ҳисоб меравад, ки барои ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ ва дигар сифатҳо, ки барои ислоҳи маҳкумшуда мусоидат менамоянд, равона гардидааст. Ба сифати шаклҳои асосии корҳои тарбиявӣ мумкин аст инҳо эътироф шаванд: суҳбатҳои фардӣ, гурӯҳӣ, ба ислоҳи маҳкумшуда ҷалб намудани хешовандон, ҳамкорон, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё шахсони дигаре, ки метавонанд ба маҳкумшуда таъсири мусбӣ расонанд ва ғайра.

Аз омӯзиши таҷрибаи иҷрои ҷазои корҳои ислоҳӣ маълум мешавад, ки корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагон воқеан гузаронида намешавад.

Баъзан гузаронидани корҳои тарбиявӣ ба зиммаи маъмурияти ҷойи кори маҳкумшуда гузошта мешавад. Масалан, дар мактуби сардори нозирот ба маъмурияти ҷойи кори маҳкумшуда А.А. чунин омадааст: «Шумо вазифадор ҳастед, ки маҳкум шудани А.А.-ро ба эътибори аҳли коллективи меҳнат расонида корҳои тарбиявиро нисбати маҳкумшуда А.А. пурзӯр намуда, муносибати ӯро ба меҳнат таҳти назорат қарор дода ва яке аз фаъолонро ба ӯ ҳамчун мураббӣ вобаста намоед»[170].

Ҳамин тавр, вазифаи нозирот танҳо назорат бурдан аз болои сари вақт нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнати маҳкумшуда ва гузаронидани он ба буҷети давлат маҳдуд мегардад. Ба ин вазъият агар як тараф ҷой надоштани танзими гузаронидани корҳои тарбиявӣ дар Дастурамал мусоидат намояд, аз

[170] Ниг.: Парвандаи шахсии №270/22 // Бойгонии нозироти корҳои ислоҳӣ дар вилояти Суғд.

тарафи дигар ин аз маҳдуд будани шумораи нозирон ва зиёд будани сарбории онҳо дар мавриди назорат бурдан аз болои шахсони ба ҷазоҳои ғайриҳабсӣ маҳкумшуда ба ҳисоб меравад. Зеро вобаста ба маҳдуд будани шумораи нозирон ба ҳар яки он бурдани назорат аз болои якчанд маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ ва чораҳои дигари ҳуқуқи ҷиноятӣ гузошта мешавад. Бар замми ин аксар вақт маҳкумшудагони зери назорати нозирот қароргиранда дар шаҳру ноҳияҳо, деҳоти гуногун истиқомат менамоянд, ки ин назорати пурраро аз болои онҳо ва анҷом додани корҳои тарбиявӣ бо чунин шахсонро мушкил мегардонад.

Масалан дар вилояти Суғд танҳо як нозироти корҳои ислоҳӣ мавҷуд мебошад, ки дар ш. Хуҷанд ҷойгир шудааст. Баъзе **маҳкумшудагон бошанд, дар минтақаҳое истиқомат ва кор мекунанд, ки аз аз маҳалли ҷойгиршавии нозирот дар масофаҳои дур қарор доранд. Чунин ҳолат на фақат барои ба қайдгирӣ ҳар моҳ ду маротиба ҳозир шудани маҳкумшудагон ба нозироти корҳои ислоҳиро мушкил мегардонад, балки имконияти назорат бурдан ва анҷом додани корҳои тарбиявӣ бо онҳоро имконнопазир менамояд.**

**Вобаста ба ин ба мақсад мувофиқ мебуд, агар бо назардошти масофаи ҷойгиршавии шаҳри ноҳияҳо дар минтақаҳои алоҳида ба таври иловагӣ, масалан, шуъбаҳои нозироти корҳои ислоҳӣ ташкил карда мешуд, ки ин назорат аз болои маҳкумшудагон ба ҷазоҳои ғайриҳабсӣ ва анҷом додани корҳои тарбиявӣ бо онҳоро осонтар менамуд.**

Масъалаи дигар дар мавриди иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ин ба ҳисоб гирифтани муҳлати ҷазо ба шумор меравад. Муҳлати корҳои ислоҳӣ мутобиқи қ. 1 м. 43 КИҶҶ ҶТ бо солҳо, моҳҳо ва рӯзҳо, ки дар давоми он маҳкумшуда кор кардааст ва аз музди меҳнати ӯ маблағ дошта гирифта шудааст, ба ҳисоб гирифта мешавад. Шумораи рӯзҳое, ки маҳкумшуда кор кардааст, бояд аз шумораи рӯзҳои кории вобаста ба ҳар моҳи муҳлати ҷазои муайяннамудаи суд камтар набошад. Агар маҳкумшуда шумораи муқарраршудаи рӯзҳоро кор накарда бошад ва барои ҳисоби рӯзҳои корнакарда ба муҳлати ҷазо асосҳои пешбининамудаи КИҶҶ ҶТ вуҷуд

надошта бошад, адои корҳои ислоҳӣ то пурра кор кардани шумораи муқарраршудаи рӯзҳои меҳнатӣ аз ҷониби маҳкумшуда идома меёбад.

Аз ин рӯ, мумкин аст, мухлати ҷазои таъиннамудаи суд вобаста ба рӯзҳои тақвимӣ бо муҳлати хотима ёфтани корҳои ислоҳӣ мувофиқат накунад (аз он зиёд бошад).

Тибқи қ. 2 м. 43 КИҶҶ ҶТ оғози муҳлати адои ҷазо рӯзи аз ҷониби маъмурияти ташкилоти ҷойи кори маҳкумшуда гирифтани нусхаи ҳукми (таъинот, қарор) суд ва дигар асноде, ки аз нозироти корҳои ислоҳӣ ворид шудааст, ба ҳисоб меравад.

Оғози муҳлати ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ возеҳтар дар Дастурамал омадааст, ки мутобиқи он саршавии баамалбарории нигоҳдошт аз маоши ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда, саршавии рӯзи муҳлати адои ҷазо ба ҳисоб меравад (б. 86).

Ба мухлати адои ҷазо вақте, ки дар давоми он маҳкумшуда бо сабабҳои узрнок кор накардааст, ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба ин муҳлат, инчунин, вақте ки дар давоми он маҳкумшуда расман бекор эътироф шудааст, дохил мегардад.

Ин ҷо савол ба вуҷуд меояд, ки оё вақти рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда ба мухлати корҳои ислоҳӣ ба ҳисоб гирифта мешавад? Дар қ. 1 м. 43 КИҶҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки муҳлати адои ҷазои корҳои ислоҳӣ бо солҳо, моҳҳо ва рӯзҳо, ки дар давоми он маҳкумшуда кор кардааст ва **аз музди меҳнати ӯ** маблағ дошта гирифта шудааст, ба ҳисоб гирифта мешавад. Нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнати ҷойи кори асосии маҳкумшуда барои ҳар як моҳи корӣ ҳангоми пардохти музди меҳнат новобаста аз мавҷуд будани **иддао** бо дигар ҳуҷҷатҳои иҷроиявӣ ба амал бароварда мешавад (қ. 2 м. 45 КИҶҶ ҶТ). Дар баробари ин, мутобиқи қ. 4 м. 45 КИҶҶ ҶТ дар ҳолатҳои зерин маблағ нигоҳ дошта намешавад; аз нафақа ва ёрдампулиҳое, ки тибқи суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоӣ гирифта мешаванд, инчунин аз пардохтҳои якдафъаина, ба ғайр аз кумакпулӣ барои бекорӣ, аз маблағҳое, ки ба сифати ҷубронпулӣ барои хароҷоти вобаста ба сафари хизматӣ пардохташаванда ва аз дигар ҷубронпулиҳо.

Чи тавре маълум мешавад, нигоҳ доштани маблағ дар вақти рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда бевосита дар КИҶҶ ҶТ муайян нашудааст. Бар замми ин, нигоҳдошт аз маблағҳои рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаи нигоҳдошт аз «музди меҳнат», чи тавре дар қ. 1 м. 42 КИҶҶ ҶТ муқаррар шудааст, ба ҳисоб намеравад. Чунки музди меҳнат ин маҷмуи подошҳо ... барои корҳои амалан иҷрошуда ба ҳисоб меравад (м. 1 Кодекси меҳнати ҶТ). Барои бартараф намудани чунин норавшании меъёри КИҶҶ ҶТ ба мақсад мувофиқ мебуд агар **ба қ. 3 м. 43 КИҶҶ ҶТ ибораи зерин илова карда мешуд: «Ба муҳлати адои ҷазо ... аз ҷумла вақти рухсатии пардохташавандаи ҳарсола ба ҳисоб гирифта мешавад».**

**Ба муҳлати адои ҷазо** ҳисоб карда намешавад:

– вақти бемории бо майзадагӣ, нашъамандӣ ё мастшавии токсикоманӣ ё ба ҳаракатҳои ба он дахлдошта алоқамандбуда;

– вақти адои ҳабси маъмурӣ, аз ҷумла ҳабс ба сифати чораи пешгирӣ аз рӯйи парвандаи ҷиноятии дигар дар давраи адои ҷазо (б. 81 Дастурамал)[171].

Ҳамин тавр тартиби иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳиро баррасӣ намуда, ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Дар м. 52 КҶ ҶТ нигоҳ дошта шудани ҳар ду намуди корҳои ислоҳиро асоснок мешуморем. Зеро бо сабаби алоқаманд набудани ҷазои корҳои ислоҳӣ бо ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа робитаҳои иҷтимоии маҳкумшуда қатъ нагардида, ҷараёни ислоҳ ва тарбия намудани ӯ дар шароити озодӣ сурат мегирад. Ба таври васеъ истифода шудани корҳои ислоҳӣ ба инсонпарварона гардонидани қонунгузории ҷиноятии ҶТ, ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҷиноятӣ, ки ба ҷорӣ намудани ҷазоҳои бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад – алтернативаи маҳрум сохтан аз озодӣ; зарурати васеъ намудани имкониятҳои судҳо вобаста ба таъин кардани ҷазоҳое, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд намебошанд, мувофиқат менамояд. Татбиқи корҳои ислоҳӣ на танҳо шумораи шахсони дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ нигоҳ

[171] Ниг.: Тафсир ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / З.А. Камолов, А.И. Сафарзода, Ш.Л. Холиқов, Т.Ш. Шарипов, Ф.И. Ғаниев, П.Н. Наврузова. – Душанбе, 2018. – С. 231.

дошташударо коҳиш медиҳад, балки аз лиҳози иқтисодӣ истифода шудани ин намуди ҷазоро ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳои ҷазо ба мақсад мувофиқ мегардонад.

2. Доираи муҳлати 10-рӯзаи ба корҳои ислоҳӣ ҷалб намудани маҳкумшудагон (қ. 2 м. 39 КИҶҶ ҶТ) аз тарафи нозироти корҳои ислоҳӣ асонок ба ҳисоб намеравад. Зеро таври таҷриба нишон медиҳад, муҳлати мазкур барои бо меҳнат таъмин намудани маҳкумшудагони ҷойи кори асосинадошта кофӣ намебошад.

Бинобар ин пешниҳод менамоем, ки қ. 2 м. 39 КИҶҶ ҶТ бо таҳрири зайл ифода карда шавад: ҳукмҳо дар мавриди корҳои ислоҳӣ дар муҳлати на дертар аз сӣ рӯз аз рӯзи ба нозироти корҳои ислоҳӣ расидани фармоиши дахлдори суд бо нусхаи ҳукм (таъинот, қарор) иҷро карда мешаванд.

3. Мутобиқи қ. 1 м. 39 КИҶҶ ҶТ корҳои ислоҳӣ дар корхона ва ташкилотҳои дар ноҳияи истиқоматии маҳкумшуда ҷойгирбуда иҷро карда мешаванд. Аммо бояд зикр намуд, ки мафҳуми ноҳияи истиқоматии маҳкумшуда васеъ мебошад. Зеро баъзан маҳалли истиқоматии маҳкумшуда мумкин аст аз ноҳияи истоқоматии ӯ дар масофаи зиёда аз 50-60 км ҷойгир шуда бошад. Нисбати чунин маҳкумшудагон таъин намудани корҳои ислоҳӣ, масалан дар ҳудуди маркази ноҳия мумкин аст ба маҳкумшуда мушкилиҳоро пеш оварад. Бинобар ин ба мақсад мувофиқ мебуд агар дар қ. 1 м. 39 КИҶҶ ҶТ ибораи «ноҳияи истиқоматӣ» бо «маҳалли истиқомат» иваз карда мешуд.

4. Дар ҳалли масъалаи ба кор таъмин намудани маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ солҳои охир баъзе пешравиҳо ба назар мерасанд.

Вале ба ин нигоҳ накарда таҷрибаи татбиқи корҳои ислоҳӣ нишон медиҳад, ки дар иҷрои ҳукмҳо ба корҳои ислоҳӣ то ҳанӯз мушкилиҳо ҷой дорад. Чунин мушкилиҳо, пеш аз ҳама, аз кам будани ҷойҳои корӣ барои маҳкумшуда, саркашӣ намудан аз ба кор қабул намудани шахс бо сабаби маҳкумшуда ба ҳисоб рафтани ӯ, надоштани ҳуҷҷатҳои лозима барои дохил шудан ба кор, надоштани тахассуси муайян ва ғайра ба назар мерасад.

5. Дар б. 70 Дастурамал муқаррар шудааст, ки баъди ба қайд гирифтан, маҳкумшуда ба нозирот барои гузаронидани суҳбат даъват карда мешавад.

Ҳамзамон, муқаррароти меъёрии ин банд муҳлати даъват намуданро муайян намекунад. Мо чунин мешуморем, ки ин муҳлат бояд дар Дастурамал ба таври возеҳ танзим карда шавад, масалан, маҳкумшуда пас аз гирифтани даъватнома аз нозироти корҳои ислоҳӣ ба суҳбат даъват карда шуда ӯ бояд дар муддати 72 соати пас аз қабул ҳозир шавад.

6. Дар Дустурамал оқибатҳои аз ҷониби маъмурияти ҷойи кори маҳкумшуда риоя нашудани дигар вазифаҳо пешбинӣ нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки ба Дастурамал банди иловагӣ бо мазмуни зайл дохил карда шавад: «Дар ҳолатҳои аз ҷониби маъмурияти ҷойи кори маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ иҷро накардани дигар вазифаҳое, ки боиси имконнопазирии иҷрои корҳои ислоҳӣ дар ҳамин ташкилот мегардад, нозирот оид ба ин ба прокуратура дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдори гунаҳгор мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хабарнома ирсол менамояд».

7. Гарчанде дар м. 41 КИҶҶ ҶТ ба сифати яке аз вазифаҳои нозироти корҳои ислоҳӣ бурдани назорат аз болои рафтори маҳкумшудагон муқаррар шуда бошад ҳам, вале қонунгузор шакл ва усулҳои чунин назоратро ба танзим надаровардааст. Дар КИҶҶ ҶТ ва дигар санадҳои идоравӣ доираи вақти бурдани чунин назорат муайян нашудааст.

Ба андешаи мо танзими меъёрии амалӣ намудани назорат аз болои маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ дар якҷоягӣ бо кормандони шуъбаи корҳои дохилӣ зарур мебошад.

Бинобар ин, пешниҳод менамоем, м. 41 КИҶҶ ҶТ бо ибораи «...дар мусоидат бо мақомоти корҳои дохилӣ рафтори маҳкумшудагонро дар маҳалли истиқомат назорат менамояд...» пурра карда шавад.

Ғайр аз ин фармони якҷоя дар бораи ҳамкории нозироти корҳои ислоҳӣ бо сохторҳои мақомоти корҳои дохилӣ доир ба масъалаҳои иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ коркард ва қабул карда шавад.

8. Вобаста ба ҳолатҳои дар амалия ҷойдоштаи **аз маҳалли ҷойгиршавии нозирот дар масофаҳои дур истиқомат ва кор намудани маҳкумшуда, ки ин имконияти назорат бурдан ва анҷом додани корҳои тарбиявӣ аз болои**

**маҳкумшудагон ба ҷазоҳои ғайриҳабсро имконнопазир менамояд, ба таври иловагӣ ташкил намудани шуъбаҳои нозироти корҳои ислоҳӣ бо назардошти масофаи ҷойгиршавии шаҳру ноҳияҳо ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад.**

9.Ба қ. 3 м. 43 КИҶҶ ҶТ ибораи зерин илова карда шавад: «Ба мухлати адои ҷазо ... аз ҷумла вақти рухсатии пардохташавандаи ҳарсола ба ҳисоб гирифта мешавад».

10. Ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ҳамчун чораи алтернативӣ маҳрум сохтан аз озодӣ бояд дар мавридҳои ҷой доштани асосҳои қонунӣ ҳар чи бештар аз ҷониби судҳо татбиқ карда шавад, зеро ба таври васеъ истифода шудани ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобастанабуда ба сиёсати инсонпарварона гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ ва ислоҳотҳои дар ин самт гузаронидашаванда, муносибати инсонпарварона бо маҳкумшудагон мувофиқ мебошад. Ғайр аз ин, дар амалия ба таври васеъ истифода шудани ин намуди ҷазо ба низоми буҷаи давлат таъсири мусбат расонида, иҷрои он хароҷотҳои зиёди моддиро талаб намесозад. Амалияи судӣ низ нишон медиҳад, ки судҳо амалан ҳангоми таъин намудани ҷазои мазкур ба ягон мушкилӣ дучор намешаванд. Мушкилот танҳо ҳангоми иҷрои ҷазои мазкур нисбати шахсони ҷойи кори асосӣ надошта ба вуҷуд омада метавонад, ки ин ҳолат мумкин аст, тавассути даровардани тағйиротҳои муайян ба соҳаҳои алоҳидаи қонунгузорӣ, такмил додани фаъолияти мақомоти иҷрокунандаи ҷазои мазкур, давра ба давра вусъат ёфтани шароити иқтисодии давлат бартараф карда шавад.

### 2.2. Шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ

Таъмини принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо на танҳо аз таъини ҷазои сазовор ба шахси ҷиноятсодирнамуда, балки аз воқеан иҷро шудани он вобастагии калон дорад. Ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо бештар маҳз дар давраи иҷро ва адо намудани ҷазо имконпазир аст. Бинобар ин қонунгузор дар баробари интихоб намудани ин ё он чора ба сифати ҷазои ҷиноятӣ муттаносибан

ташкили муассиса ё мақомотеро пешбинӣ месозад, ки имконияти босамар таъмин намудани иҷрои ҷазои мазкурро дошта бошад. Низоми муассиса ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо, таҷассуми қонунгузории худро дар м. 23 КИҶҶ ҶТ пайдо намудааст.

Тартиб ва шартҳои иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар боби 6 КИҶҶ ҶТ (м.м. 39-47) ва санади меъёри ҳуқуқии байниидоравӣ–Дастурамал оид ба тартиби иҷрои ҷазо, ки бо ҷудокунии маҳкумшуда аз ҷамъият алоқаманд намебошад ва Фармони вазири адлия ҶТ аз 23.12.2008, №126 тасдиқ шудааст, муқаррар гардидааст.

Ҳангоми баррасии масъалаҳои иҷрои ҷазои корҳои ислоҳӣ диққати махсус ба шартҳои адои он дода мешавад.

Шартҳои адои ҷазои корҳои ислоҳӣ дар м. 40 КИҶҶ ҶТ муқаррар гаштааст. Вале ин шартҳо танҳо бо доираи моддаи мазкур маҳдуд нагардида, дар моддаҳои дигари батанзимдарорандаи иҷрои ҷазои мазкур низ муқаррар шудаанд. Масалан, дар м. 45 КИҶҶ ҶТ шарти нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнатӣ маҳкумшуда мушаххас гардонида шудааст.

Дар назарияи ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ шартҳои иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ба таври гуногун таснифбандӣ карда мешавад. Масалан, О.Б. Лисигин шартҳои адои ҷазои корҳои ислоҳиро ба умумӣ ва махсус ҷудо месозад[172]. Ба шартҳои хусусияти умумидошта олими мазкур уҳдадориҳои маҳкумшудагонро мансуб медонад. Вазифа ва манъкуниҳои барои маҳкумшудагон муқарраршударо бошад ба сифати шартҳои махсуси адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ҳисоб мекунад[173].

Ба ин монанд ҷудо намудани шартҳои адои ҷазои мазкур ба манъкуниҳо ва уҳдадориҳо пешниҳод мешавад. Ба гурӯҳи аввал ҳолатҳои дар м. 42 КИҶҶ ҶТ ва ба гурӯҳи дуюм вазифаҳои маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ (қ. 1 м. 40 КИҶҶ ҶТ) мансуб дониста мешаванд.

[172] Ниг.: Комментарий к Уголовно-исполнительному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. С.В. Степашина. – М., 1999. – С. 168.
[173] Ниг.: Комментарий к Уголовно-исполнительному кодексу Российской Федерации / Отв. ред. А.И. Зубков. – М., 2008. – С. 85.

Аллбата бо чунин тасниф розӣ шудан мушкил аст, зеро шартҳои махсуси пешниҳодшуда ё манъкуниҳо на ҳама вақт нисбати маҳкумшудагон татбиқ мешаванд. Онҳо хусусияти иловагӣ ё ғайриҳатмӣ дошта дар давоми иҷрои ҷазо мумкин аст, умуман зарурати муқаррар намудани онҳо пайдо нашавад.

Вобаста ба ин В.Н. Орлов низ иброз медорад, ки таснифотҳои пешниҳодшуда ҳама хусусияти шартҳои адои ҷазои корҳоиислоҳиро ба назар нагирифтааст[174]. Муаллифи мазкур ҷудо намудани шартҳои адои ҷазоро ба муқаррарӣ ва сахт мувофиқи мақсад мешуморад. Дар баробари ин шартҳои муқаррариро ба асосӣ ва иловагӣ ҷудо намуда, ба шартҳои асосӣ он уҳдадориҳоеро мансуб медонад, ки дар ҳолати маҳкумшудан ба корҳоиислоҳӣ ҷой доранд: уҳдадориҳои нигоҳ доштани маблағ, маҳдудияти бо хоҳиши худ аз кор озод шудан, маҳдудият дар намуди уҳдадории дар мавриди тағйир додани ҷойи кор ё маҳалли истиқомат хабардор намудани нозироти корҳои ислоҳӣ. Уҳдадориҳои дигарро, ба монанди мустақилона пайдо намудани ҷойи кор, ба қайди мақомоти шуғли аҳолӣ истодан, нигоҳ доштани маблағ аз кумакпулиҳои вобаста ба муваққатан ғайриқобили меҳнат эътироф шудани маҳкумшуда пардохтшаванда ва ғайраро ҳамчун шартҳои иловагӣ ҳисоб менамояд.

Ба шартҳои вазнини адои корҳои ислоҳӣ В.Н. Орлов вазифа ва манъкуниҳои барои маҳкумшудагон муқарраршударо мансуб медонад[175].

Шартҳои адои корҳоиислоҳиро ба мақсад мувофиқ мебуд, агар ба асосӣ ва иловагӣ ҷудо созем. Ба шартҳои асосӣ он ҳолатҳое дохил мешаванд, ки нисбати ҳар як маҳкумшуда ба сифати уҳдадорӣ муайян шудааст, масалан ҳозир шудан ба нозироти корҳои ислоҳӣ, дар давоми адои ҷазо аз рӯйи тартиби муқарраршуда гузаштан аз қайди нозирот, софдилона меҳнат кардан дар объектҳои муайяншудаи адои ҷазо, пардохт намудани маблағи муайян ба фоидаи давлат ва ғайра.

Ба шартҳои иловагӣ дохил мешаванд, шартҳое, ки на ҳама вақт ҷой доранд ва бо сифати иҷрои ҷазо аз ҷониби маҳкумшудагони алоҳида ба ҷазо

---
[174] Ниг.: Орлов В.Н. Проблемы назначения и исполнения исправительных работ. – Ставрополь, 2001. – С. 80.
[175] Ниг.: Орлов В.Н. Асари зикршуда. – С. 81.

дар намуди корҳои ислоҳӣ вобастагӣ доранд. Ба шартҳои иловагӣ мумкин аст инҳо дохил шаванд: аз ҷониби маҳкумшуда гирифтани розигии нозироти корҳои ислоҳӣ дар бораи аз кор озод шудан бо хоҳиши худ; уҳдадории маҳкумшуда дар мавриди тағйир ёфтани ҷойи кор ё ҷойи истиқомат дар давоми даҳ рӯз огоҳ намудани нозироти корҳои ислоҳӣ; нигоҳ дошта шудан ба муҳлати то сӣ шабонарӯз дар ҳолатҳои аз маҳалли истиқоматӣ пинҳон шудан; гирифтор шудан ба маҳрумиятҳое, ки бо ҷазои дигар алоқаманд буда, мумкин аст дар асоси қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ бо сабаби ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои корҳои ислоҳӣ таъин шаванд.

Шарти зарурии адои корҳои ислоҳӣ ин фаъолияти меҳнатии маҳкумшуда ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи м. 39 КИҶҶ ҶТ шахсоне, ки ба ҷазои корҳои ислоҳӣ дар ҷойи корашон маҳкум шудаанд, дар ҳамон корхона, муассиса, ташкилот, ки онҳо то маҳкумшавӣ кор мекарданд, дар ҳамон вазифа ва коре, ки қаблан ба ҷо меоварданд корро идома медиҳанд, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ба дигар мансаб ё кори дигар гузаронидани ашхоси ба корҳои ислоҳӣ дар ҷойи корашон маҳкумшуда дар асосҳои умумии пешбининамудаи қонунгузории меҳнат анҷом дода мешавад.

Ҳангоми таъин гаштани ҷазои корҳои ислоҳӣ нисбати маҳкумшудагони ҷойи кор надошта, онҳо ба қайди хадамоти шуғли аҳолӣ монда шуда, аз ҷониби мақомоти мазкур бо кор таъмин карда мешаванд. Дар ин маврид мутобиқи талаботи қонун (қ. 4 м. 39 КИҶҶ ҶТ) онҳо ҳуқуқи рад намудани кори пешниҳодшударо бо сабаби ба ихтисоси онҳо мутобиқ будан ё набудани кори пешниҳодшударо надоранд.

Вале бо сабаби бекорӣ ҳамчун зуҳуроти манфии иҷтимоӣ дар иқтисоди бозоргонӣ масъалаи бо кор таъмин намудани маҳкумшудагон ба яке аз проблемаҳои муҳим табдил ёфтааст.

Шарти муҳимми адои корҳои ислоҳӣ нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнати маҳкумшуда ба фоидаи давлат дар ҳаҷми муқаррарнамудаи ҳукми суд ба ҳисоб меравад. Қонунгузории ҷиноятӣ муайян намудааст, ки аз даҳ то

сӣ фоизи музди меҳнати маҳкумшуда ба фоидаи давлат нигоҳ дошта мешавад.

Қабули қонунгузории нави ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар тартиби нигоҳ доштани маблағ тағйироти ҷиддӣ ворид накард. Дар қ. 2 м. 45 КИҶҶ ҶТ муқаррароти принсипан муҳим пешбинӣ шудааст, ки мутобиқи он фоизи нигоҳдошт аз музди меҳнати маҳкумшуда ҳармоҳа дар давраи пардохти музди меҳнат новобаста аз мавҷуд будани иддао бо дигар ҳуҷҷатҳои иҷроиявӣ ба амал бароварда мешавад. Ҳамин тавр, меъёри мазкур вақт ва давраи ба фоидаи давлат нигоҳ доштани фоизи бо ҳукми суд муайяншудаи нигоҳдошт аз музди меҳнати маҳкумшударо муқаррар месозад.

Инчунин дар меъёри мазкур дар навбати аввал иҷро шудани нигоҳдошт аз музди меҳнати маҳкумшуда зикр шудааст, ки он аз нигоҳдоштҳои дигар аз рӯйи ҳуҷҷатҳои иҷроиявӣ вобастагӣ надорад.

Ҳангоми нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнати маҳкумшуда ҳам даромади пулӣ ва ҳам даромад дар намуди асл (натуралӣ) ба ҳисоб гирифта мешавад. Қисми аслии даромад, ки аз маҳкумшуда нигоҳ дошта гирифта шудааст дар ихтиёри ташкилот монда, арзиши он мутобиқи нархи хариди давлат ба фоидаи давлат гузаронида мешавад. Маблағи аз даромад нигоҳдошташуда ҳар моҳ ба фоидаи давлат гузаронида мешавад.

Хусусияти мавсимӣ доштани кори баъзе аз категорияҳои маҳкумшудагон низ аз madди назар дур намондааст. Ҳамин тавр, дар б. 91 Дастурамал қоида оид ба нигоҳ доштани маблағ пешбинӣ шудааст, агар маҳкумшуда дар ҷойҳои кор бо музди даврӣ кор кунад (корҳои мавсимӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва ғ.). Дар ин ҳолатҳо, нигоҳдошт вобаста ба гирифтани музди меҳнат амалӣ карда мешавад.

Қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ имконияти адо намудани корҳои ислоҳиро дар корхонаҳои дорои шаклҳои гуногуни моликият ё ҳангоми соҳибкории инфиродӣ истисно намесозад. Баъзан ҳолатҳое мешаванд, ки худи маҳкумшуда соҳибкори инфиродӣ мебошад. Дар ин ҳолат танзими тартиби нигоҳ доштани музди меҳнати шахсе, ки соҳибкори инфиродӣ мебошад, зарур аст.

То андозе мушаххас ҳармоҳа нигоҳ доштани маблағ аз шахсе, ки ба фаъолияти фардӣ-меҳнатӣ машғул мебошанд, душвор аст. Тибқи б. 91 Дастурамал маблағи нигоҳдошти бо назардошти фоидаи пешгуйишаванда дар давоми сол вобаста ба андозаи фоидаи ба дастовардашуда муайян мегардад.

Ҳисоби қатъӣ аз рӯйи натиҷаи сол бо назардошти андозаи гирифтани фоидаи тахминӣ ва гирифтани фоидаро нозирот аз мақомоти андози ҷойи зисти маҳкумшуда талаб менамояд ва онҳоро ба парвандаи шахсӣ ҳамроҳ мекунад. Шахсоне, ки ба фаъолияти фардӣ-меҳнатӣ машғул мебошанд, фермерҳо ҳар моҳ маблағи аз фоида нигоҳдоштро ба фоидаи давлат мегузаронанд.

Чунин муқаррароти танзимкунандаи тартиби нигоҳ доштани маблағ аз музди маҳкумшуда бо иштироки унсури хусусӣ барои риояи тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар маҷмуъ муҳиманд, зеро раванди хусусигардонии амвол боиси он мегардад, ки дар оянда шумораи бештари корхонаҳо ба ихтиёри шахсони воқеӣ-соҳибкорони инфиродӣ мегузаранд ва маҳкумшудагон бо намуди муқарраршудаи ҷазо бо мурури замон кор хоҳанд кард.

Нозирот ҳар семоҳа дар ҷойи кори маҳкумшуда дуруст анҷом дода шудани нигоҳдошт аз музди меҳнатро санҷида, оид ба он санади дахлдор тартиб медиҳад. Санад дар ду нусха тартиб дода шуда, як нусхаи он дар ташкилоти ҷойи кори маҳкумшуда ва нусхаи дигар дар худи нозирот нигоҳ дошта мешавад.

Дар сурати пешниҳоди маълумотҳои ҳисобии вайронкардашуда оид ба кори маҳкумшуда, маоши ӯ ва нигоҳдоштҳои ба амал баровардашуда, нозирот дар намуди хаттӣ дар ин бора прокуратураро хабардор менамояд.

Дар бораи маблағҳои аз музди меҳнати маҳкумшуда нигоҳдошташуда ва миқдори рӯзҳои коркард маълумотнома тартиб дода шуда он ба парванди маҳкумшуда ҳамроҳ карда мешаванд.

Кафолати муҳимми ҳифзи ичтимоии ҳукуқҳои меҳнатии маҳкумшудагон муқаррароти қонунгузорӣ мебошанд, ки нигоҳдоштро аз намудҳои алоҳидаи пардохтҳои пулӣ манъ мекунанд.

Дар ҳолатҳои зерин маблағ нигоҳ дошта намешавад: а) аз нафақа ва ёрдампулиҳое, ки тибқи суғуртаи ичтимоӣ ва таъминоти ичтимоӣ гирифта мешаванд; б) аз пардохтҳои якдафъаина, ба ғайр аз кӯмакпулӣ барои бекорӣ, аз маблағҳое, ки ба сифати чубронпулӣ барои хароҷоти вобаста ба сафари хизматӣ пардохташаванда ва аз дигар ҷубронпулиҳо (қ. 4 м. 45 КИҶҶ ҶТ).

Ёрдампулиҳо оид ба корношоямии муваққатии маҳкумшудагон аз музди меҳнати онҳо баъди нигоҳ доштани маблағ дар ҳаҷми муайяннамудаи ҳукми суд ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар сурати бекор кардан ё тағйир додани ҳукми суд вобаста ба катъи парванда маблағҳои изофагии аз музди меҳнати маҳкумшуда нигоҳдошташуда пурра баргардонида мешаванд (қ.қ. 5-6 м. 45 КИҶҶ ҶТ).

Ба пардохтҳои яквақта ҳамаи мукофотпулии ҳавасмандгардонӣ, ки дар низоми музди меҳнат пешбинӣ нашудаанд, пардохти нафақа ҳангоми аз кор озод шудан, кумакпулиҳои яквақтаи пулии марбут ба суғуртаи давлатӣ дохил мешаванд. Пардохтҳои ҷубронӣ дар баробари ҷуброни хароҷот, маблағе ба ҳисоб меравад, ки ҳамчун ҷуброни хароҷоти марбут ба гузаронидан ба ҷойи дигари корӣ ё фиристодани кормандон, аз ҷумла мутахассисони ҷавон пас аз хатми мактаб барои кор дар маҳалли дигар, барои рухсатии истифоданашуда (вақте дар назар дошта мешавад, ки то оғози адои ҷазои ислоҳӣ коркард шудааст), барои аз ҷониби кормандон истифода бурдани асбобҳое, ки шахсан ба онҳо тааллуқ доранд, барои сарулибоси махсуси доданашуда. Чунин танзими муфассали ин масъала, ба назари мо, бешубҳа, ба таҳкими волоияти қонун дар иҷрои ҷазо мусоидат мекунад.

Мутобиқи қ. 3 м. 40 КИҶҶ ҶТ дар давоми муҳлати адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ба маҳкумшудагон иҷозат дода намешавад, ки бидуни иҷозати хаттии нозироти корҳои ислоҳӣ бо ҳоҳиши худ аз кор озод шаванд. Ибораи «бо хоҳиши худ»-ро қонунгузории меҳнат ошкор накардааст. Кодекси меҳнати ҶТ дар м. 39 шаш асосҳои гуногуни қатъ кардани шартномаи меҳнатиро, аз

ҷумла қатъ шудани шартномаи меҳнатӣ бо созиши тарафҳо (м. 40) ва бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корманд (м. 41)-ро пешбинӣ месозад.

Манъ будани бо хоҳиши худ аз кор озод шудан, аз ҷумла маҳдуд гаштани ҳуқуқҳои меҳнатии маҳкумшударо аз истифодаи меъёрҳои дар м.41 Кодекси меҳнати ҶТ муқарраршударо дорад, яъне маҳкумшуда наметавонад ҳатто дар ҳолатҳои бемориӣ, маъюбӣ, аз ҷониби корфармо иҷро нашудани шароитҳои меҳнат ва ғайра бе розигии нозироти корҳои ислоҳӣ қатъ намояд.

Масъалаи асоснокӣ ё беасос будани сабабҳои аз кор озод шуданро нозироти корҳои ислоҳӣ дар ҳар як ҳолати мушаххас ҳал менамояд. Мутобиқи қ. 3 м. 40 КИҶҶ ҶТ иҷозат барои бо хоҳиши худ аз кор озод шудан аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ пас аз санҷиши асоснокии аризаи маҳкумшуда дода шуданаш мумкин аст. Радди додани иҷозат дар мавриди озодкунӣ аз кор бояд асоснок карда шавад. Оид ба қарори раддия тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун шикоят кардан мумкин аст.

Тавсияҳои умумӣ барои нозироти корҳои ислоҳӣ дар мавриди ба маҳкумшуда пешниҳод намудани ҳуқуқи бо хоҳиши худ аз кор озод шудан мумкин аст аз инҳо иборат бошад:

Иҷозат барои аз кор озод шудан бо тартиби ҳатмӣ бояд ба маҳкумшудае дода шавад, ки вазъи саломатии ӯ имкон намедиҳад, ки фаъолияти меҳнатиро дар ҷойи мазкури корӣ идома диҳад;

Додани иҷозат барои аз кор рафтан дар ҳолатҳое ба мақсад мувофиқ аст, ки вақте маҳкумшуда кори дигар пайдо карда бошад.

Хоҳиш надоштани маҳкумшуда оид ба кор кардан дар ташкилот, корхона, муассисае, ки дар бораи содир шудани ҷиноят аз тарафи ӯ хабар доранд, беасос ҳисоб мешавад[176].

Шарти мазкури адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳиро баррасӣ намуда бояд ба ҷой доштани як қатор мухолифатҳо дар КИҶҶ ҶТ ишора намуд. Масалан, қ. 5 м. 40 ва м. 44 ба қ. 3 м. 40 КИҶҶ ҶТ мувофиқат намекунанд.

---

[176] Ниг.: Кукушкина Н.П. Условия отбывания наказания в виде исправительных работ без лишения свободы. – М.: ВНИИ МВД СССР, 1973. – С. 19.

Қисми 3 м. 40 КИҶҶ ҶТ муқаррар менамояд, ки дар давоми мухлати адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ба маҳкумшудагон иҷозат дода намешавад, ки бидуни иҷозати хаттии нозироти корҳои ислоҳӣ бо ҳоҳиши худ аз кор озод шаванд. Қисми 5 моддаи мазкур бошад, баръакс ба маҳкумшуда иҷозат медиҳад, ки бо хоҳиши худ аз кор озод шавад бо шарти он ки дар давоми даҳ рӯз нозироти корҳои ислоҳиро дар ин бора огоҳ созад. Тақрибан ҳамин гуна муқаррарот дар м. 44 КИҶҶ ҶТ зикр шудааст ва тибқи он маъмурияти ташкилоте, ки дар он ҷо маҳкумшуда ҷазои корҳои ислоҳиро адо мекунад, вазифадор аст қаблан нозироти корҳои ислоҳиро дар мавриди ба дигар вазифа гузаронидан, аз кор озод намудани маҳкумшуда огоҳ созад. Таҳлили мантиқии моддаи мазкур ба хулоса оварда метавонад, ки маъмурияти ҷойи кори маҳкумшуда пешакӣ ҳуқуқи бидуни огоҳ намудани нозирот аз кор озод намудани ӯро дорад. Барои бартараф намудани чунин номувофиқии меъёрҳои қонунгузории иҷрои ҷазо пешниҳод мешавад, ки ба м. 44 КИҶҶ ҶТ тағйироти зерин ворид карда шавад: «маъмурияти ташкилоте, ки дар он маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ кор мекунад, вазифадор аст, ки ду ҳафта пештар нозироти корҳои ислоҳиро мавриди ба дигар вазифа гузаронидан, аз кор озод намудан огоҳ созад, маҳкумшудаи барои аз кор озод шудан бо ариза мурочиат намударо ба нозироти корҳои ислоҳӣ барои гирифтани розигӣ фиристад». Мутобиқ ба қ. 1 м. 40 Кодекси меҳнати ҶТ корманд ҳуқуқ дорад шартномаи меҳнатии ба мухлати номуайян басташударо бо ду ҳафта пештар ба таври хаттӣ огоҳ намудани корфармо бекор намояд. Вазифадор намудани маъмурияти ташкилоти ҷойи кори маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ дар бораи ду ҳафта пештар огоҳ намудани нозироти корҳои ислоҳӣ ба маъмурияти ташкилот имкон медиҳад дар давоми се рӯз аз рӯзи додани аризаи маҳкумшуда бо муайян намудани сабабаҳои аз кор озод шудан ба он ҷавоб диҳад.

Қисми 5 м. 40 КИҶҶ ҶТ ба мақсад мувофиқ мебуд агар бо таҳрири зер ифода карда мешуд: «Дар мавриди тағйир ёфтани ҷойи кор бо мақсади санҷиши асоснок будани он ё ҷойи истиқомат маҳкумшуда уҳдадор аст, пешакӣ дар давоми даҳ рӯз нозироти корҳои ислоҳиро огоҳ созад».

КИҶҶТ ҶТ ба нозироти корҳои ислоҳӣ ҳуқуқ медиҳад, ки ба маҳкумшудагон вазифа ва манъкуниҳои дар м. 42 КИҶҶ ҶТ муқарраршударо гузорад. Вазифа ва манъкуниҳои дар м. 42 КИҶҶ ҶТ муқарраршуда бо назардошти хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷинояти содиршуда шахсияти маҳкумшуда, рафтори ӯ дар давраи адои ҷазо ва бо мақсади пешгирии қонуншиканиҳои нав татбиқ карда мешаванд.

Мутобиқи қ. 1 м. 42 КИҶҶ ҶТ нозироти корҳои ҳуқуқ дорад ба зиммаи маҳкумшуда вазифа ва манъкуниҳои зеринро гузорад:

а) манъи тарки манзил дар вақти муайяни шабонарӯз;

б) манъи тарки маҳалли истиқомат дар рӯзҳои истироҳат ва давраи рухсатӣ;

в) манъи ҳузур доштан дар ҷойҳои муайяни ноҳия (шаҳр);

г) уҳдадор сохтан ҷиҳати дар як моҳ ду маротиба ҳозир шудан барои гузаштан аз қайди нозироти корҳои ислоҳӣ.

Чи тавре аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд дар он се намуди манъкунӣ ва як уҳдадорӣ муқаррар шудааст, ки барои тағйир додани тарзи ҳаёти маҳкумшуда равона шудаанд. Давомнокии манъкуниҳо ва уҳдадорӣ ба муҳлати то шаш моҳ муайян шуда, он мумкин аст ҳар дафъа ба ҳамин муҳлат дароз карда шавад. Вале муҳлати вазифа ва манъкуниҳо аз доираи муҳлати ҷазои корҳои ислоҳии таъиншуда берун баромада наметавонад. Қарор дар бораи татбиқ намудан ё дароз кардани вазифаву манъкуниҳо на аз ҷониби суд, балки дар асоси назардиди нозироти корҳои ислоҳӣ қабул карда мешавад.

Дар адабиётҳо баён мешавад, ки вазифа ва манъкуниҳои мазкур мумкин аст ҳангоми ба қайд гирифтан ё дар давраи адои ҷазо нисбати маҳкумшуда муқаррар карда шаванд[177].

Дар давраи бақайдгирӣ додани ҳуқуқ ба нозироти корҳои ислоҳӣ оид ба муқаррар намудани уҳдадорӣ ва манъкуниҳо нисбати маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ бо мазмуни меъёри қ. 1 м. 42 КИҶҶ ҶТ мухолифат менамояд, ки

[177] Ниг.: Уголовно-исполнительное право: Сборник нормативных актов. – Т. 2. – М.: Новый Юрист, 1998. – С. 323; Хомлюк В. Ведущее звено / В. Хомлюк // Преступление и наказание. – 2000. – №4. – С. 9.

мутобиқи он вазифа ва манъкуниҳои мазкур бо назардошти рафтори маҳкумшуда дар давраи адои ҷазо татбиқ мешаванд. Ҳангоми ба қайд гирифтан корманди нозироти корҳои ислоҳӣ ҳанӯз имкони омӯхтани шахсияти маҳкумшударо надорад, бинобар ин муқаррар намудани чунин вазифа ва уҳдадориҳо дар давраи бақайдгирӣ беасос мебошанд.

А.С. Михлин татбиқ намудани вазифа ва манъкуниҳоро баррасӣ намуда баён менамуд, ки «амалияи татбиқ намудани назорати маъмурӣ, ки дар он чораҳои ба ин монанд истифода мешаванд аз ибтидо ба мақсад мувофиқ набудани истифодаи онҳоро шаҳодат медиҳанд»[178].

Ба андешаи мо ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар қонун бевосита муқаррар мешуд, ки вазифа ва манъкуниҳои пешбининамудаи м. 42 КИҶҶ ҶТ нисбати маҳкумшудагоне татбиқ кардан мумкин аст, ки аз се як ҳиссаи муҳлати ҷазои корҳои ислоҳиро адо карда бошанд. Дар баробари ин дар ҳолатҳои вайрон намудани тартиб ва шартҳои иҷрои корҳои ислоҳӣ нозироти корҳои ислоҳӣ ҳуқуқ дорад, ки вазифа ва манъкуниҳоро пештар аз муҳлати зикршуда муқаррар созад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ на ҳама олимон бо ҷой доштани меъёри мазкур (м. 42 КИҶҶ ҶТ) розӣ ҳастанд. Масалан, Ю.М. Ткачевский вазифа ва манъкуниҳоро баррасӣ намуда истода баён медорад, ки «онҳо бешубҳа ҳуқуқҳои маҳкумшудагонро маҳдуд менамоянд, ки ин барои системаи прогрессивии иҷрои ҷазо хос мебошад. Аммо имконияти ба маҳкумшудагон гузоштани чунин манъкуниҳо аз моҳияти ҷазои корҳои ислоҳӣ барнамеоянд, зеро онҳо дорои унсурҳои маҳдуд кардани озодӣ мебошанд. Вобаста ба ин байни м. 50 КҶ ФР (м. 52 КҶ ҶТ) ва м. 41 КИҶҶ ФР (м. 42 КИҶҶ ҶТ) мухолифат ҷой дорад»[179].

Албатта ин ҷо бо Ю.М. Ткачевский розӣ набудан мушкил аст. Вале, вазифа ва манъкуниҳо нисбати маҳкумшудагон дар навбати аввал бо мақсади риоя намудани низоми корҳои ислоҳӣ, инчунин бо мақсадҳои пешгиринамоии содиршавии ҷиноятҳои нав муқаррар мешаванд. Масалан,

---

[178] Уголовно-исполнительное право России: учебник / Под ред. В.И. Селиверстова. – 7-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристь, 2014. – С. 244.

[179] Ткачевский Ю.М. Соотношение уголовного и уголовно-исполнительного законодательства / Ю.М. Ткачевский // Вестник Московского университета. Серия 11 Право. – 1998. – №2. – С. 18.

дар қ. 3 м. 42 КИҶҶ ҶТ муайян мешавад, ки бекор будани маҳкумшуда амали вазифа ва манъкуниҳои муқарраршударо бознамедорад.

Муқаррар намудани маҳдудиятҳои дар қ. 1 м. 42 КИҶҶ ҶТ мустаҳкамшуда мумкин аст дар ҳолатҳои зерин истифода шаванд:

– Манъи тарки манзил дар вақти муайяни шабонарӯз, мумкин аст нисбати маҳкумшудагоне гузошта шавад, ки мунтазам нушокиҳои спиртиро истеъмол менамоянд ё тартиботи ҷамъиятиро халалдор месозанд;

– Манъи тарки маҳалли истиқомат дар рӯзҳои истироҳат ва давраи рухсатӣ асосан ба маҳкумшудагони бе сабабҳои узрнок ба кор набаромада истифода мешавад;

– Манъи ҳузур доштан дар ҷойҳои муайяни ноҳия (шаҳр) мумкин аст бо сабаби пешгирӣ намудани вайроншавии тартиботи ҷамъиятӣ, ҷудо намудани маҳкумшуда аз нафарони ба ӯ таъсири манфӣ расонанда татбиқ гардад;

– Уҳдадор сохтан ҷиҳати дар як моҳ ду маротиба ҳозир шудан барои гузаштан аз қайди нозироти корҳои ислоҳӣ нисбати маҳкумшудагоне муайян мешавад, ки ба нозирот бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудаанд.

Ҳангоми гузоштани манъкуниҳо ва вазифаҳои ба зиммаи маҳкумшуда гузошташаванда, пурзӯр намудани назорат аз болои онҳо бояд, манфиатҳои маҳкумшуда, имконияти татбиқ шудани уҳдадориҳои ӯ дар мавриди тарбияи кудакон, аз ҷиҳати моддӣ таъмин намудани оила, касбомӯзӣ, таҳсил ва ғайра бояд ба инобат гирифта шавад.

Дар м. 46 КИҶҶ ҶТ чораҳои ҳавасмандгардонӣ, ки нисбат ба ашхоси адокунандаи ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ истифода бурда мешаванд, муқаррар шудааст:

1. Барои рафтори шоиста ва муносибати софдилона ба меҳнат нисбат ба шахсони адокунандаи ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ нозироти корҳои ислоҳӣ метавонад мӯҳлат ва ҳаҷми вазифаҳою манъкуниҳои дар м. 42 КИҶҶ ҶТ пешбинишударо кам ё бекор намояд.

2. Маҳкумшудагоне, ки ислоҳ гардидани хешро собит намудаанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонун аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ барои

шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардани онҳо ба суд пешниҳод карда мешаванд.

Ба андешаи В.Н. Орлов чораҳои ҳавасманднамоии ба маҳкумшудагон татбиқшавандаро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд. Муаллифи мазкур ба гурӯҳи аввал он чораҳоеро мансуб медонад, ки бо беҳтар намудани шароити адои ҷазо вобаста мебошанд[180].

Масалан, барои рафтори шоиста ва муносибати софдилона ба меҳнат ба маҳкумшуда мумкин аст муҳлат ва ҳаҷми вазифаҳою манъкуниҳои дар м. 42 КИҶҶ ҶТ пешбинишуда кам ё бекор карда шаванд.

Вале чораҳои гурӯҳи аввали ҳавасманднамоӣ танҳо нисбати маҳкумшудае татбиқ мешавад, ки агар нисбати ӯ вазифа ва манъкуниҳои дар м. 42 КИҶҶ ҶТ муқарраршуда истифода шуда бошанд. Дар ҳолатҳое ки, агар маҳкумшуда аз аввал тартиб ва шартҳои адои ҷазоро риоя карда бошад, ба меҳнат софдилона муносибат намуда бошад, қонунгузор инро ҳамчун асос барои ҳавасманднамоӣ эътироф намекунад[181]. Ба андешаи мо чунин муқаррарот ба принсипи ҳавасмандгардонии рафтори ҳуқуқӣ, ки дар м. 12 КИҶҶ ҶТ мустаҳакам шудааст мувофиқат намекунад.

Гурӯҳи дуюм чораҳои ҳавасманднамоиеро дар бар мегирад, ки бо пешниҳод намудан барои шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан ҳангоми ислоҳ гардидани хешро собит намудани маҳкумшуда алоқаманданд, яъне маҳкумшудагоне, ки ислоҳ гардидани хешро собит намудаанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонун аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ барои шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардани онҳо ба суд пешниҳод карда мешаванд.

Таҳлили таҷрибаи нозироти корҳои ислоҳии вилояти Суғд нишон медиҳад, ки чораи мазкури ҳавасманднамоӣ аз ҷониби нозирот қариб ки истифода нашудааст. Масалан, дар соли 2022 аз шумораи умумии маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ (618 нафар), ки дар қайди нозироти корҳои

---

[180] Ниг.: Орлов В.Н. Проблемы назначения и исполнения исправительных работ: дис. … канд. юрид. наук. – Ставарополь, 2000. – С. 120.
[181] Ниг.: Орлов В.Н. Асари зикршуда. – С. 121.

ислоҳии вилояти Суғд қарор доштанд, танҳо нисбати 2 нафар шартан пеш аз муҳлат озод намудан аз адои ҷазо татбиқ шудааст.

Чунончи маҳкумшуда А.А., ки бо ҳукми суди шаҳри Бустон ба ҷазои корҳои ислоҳӣ ба муҳлати як сол бо нигоҳ доштани бист фоизи музди меҳнат маҳкум шуда буд, бо пешниҳоди Сардори НКИ РИҶҶ СРИҶҶ ҶТ ВА ҶТ дар вилояти Суғд аз ҷониби суди мазкур шартан пеш аз муҳлат аз адои муҳлати боқимонадаи ҷазо, ки чор моҳу понздаҳ рӯзро ташкил медиҳад озод карда шудааст. Дар қарори суд дар бораи пеш аз муҳлат озод намудани маҳкумшуда аз адои боқимонадаи ҷазои корҳои ислоҳӣ омадааст, ки маҳкумшуда А.А. дар вазифаи мутахасис-парандапарвар фаъолият намуда истода, мунтазам ҳар моҳ дар муҳлати таъиншуда аз музди маошаш фоизи таъиннамудаи судро бе ягон саркашӣ ба фоидаи давлат пардохт намуда, расидҳои бонкиро пешниҳод намудааст, тартиби иҷрои ҷазоро риоя намуда, дар вақтҳои таъиннамудаи нозир сари вақт омада, аз қайд гузашта, бо рафтори намунавӣ ва меҳнати софдилонаи худ ислоҳ шуданашро исбот намудааст. Маҳкумшуда А.А. дарк кардааст, ки мехоҳад дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ адои хизмат кунад. Вобаста ба асосҳои зерин ӯ аз адои боқимонадаи ҷазои корҳои ислоҳӣ, ки чор моҳу понздаҳ рӯзро ташкил медиҳад, шартан пеш аз муҳлат озод карда шудааает[182].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ зарурати васеъ намудани доираи чораҳои ҳавасманднамоӣ бо мақсади таъмини самараноки иҷрои ҷазои мазкур ва ҳар чӣ бештар ноил шудан ба мақсадҳои он пешниҳод мешавад.

Масалан, В.Н. Орлов васеъ намудани доираи чораҳои ҳавасмандгардониро аз ҳисоби эълон доштани миннатдорӣ, раҳматнома додан ва истифодаи дигар чораҳои ҳавасмандии ахлоқӣ, пешниҳод намудани рухсатии пардохтшавандаи ҳарсола бо давомнокии рузҳои ихтисоршуда ва кам намудани андозаи нигоҳдошт аз музди меҳнатро пешниҳод менамояд[183].

---

[182] Ниг.: Парвандаи шахсии №270/22 // Бойгонии нозироти корҳои ислоҳӣ дар вилояти Суғд.
[183] Ниг.: Орлов В.Н. Проблемы назначения и исполнения исправительных работ: дис. … канд. юрид. наук. – Ставарополь, 2000. – С. 121.

Чунончи мутобиқи қ. 6 м. 40 КИҶҶ ҶТ дар давраи адои ҷазои корҳои ислоҳӣ рухсатии пардохташавандаи ҳарсола бо давомнокии ҳаждаҳ рӯзи корӣ аз ҷониби маъмурияти корхонае, ки дар он маҳкумшуда кор мекунад, бо мувофиқаи нозироти корҳои ислоҳӣ дода мешавад. Дар баробари ин Кодекси меҳнати ҶТ дар м. 93 давомнокии рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи камтаринро 24 рӯзи тақвимӣ муқаррар намудааст, яне Кодекси меҳнати ҶТ муҳлати рухсатиро тавассути рузҳои тақвимӣ, КИҶҶ ҶТ бошад онро бо рузи корӣ ҳисоб менамояд. Бояд зикр намуд, ки ҳангоми бо рузи тақвимӣ ҳисоб намудани рухсати ба ин муҳлат инчунин рузҳои истироҳатӣ низ дохил мешаванд. Бинобар ин зарур шуморида мешавад, ки бо мақсади бо Кодекси меҳнат мувофиқ гардонидани муқаррароти қ. 6 м. 40 КИҶҶ ҶТ муҳлати рухсати нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ бо назардошти рузҳои истироҳатӣ 21 рӯзи тақвимӣ муайян карда шавад.

**Ғайр аз ин, ибораи «рухсатии пардохташавандаи ҳарсола», ки дар қ.6 м. 40 КИҶҶ ҶТ истифода шудааст, дар мутобиқат бо Кодекси меҳнати ҶТ бо ибораи «рухсатии меҳнатии асосии ҳарсола» иваз карда шавад.**

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ, инчунин пешниҳод мешавад, ки доираи чораҳои ҳавасманднамоӣ аз ҳисоб ба он дохил намудани имконияти кам кардани фоизи бо ҳукми суд таъиншудаи нигоҳдошт аз музди меҳнати маҳкумшуда васеъ карда шавад[184].

Бояд зикр намуд, ки дар мухолифат бо КИҶҶ ҶТ Дастурамал оид ба тартиби иҷрои ҷазо, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад, имконияти кам кардани фоизи нигоҳдошт аз музди меҳнатӣ маҳкумшударо пешбинӣ менамояд. Чунончӣ мутобиқи б. 87 Дастурамал нозирот, худи маҳкумшуда ё маъмурияти ташкилоте, ки ӯ кор мекунад, ҳуқуқ дорад ба суд оид ба камкунии андозаи нигоҳдошт аз маош ҳангоми бадтар шудани шароити моддии ӯ гувоҳнома баён намояд. Ҳалнома оид ба камкунии андозаи нигоҳдошт бо назардошти ҳама даромадҳои маҳкумшуда

[184] Ниг.: Савелев Ю.И. Исполнение исправительных работ: теория и практика: дис. ... канд. юрид. наук. – Иркутск, 2005. – С. 154.

бароварда мешавад. Вале, дар КИҶҶ ҶТ бошад, меъёр дар бораи имконияти кам кардани андозаи нигоҳдошт аз музди меҳнат пешбинӣ нашудааст.

Ба андешаи мо дар КИҶҶ ҶТ муқаррар намудани чунин муқаррарот дар бораи имконияти кам намудани андозаи нигоҳдошт, ҳамчун чораи ҳавасмандгардонӣ нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ метавонист барои ҳавасмангардонии рафтори ҳуқуқии онҳо нақши муйянро иҷро намояд.

Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки **ба қ. 7 м. 45 КИҶҶ ҶТ бо мазмуни зайл ворид тағйирот карда шавад: нозироти корҳои ислоҳӣ, маҳкумшуда ё маъмурияти ташкилоте, ки ӯ кор мекунад ҳуқуқ дорад** ба суд оид ба камкунии андозаи нигоҳдошт аз музди меҳнат ҳангоми бад шудани шароити моддии ӯ муроҷиат намоянд. Ҳалнома дар бораи камкунии андозаи нигоҳдошт бо назардошти ҳама даромадҳои маҳкумшуда бароварда мешавад. Инчунин ба м. 46 КИҶҶ ҶТ тағйирот ворид карда шуда дар он имконияти камкунии андозаи нигоҳдошт аз музди меҳнат ҳангоми рафтори намунавӣ ва муносибати софдилона ба меҳнат ҳамчун чораи ҳавасманднамоӣ муқаррар карда шавад.

Масъалаи дигар ин ҷавобгарӣ барои вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ва барои саркашӣ намудан аз адои он (м. 47 КИҶҶ ҶТ) ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи қ. 1 м. 47 КИҶҶ ҶТ вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ иборатанд аз:

а) бидуни сабабҳои узрнок аз лаҳзаи бақайдгирӣ дар нозироти корҳои ислоҳӣ дар давоми даҳ рӯз ба кор набаромадан ё саркашӣ ба ҳамон муҳлат аз бақайдгирӣ дар маркази шуғли аҳолӣ;

б) бидуни сабабҳои узрнок ҳозир нашудан ба нозироти корҳои ислоҳӣ;

в) вайрон кардани вазифа ва манъкуниҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс;

г) ба кор набаромадан ё ҳозир шудан ба кор дар ҳолати мастӣ ё дар ҳолати мастии нашъа ё заҳрмандӣ.

Ҳолатҳои мазкури вайрон кардани тартиби адои ҷазо дар Дастурамал оид ба тартиби иҷрои ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад, маънидод гардидааст. Вале зимни маънидоднамоии ин ҳолатҳо Дастурамал баъзан ба тавзеҳоти ғалат роҳ додааст. Масалан, дар Дастурамал, аз ҷумла дар муҳлати 15 руз бе сабабҳои узрнок пайдо накардани ҷойи корӣ ё барои пайдо кардани он ба мақомоти дахлдор ба қайд нагузоштан ҳамчун вайрон кардани тартиби адои ҷазо эътироф шудааст.

Ҳол он ки қ. 1 м. 47 КИҶҶ ҶТ чунин муҳлатро 10 рӯз пешбинӣ намудааст. Ғайр аз ин дар б. 105 Дастурамал ба сифати вайронкунии тартибот ва шартҳои адои ҷазо дермонӣ ба кор номбар шудааст. Вале чунин ҳолат, яъне дермонӣ ба кор дар қ. 1 м. 47 КИҶҶ ҶТ ба сифати вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ муқаррар нашудааст. Барои бартараф намудани чунин мухолифатҳо бояд б. 105 Дастурамал ислоҳ карда шуда дар он ҳолатҳои дар қ. 1 м. 47 КИҶҶ ҶТ муқарраршуда ҳамчун вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ тавзеҳ дода шаванд.

Мушаххаснамоии мафҳуми тартиб ва шартҳои адои ҷазо имкон медиҳад, ки рафтори маҳкумшуда дуруст баҳогузорӣ шуда, нисбати ӯ чораи муайяни ҷавобгарӣ муайян шавад. Дар ин баробар, қонунгузор мафҳуми сабабҳои узрнок ва ғайри узрноки ҳозир нашудан ба кор ё ба нозироти корҳои ислоҳиро муқаррар накардааст. Ба сифати сабабҳои узрнок мумкин аст: бад шудани вазъи саломатӣ, ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ, татбиқ гаштани ҳабси маъмурӣ ва дигар омилҳои объективӣ дохил карда шаванд, ки монеъи иҷрои уҳдадории мазкури маҳкумшуда мегарданд[185].

Ҳангоми зарурат нозироти корҳои ислоҳӣ маҳкумшударо даъват мекунад, дар ҷойи зист санҷида аз ӯ оид ба сабабҳои роҳ додан ба ин вайронкуниҳо баёнот мегирад, дар ҳолати зарурат ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудияти сабабҳои объективии риоя нанамудани тартиб ва шартҳои адои ҷазоро

[185] Ниг.: Лядов Э.В. Ответственность осужденных к наказанию в виде исправительных работ за уклонение от отбывания наказания / Э.В. Лядов // Евразийское научное обединение. – 2017. – №11 (33). – С. 220.

тасдиқ мекунанд, талаб мекунад. Ҳангоми ҷой надоштани сабабҳои узрноки вайронкунӣ нозироти корҳои ислоҳӣ метавонад ӯро оид ба иваз намудани корҳои ислоҳӣ ба дигар намуди ҷазо хаттӣ огоҳ намояд.

Дар қ. 3 м. 47 КИҶҶ ҶТ мафҳуми ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои ҷазои корҳои ислоҳӣ муайян шудааст.

Саркашӣ кардан аз адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ҳамон вақт ашаддӣ ҳисоб карда мешавад, ки агар маҳкумшуда такроран тартиб ва шартҳои адои ҷазоро пас аз содир кардани яке аз вайронкуниҳои дар қ. 1 м. 47 КИҶҶ ҶТ зикргардида, ки ба таври хаттӣ огоҳонида шуда буд, содир карда бошад, инчунин маҳкумшудае, ки аз маҳалли истиқомат пинҳон шуда ҷойи исти ӯ маълум намебошад (қ. 3 м. 47 КИҶҶ ҶТ).

Маҳкумшудае, ки аз маҳалли истиқоматӣ пинҳон шуда, ҷойи исти ӯ маълум намебошад, нисбаташ кофтуков эълон карда шуда, мумкин аст бо розигии прокурор ва қарори суд ба муҳлати то сӣ шабонарӯз дастгир карда шавад.

Нисбати маҳкумшудагоне, ки аз адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ашаддӣ саркашӣ менамоянд нозироти корҳои ислоҳӣ оид ба иваз намудани ҷазои корҳои ислоҳӣ ба дигар намуди ҷазо тибқи талаботи қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ ба суд пешниҳод мефиристад.

Дар қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки дар сурати аз адои муҳлати ҷазо ашадӣ саркашӣ намудани шахси ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда, суд метавонад ба ҳисоби як рӯзи маҳдуд кардани озодӣ ба ҷойи як рӯзи корҳои ислоҳӣ, як рӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷойи се рӯзи корҳои ислоҳӣ ҷазои нотамомро бо маҳдуд кардани озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ иваз намояд.

Ин ҷо ба андешаи мо истифода шудани калимаи «метавонад» дар қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ мувофиқ нест. Зеро дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои ҷазо маҳкумшуда қатъиян хоҳиши адо намудани ҷазои корҳои ислоҳиро надорад ва ягона чора ин иваз намудани ҷазои мазкур бо ҷазоҳои маҳдуд кардани озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, дурусттар мебуд, агар калимаи «метавонад» дар қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, чунин ивазнамоӣ ба таврӣ ҳатмӣ муқаррар карда шавад, яъне қ. 3 м. 52

КҶ ҶТ дар таҳрири зайл ифода гардад: дар сурати аз адои муҳлати ҷазо ашадӣ саркашӣ намудани шахси ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда, суд ба ҳисоби як рӯзи маҳдуд кардани озодӣ ба ҷойи як рӯзи корҳои ислоҳӣ, як рӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷойи се рӯзи корҳои ислоҳӣ ҷазои нотамомро бо маҳдуд кардани озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ иваз менамояд.

Аз сабаби он ки ҷазои маҳдуд кардани озодӣ воқеан иҷро намешавад, дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ кардан аз адои корҳои ислоҳӣ он танҳо бо маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда мешавад.

Мувофиқи мааълумотҳои омории аз НКИ РИҶҶ СРИҶҶ ВА Ҷумҳурии **Тоҷикистон дар вилояти Суғд бадастовардаи мо маълум мешавад, ки дар соли 2018 аз 355 нафар маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ нисбати 15 нафар, 2019 аз 697 нисбати 35 нафар, 2020 аз 750 нисбати 68 нафар, 2021 аз 421 нисбати 24 нафар, 2022 аз 648 нафар** нисбати 61 нафар ҷазои корҳои ислоҳӣ барои ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои он бо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шудааст[186].

Таҳлили таҷрибаи нозироти корҳои ислоҳӣ нишон медиҳад, ки аз ҳолатҳои вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазои мазкур бештар аз маҳалли истиқомат пинҳон шудани маҳкумшуда ба назар мерасад, ки дар чунин маврид нозироти корҳои ислоҳӣ ба суд оид ба иваз намудани ҷазои корҳои ислоҳӣ бо ҷазои дигари вазнинтар пешниҳод мефиристад.

Масалан, Сардори НКИ РИҶҶ СРИҶҶ ВА Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд бо пешниҳод дар бораи иваз намудани ҷазои корҳои ислоҳӣ бо дигар намудаи ҷазо нисбати маҳкумшуда Ҷ.Ф. муроҷиат намуда, пешниҳоди худро чунин асоснок намудааст, ки Ҷ.Ф. бо ҳукми ш. Исфара бо м. 32 қ. 3 б.б. «в, г» қ. 2 м. 244 КҶ ҶТ ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ бо нигоҳ доштани 15% аз музди маошаш ба фоидаи давлат маҳкум шудааст. Баъди ворид гардидани нусхаи ҳукми судӣ нозир корҳои аввалиндараҷаи ҷустуҷӯӣ гузаронида муайян намудааст, ки маҳкумшуда то ворид шудани нусхаи ҳукми суд ба

[186] Ниг.: Маълумотнома дар бораи ҷазои корҳои ислоҳӣ дар солҳои 2018 то соли 2022 дар НКИ вилояти Суғд.

нозироти корҳои ислоҳӣ ба ФР барои муҳоҷирати меҳнатӣ рафта, барои иҷрои ҳукми суд ба нозирот ҳозир нашудааст.

Чунин ҳолатҳо вобаста ба пешниҳоди Сардори нозироти корҳои ислоҳӣ аз ашаддӣ саркашӣ намудани маҳкумшуда аз адои ҷазо, надоштани хоҳиши иҷрои талаботи ҳукм аз тарафи ӯ шаҳодат медиҳанд.

Суд пешниҳоди сардори нозироти корҳои ислоҳиро қонеъ намуда дар таъинот чунин нишон додааст:

Ҷазои маҳкумшуда Ҷ.Ф., ки бо ҳукми суди ш. Исфара бо м. 32 қ. 3 б.б. «в, г» қ. 2 м. 244 КҶ ҶТ дар намуди корҳои ислоҳӣ ба муҳлати як сол бо нигоҳ доштани 15% музди меҳнаташ маҳкум шудааст ва таъинкардаро умуман адо накардааст, ба намуди маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шуда, бо ҳисоби як рӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷойи се рӯзи корҳои ислоҳӣ, яъне ба муҳлати чор моҳ бо адои ҷазо дар колонияи ислоҳии дорои низомаш умумӣ иваз карда шавад[187].

Асоси иваз намудани ҷазои корҳои ислоҳӣ бо ҷазои дигари вазнинтар инчунин ҳолатҳое баромад менамоянд, ки дар рафтори маҳкумшуда якчанд вайронкуниҳои тартиб ва шартҳои адои ҷазо дида мешавад.

Масалан, дар асоси пешниҳоди Сардори НКИ РИҶҶ СРИҶҶ ВА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои ба маҳкумшуда Ш.М. таъиншудаи корҳои ислоҳӣ ба муҳлати як солу ду моҳ бо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати чор моҳу бист рӯз бо адои ҷазо дар колонияи ислоҳии низоми умумӣ иваз карда шудааст.

Дар пешниҳод ҳолатҳои ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои корҳои ислоҳӣ чунин муайян гардидааст: баъди ворид шудани нусхаи ҳукм ба нозироти корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда Ш.М. ба нозирот ҳозир нашудааст. Дертар маҳкумшуда пас аз муддати муайян ба нозирот ҳозир мешавад, ки ба ӯ тамоми моҳияти иҷроиши ҳукми судӣ ва ҷавобгарӣ барои вайрон намудани тартиби онро ба пуррагӣ фаҳмонад дар ин хусус аз ӯ забонхат гирифта, ухдадор шудааст, ки дар ҳолати аз иҷрои ҳукми суд саркашӣ намуданаш ҷазои корҳои ислоҳӣ ба ҷазои нисбатан сахттар иваз карда мешавад.

[187] Ниг.: Таъиноти маҷлиси судии ш. Исфара аз соли 2016 // Бойгонии суди ш. Исфара.

Ҳамзамон маҳкумшуда ухдадор карда шудааст, ки ба ҷойи кор таъмин шуда ҳуҷҷатҳои заруриро барои иҷрои ҳукми суд дастрас намояд. Вале маҳкумшуда ба кор надаромада ҳуҷҷатҳои ба иҷрои ҳукм алоқамандро низ дастрас нанамудааст, ки нозир минбаъд аз ӯ баёнот гирифта нисбаташ огоҳномаи хаттӣ эълон кардааст. Худи ҳамон рӯз ба маҳкумшуда Ш.Н. роҳхат оид ба таври имтиёзнок ба кор таъмин шудан ба маркази шуғли аҳолӣ дода шуда, такроран ба нозироти корҳои ислоҳӣ даъват карда шудааст. Вале маҳкумшуда бе сабабҳои узрнок ба нозирот ҳозир нашудааст. Бар замми ин аз маълумоти маркази шуғли аҳолӣ маълум шудааст, ки ба маҳкумшуда якчанд ҷойи корӣ пешниҳод шудааст, вале ӯ ҳамагӣ як маротиба муроҷиат намуда дигар нисбати кор ё иҷрои ҷазо беэътиноӣ зоҳир намудааст. Ин гуна рафтори маҳкумшуда Ш.Н. аз ҷониби нозирот ҳамчун ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои корҳои ислоҳӣ эътироф шудааст[188]. Дар мавриди зикршуда ҳолатҳои дар б.б. «а, б» м. 47 КИҶҶ ҶТ муқарраршудаи вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо, яъне бидуни сабабҳои узрнок аз лаҳзаи бақайдгирӣ дар нозироти корҳои ислоҳӣ дар давоми даҳ рӯз ба кор набаромадан ё саркашӣ ба ҳамон муҳлат аз бақайдгирӣ дар маркази шуғли аҳолӣ; бидуни сабабҳои узрнок ҳозир нашудан ба нозироти корҳои ислоҳӣ дида мешавад, ки пас аз ба таври хаттӣ огоҳонида шудан тароран содир шудаанд.

Дар амалияи иҷрои корҳои ислоҳӣ баъзе мушкилиҳо дар мавриди иваз намудани ҷазои мазкур бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста ба матни қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ ба вуҷуд омада метавонад. Дар қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ муайян шудааст, ки чунин ивазнамоӣ дар сурати «аз адои муҳлати ҷазо ашаддӣ саркашӣ намудани **шахси ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда**» имконпазир аст. Аммо чи бояд кард, агар гунаҳгор на ба ҷазои корҳои ислоҳӣ, балки ба ҷазои ҷарима маҳкум шуда, корҳои ислоҳӣ баъдан ба тарзи ивазнамоӣ дар асоси қ. 5 м. 49 КҶ ҶТ таъин шуда бошад.

---

[188] Ниг.: Таъиноти суди ноҳияи Ҷаббор Расулов вилояти Суғд аз соли 2019 // Бойгонии суди ноҳияи Ҷаббор Расулов

Чунки чунин шахс новобаста ба иваз шудани ҷарима ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда ба ҷазои ҷарима ба ҳисоб меравад.

Ба ин монанд, ҳангоми иваз намудани корҳои ислоҳӣ ба маҳрум сохтан аз озодӣ охирин аз тарафи суд бо тартиби иҷрои ҳукм муайян карда мешавад, бинобар ин шахси бо ҳукми суд ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда минбаъд низ маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ ҳисоб шудан мегирад[189].

Дар таҷрибаи судӣ ҷазои корҳои ислоҳиро, ки бар ивази ҷазои дигар бо таъиноти суд таъин шуда, минбаъд шахс аз адои он низ саркашӣ мекунад, дар асоси қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ ба ҷазои дигар иваз менамоянд, ки ин то андозае ба мазмуни қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ мувофиқат наменамояд.

Масалан, нисбати маҳкумшуда П.Д., ки бо ҳукми суд бо қ. 1 м. 237 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ бо ин модда бо дастрасии м. 63 КҶ ҶТ ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо таъин карда шуда, бо сабаби ашаддӣ саркашӣ намудан аз пардохти он ҷарима бо ҷазои корҳои ислоҳӣ ба муҳлати 1 солу 6 моҳ бо нигоҳ доштани 20% музди меҳнат ба фоидаи давлат иваз карда шудааст.

Минбаъд низ маҳкумшуда П.Д. аз адои корҳои ислоҳӣ ашаддӣ саркашӣ намудааст. Бинобар ин Сардори НКИ СРИҶҶ ҶТ ба суд бо пешниҳод оид ба иваз намудани ҷазои корҳои ислоҳӣ бо дигар намуди ҷазои нисбатан сахттар муроҷиат намудааст. Зеро маҳкумшуда аз уҳдадории худ оид ба иҷрои ҷазо саркашӣ намуда, талаботи қонунии иҷрои ҷазоро сарфи назар намуда, қарори судро умуман иҷро накарда ба ФР сафар намудааст, ки ин ҳолат ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои ҷазо ба ҳисоб меравад.

Суд пешниҳоди мазкурро қонеъ намуда, ҷазои нисбати маҳкумшуда П.Д., ки бо қарори суд ҷазои ҷарима ба ҷазои корҳои ислоҳӣ ба муҳлати 1 солу 6 моҳ бо нигоҳ доштани 20% музди меҳнат ба фоидаи давлат, иваз карда шудааст, тағйир дода шуда, ба ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз азодӣ ба муҳлати 6 моҳ бо нигоҳ доштан дар колонияи ислоҳии дорои низомаш умумӣ таъин карда шудааст[190].

---

[189] Ниг.: Становский М.Н. Назначение наказания. – Санкт-Петербург, 1999. – С. 85.
[190] Ниг.: Таъиноти маҷлиси судии Суди ноҳияти Спитамен аз соли 2017 // Бойгонии суди ноҳияти Спитамен.

Барои бартараф намудани чунин мухолифат, бо талаботи принсипи қонуният, ки мутобиқи он мазмуни КҶ бояд дақиқан мутобиқи матни он фаҳмида шавад (қ. 4 м. 4 КҶ ҶТ) дар қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ ибораи **«шахси ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда»** зарур аст, ки бо калимаи «маҳкумшуда» иваз карда шавад.

Ҳамин тавр, шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳиро таҳлил намуда ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Шартҳои адои корҳои ислоҳиро шартан ба асосӣ ва иловагӣ ҷудо намудан мумкин аст. Ба шартҳои асосӣ он ҳолатҳое дохил мешаванд, ки нисбати ҳар як маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ муқаррар шудаанд. Ба шартҳои иловагӣ дохил мешаванд, шартҳое, ки на ҳама вақт ҷой доранд ва бо сифати иҷрои ҷазо аз ҷониби маҳкумшудагони алоҳида ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ вобастагӣ доранд.

2. Пешниҳод мешавад, ки м. 44 КИҶҶ ҶТ бояд тағйир дода шуда ба он иловаи зерин ворид карда шавад: «маъмурияти ташкилоте, ки дар он маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ кор мекунад, вазифадор аст, ки қаблан ду ҳафта пештар нозироти корҳои ислоҳиро дар мавриди ба дигар вазифа гузаронидан, аз кор озод намудан огоҳ созад, маҳкумшудаи барои аз кор озод шудан бо ариза муроҷиатнамударо ба нозироти корҳои ислоҳӣ барои гирифтани розигӣ фиристад».

3. Қисми 5 м. 40 КИҶҶ ҶТ бо таҳрири зер ифода карда шавад: «Дар мавриди тағйир ёфтани ҷойи кор бо мақсади санҷиши асоснок будани он ё тағйир додани ҷойи истиқомат, маҳкумшуда уҳдадор аст, пешакӣ дар давоми даҳ рӯз нозироти корҳои ислоҳиро огоҳ созад».

4. **Ба м. 45 КИҶҶ ҶТ қисми 7 бо мазмуни зайл ворид карда шавад: нозироти корҳои ислоҳӣ, маҳкумшуда ё маъмурияти ташкилоте, ки ӯ кор мекунад ҳуқуқ дорад** ба суд оид ба камкунии андозаи нигоҳдошт аз музди меҳнат ҳангоми бадтар шудани шароити моддии ӯ муроҷиат намоянд. Ҳалнома дар бораи камкунии андозаи нигоҳдошт бо назардошти ҳама даромадҳои маҳкумшуда бароварда мешавад.

5. Ба қ. 2 м. 42 КИҶҶ ҶТ муқаррароти зерин илова карда шавад:

Вазифа ва манъкуниҳои пешбининамудаи қисми 1 м. 42 КИҶҶ ҶТ нисбати маҳкумшудагоне татбиқ кардан мумкин аст, ки аз се як ҳиссаи муҳлати ҷазои корҳои ислоҳиро адо карда бошанд. Дар ҳолатҳои вайрон намудани тартиб ва шартҳои иҷрои корҳои ислоҳӣ нозироти корҳои ислоҳӣ ҳуқуқ дорад, ки вазифа ва манъкуниҳоро пештар аз муҳлати зикршуда муқаррар созад.

6. Ба қ. 1 м. 46 КИҶҶ ҶТ муқаррароти зерин илова карда шавад:

Барои рафтори шоиста ва муносибати софдилона ба меҳнат нисбат ба шахсони адокунандаи ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ нозироти корҳои ислоҳӣ метавонад муҳлат ва ҳаҷми вазифаҳою манъкуниҳои дар моддаи 42 ҳамин Кодекс пешбинишударо кам ё бекор намояд, рухсатии пардохтшавандаи ҳарсоларо бо давомнокии 24 рӯзи тақвимӣ диҳад, инчунин ба суд оид ба кам намудани андози нигоҳдошт аз музди меҳнат пешниҳоднома фиристад.

5. Дар қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ ибораи «**шахси ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда»** зарур аст, ки бо калимаи «маҳкумшуда» иваз карда шавад.

## 2.3. Воситаҳои ислоҳшавии маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ адо менамоянд

Тартиби иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мураккаб буда тамоми раванди иҷро ва адои ҷазои ҷиноятиро фаро мегирад. Раванди иҷрои ҷазо дар ҳолати маҳкум шудан ба корҳои ислоҳӣ аз нозироти корҳои ислоҳӣ татбиқ шудани маҷмуи воситаҳои асосии ислоҳ намудани маҳкумшудагонро, ки дар қ. 2. м. 14 КИҶҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, талаб менамояд.

Бояд қайд намуд, ки татбиқи воситаҳои ислоҳӣ нисбат ба маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ адо мекунанд, хусусиятҳои хоси худро дорад.

Аз ҷумла, ба андешаи баъзе аз олимон тамоми воситаҳои ислоҳшавӣ нисбат ба чунин маҳкумшудагон татбиқ карда намешаванд[191].

[191] Ниг.: Уткин В.А. Правовые основы неучастия общественности в реализации уголовно-исполнительной политики / В.А. Уткин // Проблемы теории наказания и его исполнения в новом Уголовном и Уголовно-исполнительном кодексах (к 75-летию Н.А. Стручкова): материалы науч.-практ. конф. (февраль 1997 г.). – М.: Изд-во ВНИИ МВД России, 1997. – С. 146.

Ҳангоми иҷрои корҳои ислоҳӣ танҳо унсурҳои алоҳидаи таъсиррасонии ислоҳӣ татбиқ мегардад[192].

Вобаста ба ин аз ҷумла Ҳ.С. Салимов чунин мешуморад, ки низом танҳо марбути муассисаҳои ислоҳӣ буда, дар мавриди иҷрои ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобастабуда татбиқ мешавад[193].

Ба андешаи Т.Ш. Шарипов бошад «ҳангоми адои ҷазоҳои ҷиноятӣ, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, маҷмуи унсурҳои асосии мазмуни низомро ташкилдиҳанда, ки доираи ҳуқуқҳои маҳкумонро маҳдуд менамояд, басо танг гардида, қоидаҳои махсуси рафтори онҳоро ба танзим медароранд. Аммо ҳангоми иҷрои ҷазо назорат аз болои рафтори маҳкумшудагон ҷой дорад, ки он ба сифати яке аз унсурҳои асосии низом баромад мекунад»[194].

Андешаи дигари муқобил ҷой дорад, ки мутобиқи он нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ маҷмуи воситаҳои асосии ислоҳии маҳкумшудагон, ки дар м. 14 КИҶҶ ҶТ муқаррар шудааст, истифода мешавад[195].

Дар м. 14 КИҶҶ ҶТ қонунгузор воситаҳои асосии ислоҳ намудани маҳкумшудагонро дар умум новобаста аз намуди ҷазо муқаррар намудааст. Ҷазои корҳои ислоҳӣ вобаста ба хусусиятҳои худ имкон медиҳад, ки ҳангоми иҷро ва адои он дилхоҳ аз ин воситаҳо истифода шаванд. Бинобар ин истисно намудани татбиқи ин ё он воситаи асосии ислоҳӣ маҳкумшуда ҳангоми иҷро ва адои он асоснок ба ҳисоб намеравад.

Ҳангоми иҷрои ҷазои корҳои ислоҳӣ мумкин аст ҳама воситаҳои дар ислоҳнамоии дар м. 14 КИҶҶ ҶТ зикршуда истифода шаванд.

Дар м. 14 КИҶҶ ҶТ қонунгузор ба сифати воситаи асосии ислоҳии маҳкумшудагон дар аввал тартиби муқарраршудаи иҷро ва адои ҷазо (низом)-ро номбар намудааст.

---

[192] Ниг.: Михлин А.С. и др. Уголовно-исполнительное право: учеб. для вузов / Под ред. В.И. Селиверстова. – 3-е изд. – М.: Юриспруденция, 2002. – С. 53.

[193] Ниг.: Салимов Ҳ. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (Китоби дарсӣ). – Душанбе: Ирфон, 2005. – С. 154.

[194] Тафсир ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / З.А. Камолов, А.И. Сафарзода, Ш.Л. Холиқов, Т.Ш. Шарипов, Ф.И. Ғаниев, П.Н. Наврузова. – Душанбе, 2018. – С. 85.

[195] Ниг.: Уголовно-исполнительное право России: учебник / Под ред. В.И. Селиверстова. – 7-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристъ, 2014. – С. 32.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ як қатор таърифҳои низоми иҷрои ҷазо мавҷуданд, аз ҷумла ба андешаи Н.А. Стручков: «...низоми иҷрои ҷазо он чиро инъикос мекунад, ки мутобиқи қонун ба ҷазои таъингардида хос аст ва мазмуни онро таҷассум мекунад[196].

Низоми адои ҷазо тартиби фаъолияти муассиса ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазоро, ки ба зиммаи онҳо қонун татбиқ намудани чораҳои маҷбурсозии давлатӣ ва таъсиррасонии ислоҳиро гузоштааст, ба танзим медарорад[197].

Зери мафҳуми низоми адои ҷазо, муаллифони дигар тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ, ки бо меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ислоҳӣ-меҳнатӣ (иҷрои ҷазои ҷиноятӣ)-ро мефаҳманд, ки иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва чораҳои таъсиррасонии ислоҳӣ-меҳнатӣ нисбат ба маҳкумшудагон барои ноил шудан ба мақсадҳои ҷазоро таъмин мекунанд[198].

Маҷмуи қоидаҳои тартиби мушаххаси адои ҷазоро муайянкунанда, ки дар қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муқаррар шудаанд ва барои маҳкумшудагон ҳатмӣ мебошанд, низоми адои ҷазо бо маънои маҳдуди он ҳисоб мешавад. Низом дар маънои васеъ бояд ҳамчун ҷараёни сазодиҳӣ-тарбиявӣ фаҳмида шавад, ки дар шакли муайяни ташкиливу ҳуқуқии идорашаванда ва танзимшаванда ифода мегардад[199].

Низом ба маънои васеъ аз маҷмуи меъёрҳое иборат мебошад, ки на фақат тартиби адои ҷазоро аз тарафи маҳкумшудагон, балки фаъолияти муассиса ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо ҷазои дахлдорро низ ба танзим медарорад[200]. Мазмуни сазодиҳии ҷазо маҳз дар доира низоми барои ҷазои мушаххас муайяншуда амалӣ карда мешавад[201].

---

[196] Ниг.: Стручков Н.А. Курс исправительно-трудового права: проблемы Особенной части. – М.: Юр. лит., 1985. – С. 49.
[197] Ниг.: Российский курс уголовно-исполнительного права. Том 1. Общая часть / Под ред. В.Е. Эминова и В.Н. Орлова – М., 2012. – С. 485.
[198] Ниг.: Васильев А.И. Режим в исправительно-трудовых учреждениях. – М.: ВНИИ МВД СССР, 1982. – С. 6.
[199] Ниг.: Раськевич А.А. Режим как средсто исправления осужденных: пенитенциарные проблемы / А.А. Раськевич // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2010. – №1 (45). – С. 88.
[200] Ниг.: Салимов Ҳ. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (Китоби дарсӣ). – Душанбе: Ирфон, 2005. – С. 119.
[201] Ниг.: Рябинин А.А. Исправительно-трудовые работы (уголовно-исполнительное) право Российской Федерации. – М.: Юристь, 1995. – С. 65.

Дар фарқият аз низом чунин воситаҳои ислоҳнамоӣ, ба монандӣ корҳои тарбиявӣ, меҳнат, соҳиб шудан ба таҳсилоти **умумии асосӣ**, омодагии касбӣ ва таъсиррасонии ҷамъиятӣ дар худ унсурҳои сазодиҳиро дошта наметавонанд.

Таърифҳо ва мавқеъҳои олимонро дар соҳаи ҳуқуқи иҷрои ҷазо таҳлил карда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки таърифҳои додашудаи низом асосан ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таълуқ доранд. Вале солҳои охир дар адабиётҳои ҳуқуқӣ инчунин кушиши муайян намудани таърифи низоми ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда низ ба чашм мерасад. Масалан, Д.Б. Горбан пешниҳод менамояд, ки дар сатҳи қонунгузории иҷрои ҷиноятӣ мафҳуми «низоми иҷрои ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста набуда» мустаҳакам карда шавад[202]. Муқаррар нашудани мафҳуми «низоми ғайрипенитенсиарӣ» ҳангоми иҷрои ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста набуда ба таври назаррас самаранокии иҷрои чунин ҷазоҳоро паст намуда, инчунин ба ҳифзи ҳуқуқии кормандони нозироти корҳои ислоҳӣ мусоидат карда наметавонад[203].

Дар КИҶҶ ҶТ таърифи қонунии низоми корҳои ислоҳӣ ҷой надорад. Ягона таърифи қонунгузории низом дар м. 82 кодекси мазкур сабт шудааст, ки он ба маҳрум сохтан аз озодӣ дахл дорад. Мувофиқи қ. 1 м. 82 кодекси мазкур низом дар муассисаҳои ислоҳӣ – ин тартиби иҷро ва адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ мебошад, ки аз тарафи қонун ва дигар санади меъёрии ба қонун мувофиқбуда муқаррар шудаанд ва онҳо ҳифз ва ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшудагон; назорати доимии онҳо; иҷрои ӯҳдадории ба зиммаи маҳкумшудагон гузошташуда; татбиқи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо, амнияти маҳкумшудагон ва кормандон; алоҳида нигоҳ доштани категорияҳои гуногуни маҳкумшудагон; шароитҳои гуногуни нигоҳ доштанро вобаста ба навъи муассисаи ислоҳӣ, ки суд таъин кардааст ва тағйир додани шароити адои ҷазоро таъмин мекунанд.

---

[202] Ниг.: Горбань Д.В. Проблемы режима исполнения (отбывания) уголовных наказаний и пути их решения: новые теоретические подходы / Д.В. Горбань // Актуальные проблемы российского права. – 2017. – №8 (81). – С. 148.

[203] Ниг.: Борсученко С.А. Режим исполнения (отбывания) наказаний и проблемы его законодательной регламентации / С.А. Борсученко // Мониторинг правоприменения. – 2016. – №1 (18). – С. 56.

Дар асоси муқарраароти қонунгузорӣ, муайян намудани мафҳуми ягонаи тартиби иҷро ва адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ва дар он муайян намудани баъзе муқарраароте, ки танҳо хоси ин намуди ҷазо мебошанд мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳамин тариқ, низоми корҳои ислоҳӣ тартиби иҷро ва шартҳои бо қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррaркардашудаи адои ҷазо мебошад, ки риояи бечунучарои тартиби муқарраршуда ва шартҳои адои ҷазо, муносибати софдилона ба меҳнат, назорат аз болои маҳкумшудагон ҳангоми адои ҷазо, татбиқи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии онҳо, амнияти маҳкумшудагон ва кормандонро таъмин мекунад.

Бо дарназардошти он ки истилоҳи «низоми корҳои ислоҳӣ» дар қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки тартиб ва шартҳои адои ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ танзим мекунанд, сабт нашудааст, мушаххас намудани ибораҳои «тартиби иҷрои корҳои ислоҳӣ» ва «шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ» зарур мебошанд. Таҳлили семантикии калимаҳои «тартиб» маънои ниҳодани ҳар чиз дар ҷойи худ; назм, сомон, интизом, низомро дорад[204]. Шартҳо ҳамчун паймон, аҳд, қавлу қарор фаҳмида мешавад[205].

Таҳлили муфассали ин истилоҳҳо имкон медиҳад, ки истилоҳоти «тартиб» нисбати кормандони нозироти корҳои ислоҳӣ, ҳамчун субъектҳои иҷрои корҳои ислоҳӣ ва истилоҳи «шартҳо» нисбати шахсоне, ки ин намуди ҷазоро адо намуда истодаанд, тааллуқ дорад. Ин мавқеъ бо муқарраароти м. 39 КИҶҶ ҶТ «Тартиби иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ», ки мазмуни он аз муқарраароти меъёрии ба субъектони иҷрои ҷазои мазкур равонашуда иборат аст ва ба м. 40 КИҶҶ ҶТ «Шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ», ки мазмуни онро муайян намудани уҳдадорӣ ва манъкуниҳо нисбати маҳкумшудагон ба ҷазои корҳои ислоҳӣ ташкил медиҳад, асоснок мегардад.

Дар муқоиса бо низом, чунин воситаҳои ислоҳӣ ба монанди корҳои тарбиявӣ, меҳнат, соҳиб шудан ба таҳсилоти **умумии асосӣ**, омодагии касбӣ

---

[204] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). – Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. – С. 317.
[205] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). – Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. – С. 628.

ва таъсиррасонии ҷамъиятӣ наметавонанд унсурҳои сазоро дар бар гиранд, зеро таъиноти вазифавии онҳо комилан дигар аст.

Воситаи дигари ислоҳи маҳкумшудагон ин **корҳои тарбиявӣ** ба ҳисоб меравад.

Қонунгузории иҷроияи ҷиноӣ таърифи мафҳуми «кори тарбиявӣ»-ро бо маҳкумшудагони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда пешбинӣ намекунад.

Мафҳуми корҳои тарбиявӣ дар б. 16 Дастурамал оид ба ташкили корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагони муассисаҳои ислоҳӣ, ки соли 2008 аз ҷониби Вазорати адлия дар мувофиқа бо Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, чунин муайян гардидааст: корҳои тарбиявӣ ин системаи чораҳои асосноки педагогӣ, ки ба пешгирии тағйирёбии манфии шахсияти маҳкумшуда, бо роҳи таъсиррасонии зеҳнӣ, руҳӣ, ҳуқуқӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ, одаткунонии иҷтимоии маҳкумшуда пас аз озодшавӣ равона шудааст.

Мақсади корҳои тарбиявӣ аз ҳавасманд гардондани рафтори ҳуқуқӣ, пешгирии содир шудани ҷиноятҳои нав чи аз ҷониби маҳкумшудагон ва чи аз ҷониби дигар шахсон иборат аст.

Мутассифона дар КИҶҶ ҶТ ва Дастурамал оид ба тартиби иҷрои ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, шакл ва усулҳои корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ муайян нашудааст. Ҷой надоштани танзими қонунгузории шакл ва усулҳои корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагони мазкур ба андешаи мо на фақат барои ислоҳи маҳкумшудагон мусоидат намекунад, балки худи ҷараёни таъсиррасонӣ ба маҳкумшударо мушкил гардонида, фаъолияти нозироти корҳои ислоҳӣ ва маъмурияти ҷойи кори маҳкумшударо дар ин самт суст ва нопурра мегардонад.

Натиҷаи таҳлили амалияи иҷрои корҳои ислоҳӣ нишон медиҳад, ки дар аксар ҳолатҳо корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагон дар сатҳи паст танҳо бо анҷом додани суҳбатҳои алоҳида расман анҷом дода мешавад.

Кори тарбиявӣ мумкин аст бо истифода аз шаклу усулҳои гуногун амалӣ карда шавад:

– дар шакли гурӯҳӣ ё фардӣ анҷом додани суҳбатҳои хусусияти тарбиявидошта;

– дар асоси таҳлили тарзи ҳаёт ва фароғати маҳкумшуда истифода шудани таъсиррасонии руҳӣ ва ташвиқу тарғиби ҳаёти солим;

– истифодаи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозотӣ;

– ҷалби хешовандон, ҳамкорон, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайра, ки метавонанд ба ислоҳи рафтори маҳкумшуда таъсири мусбӣ расонанд;

– ба вуҷуд овардани муҳити мусоид дар фаъолияти корӣ, таҳсил, робитаҳои иҷтимоӣ, ки барои ислоҳи рафтори маҳкумшуда равона шудаанд;

– чораҳои тарбиявии фардӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси шахсияти маҳкумшуда, муайян намудани ҳадафҳои ҳаётӣ ва дар ин замина пешбинӣ намудани рафтори маҳкумшудагон дар давраи адои ҷазо ва пас аз адои он.

Усули анъанавии таъсири равонӣ ва педагогӣ усули боваркунонӣ ва маҷбуркунӣ мебошад. Бо дарназардошти хусусиятҳои адои ҷазо ва иҷрои ҷазо дар шароити фаъолияти нозироти корҳои ислоҳӣ, бояд равиши асосан фардӣ татбиқ карда шавад.

Барои пешбурди корҳои тарбиявӣ шахсияти маҳкумшударо ҳамаҷониба омӯхта, мақсадҳо, ниёзҳо, арзишҳои ҳаётӣ ва амсоли онҳоро донистан зарур аст, ки ин аз ҳар як корманди нозироти корҳои ислоҳӣ салоҳияти мувофиқи касбии психологиро талаб менамояд. Аз ин рӯ, баҳри беҳтар намудани вазъи корҳои тарбиявӣ дар байни маҳкумшудагоне, ки дар қайди назоратӣ қарор доранд дар нозирот бахшҳои хизмати психологӣ таъсис додан мувофиқи мақсад аст. Зеро, тавре дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад вазифаҳои маъмурияти ташкилотҳо ва корхонаҳое, ки маҳкумшудагон дар онҳо кор мекунанд, танҳо барои амалисозии нигоҳдошт аз музди меҳнат маҳдуд мегардад[206].

206 Ниг.: Евлоев Н.Д. Исправительные работы как один из видов наказаний за неосторожные преступления / Н.Д. Евлоев // Общество: политика, экономика, право. – 2011. – №3. – С. 141-148.

Дар айни замон, тибқи ҷадвали штатӣ, дар ҳар як нозироти корҳои ислоҳӣ мансаби равоншиносон пешбинӣ шуда бошад ҳам, аммо дар нозироти корҳои ислоҳӣ дар вилояти Суғд ягон равоншинос фаъолият наменамояд.

Ба намудҳои асосии фаъолият ё функсияҳое, ки ба ин хадамоти психологии низоми иҷрои ҷазо, аз ҷумла хадамоти психологии муассисаи ислоҳӣ дохил мешаванд: ташхисӣ, машваратӣ, психокоррексионӣ, пешгӯӣ ва психо-профилактикӣ, тарбиявӣ, таҳқиқотӣ[207].

Қонунгузории иҷрои ҷазои ҷинотии ҶТ уҳдадории нозироти ислоҳиро барои пешбурди корҳои тарбиявӣ муқаррар менамояд (м. 41 КИҶҶ ҶТ). Инчунин м. 44 КИҶҶ ҶТ муайян карда шудааст, ки маъмурияти ташкилотҳое, ки дар он маҳкумшудагон корҳои ислоҳиро адо мекунанд, ба нозироти корҳои ислоҳӣ дар гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо ӯ кумак мерасонанд. Ба фикри мо, танҳо зикр намудани чунин вазифаҳо барои анҷом додани корҳои тарбиявӣ кофӣ намебошад.

Камбудиҳои ҷиддии ташкили корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ аз он иборатанд, ки амалияи таъини чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозотӣ аз ҷониби нозирони корҳои ислоҳӣ, маълумотҳо дар бораи иштироки маҳкумшудагон дар корҳои ҷамъиятӣ дар давраи адои ҷазо ҷой надорад, психологияи маҳкумшудагон ва монанди инҳо омӯхта намешавад.

Бинобар ин пешниҳод мешавад, ки ҳадди ақал дар Дастурамал шакл ва усулҳои гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ тавзеҳ дода шавад. Аз ин рӯ, бо мақсади тақвият додани гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагон, бояд ба б. 70 **Дастур тағйирот бо мазмуни зерин ворид карда шавад: «Нозироти корҳои ислоҳӣ бо маҳкумшудагон гузаронидани корҳои тарбиявиро ташкил мекунад, бо онҳо суҳбатҳои инфиродӣ мегузаронад, усулҳои таъсиррасонии равонӣ ва педагогиро истифода мебарад, ба ҷараёни ислоҳ намудани маҳкумшуда хешовандон, ҳамкорон, наздикон, намояндагони ташкилоту иттиҳодияҳои**

[207] Ниг.: Епифанов О.С. Правовые основы и практика психологической работы с осужденными к наказаниям и мерам уголовно-правового характера без изоляции от общества / О.С. Епифанов // Евразийский юридический журнал. – 2015. – №10. – С. 230-232.

**ҷамъиятӣ ва нафарони дигаре, ки ба ӯ таъсири мусбат расонида метавонанд ҷалб карда метавонад. Нозироти корҳои ислоҳӣ ба маҳкумшуда дар фаъолияти корӣ, таҳсил, ба вуҷуд овардани робитаҳои муфиди иҷтимоӣ кумак мерасонад, тавассути омухтани шахсияти маҳкумшуда, тарзи ҳаётӣ ӯ, хусусияти ҷинояти содиршуда ва ғайра чораҳои дахлдори тарбиявиеро интихоб ва амалӣ месозад, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо равона шудаанд».**

Сарфи назар аз камбудиҳо дар корҳои тарбиявӣ бо шахсоне, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, бояд қайд намуд, ки нозироти корҳои ислоҳӣ асосан вазифаҳои ислоҳи ин категорияи маҳкумшудагонро, ки дар назди онҳо қарор доранд, иҷро мекунад.

Вале дар оянда бо мақсади таъмини фаъолияти низомноки нозироти корҳои ислоҳӣ ҷиҳати амалӣ намудани мақсадҳои ҷазо таҳияти консепсияи мушаххаси гузаронидани корҳои тарбиявӣ зарур аст, ки он ба баланд бардоштани самаранокии таъсири тарбиявӣ ба маҳкумшудагон бо истифода аз натиҷаҳои охирин дастовардҳои илмӣ равона гардида бошад.

**Меҳнат воситаи** самарабахши ислоҳи маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ мебошад. Яке аз ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба меҳнат мебошад (м. 35 Конститутсияи ҶТ). Меҳнати маҳкумшудагон инчунин дар м. 14 КИҶҶ ҶТ ҳамчун яке аз воситаҳои асосии ислоҳи маҳкумшудагон муқаррар шудааст, ки онро аз меҳнати шаҳрвандони одӣ фарқ месозад. Зеро, аввалан, меҳнати маҳкумшудагон дар шароити танзими ҳуқуқии КИҶҶ ҶТ сурат мегирад ва аз иродаву хоҳиш вобаста набуда мувофиқан ба тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар асоси КИҶҶ ҶТ амалӣ мешавад.

Баъзе муаллифон қайд менамоянд, ки меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ бояд коллективӣ бошад[208]. Г.О. Алексеев қайд менамояд, ки меҳнати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ бояд дар ҳолати дастаҷамъӣ иҷро карда шавад, зеро «меҳнати дастаҷамъии аъзоёни ҷамъият на танҳо худи меҳнат,

[208] Ниг.: Богданов В.Я. Исправительные работы как вид уголовного наказания: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1974. – С. 55; Корнеева А.В. Исправительные работы без лишения свободы как вид уголовного наказания: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1986. – С. 75.

балки фаъолияти гуногунҷабҳаи иҷтимоиро низ дар бар мегирад ва ин ба шахс имкон медиҳад, то ки қобилияти худро пурра инкишоф диҳад[209]. Муаллиф инчунин қайд мекунад, ки чунин корҳои ислоҳӣ бояд мунтазам бошад.

О.В. Корнеева муътақид аст, ки корҳои ислоҳӣ бояд дар шароити ошкорбаёнии ислоҳшавӣ ва тарбияи маҳкумшудагон, истифода карда шаванд[210].

Тавассути меҳнат маҳкумшуда ба натиҷаи фаъолияти худ ҳавасманд мегардад. Тавре В.И. Гусков қайд менамояд, «агар маълум шавад, ки шахси ба корҳои ислоҳӣ маҳкумгардида, махсусан шахси ҷавон ба меҳнат рағбат дорад, аммо аз ихтисоси худ ва музди меҳнат норозӣ мебошанд, пайдо намудани имконияти такмили ихтисос ё гирифтани ихтисоси нави баландтар, ки вобаста ба он даромади ӯ зиёд мегардад мумкин аст»[211].

Ба назари мо, таҳлили ҷойҳои адои ҷазо аз ҷониби маҳкумшудагони корҳои ислоҳӣ хеле ҷолиб аст. Яъне, дар ҷараёни таҳқиқоти худ мо муайян кардем, ки аксарияти маҳкумшудагон – 77% онҳо дар корхонаву ташкилотҳои давлатӣ ба кор ҷалб шудаанд.

Объектҳои ҷойи корие, ки ба он мумкин аст маҳкумшуда барои адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ҷалб карда шавад, аз корхонаҳои ғайридавлатӣ низ иборат буда метавонад, яъне қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба меҳнат ҷалб намудани маҳкумшударо вобаста ба шакли моликияти корхона маҳдуд накардааст.

Ҳамзамон ба андешаи мо шакли самарабахши моликият моликияти давлатӣ мебошад. Зеро тавре, ки пурсиши тамосии маҳкумшудагон дар корхонаҳои моликияти хусусӣ нишон дод, онҳо дар он ҷо ба касе лозим нестанд ва ягона чизи асосие, ки соҳибмулк дар ин корхонаҳо аз онҳо талаб мекунад, меҳнат аст.

---

[209] Ниг.: Алексеева Г.А. Проблемы совершенствования исправительных работ без лишения свободы: дис. ... канд. юрид. наук. – Свердловск, 1977. – С. 63.

[210] Ниг.: Корнеева А.В. Исправительные работы без лишения свободы как вид уголовного наказания: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1986. – С. 101.

[211] Ниг.: Гуськов В.И. Назначение и исполнение исправительных работ как меры уголовного наказания: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1966. – С. 194.

Дар баробари ин, дар масъалаи ба кор таъмин намудани маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ мушкилиҳо ҷой дорад, яъне маҳкумшудагон мустақилона ҷойи кор пайдо карда наметавонанд, дар ҳолатҳои пайдо шудани чунин ҷой корфармо намехоҳад бо чунин маҳкумшуда шартномаи меҳнатӣ бандад.

Бинобар ин, айни замон зарур аст, ки аз рӯйи тартиби қонунгузорӣ ба тариқи квотавӣ ҷойҳои корӣ барои маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ мустаҳкам карда шуда, доираи муайяни имтиёзҳо бо мақсади ҳавасмандгардонии корфармо барои ба кор қабул намудани категорияи мазкури маҳкумшудагон муқаррар карда шавад. Вобаста ба ин ба м.9 Қонуни ҶТ «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1 августи 2003 тағйирот ворид карда шуда ба номгӯйи шахсони дорои кафолатҳои иловагии шуғл маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ низ дохил карда шаванд.

Дар КИҶҶ ҶТ соҳиб шудан ба таҳсилоти **умумии асосӣ**, омодагии касбӣ ҳамчун воситаи асосии ислоҳи маҳкумшудагон муқаррар шудааст.

Таълими касбӣ яке аз воситаҳои асосии ислоҳшавии маҳкумшудагон мебошад. Асоси татбиқи воситаи мазкури ислоҳшавиро Конститутсияи ҶТ ташкил медиҳад.

Барои маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ адо мекунанд, на танҳо воситаҳои анъанавии ислоҳшавӣ, аз қабили меҳнат, корҳои тарбиявӣ, таъсири ҷамъиятӣ, балки инчунин таҳсилоти умумии асосӣ, омодагии касбӣ, масалан, нисбат ба маҳкумшудагоне, ки касб надоранд ё ноболиғон метавонанд татбиқ карда шаванд.

Тибқи м. 17 Қонун ҶТ «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013 «Таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва омӯхтани касбҳои коргарӣ ташкил карда мешавад. Шаҳрвандон дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ мувофиқи майлу хоҳиш ва қобилияташон дар асоси озмун ё тариқи гузаронидани суҳбат ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳуқуқи дохил шудан доранд. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар литсейҳои касбӣ-техникӣ ва соҳавӣ, марказҳои таълимии калонсолон ва дигар муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Таҳсилоти ибтидоии касбиро инчунин дар курсҳои таълимии назди ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ, корхонаҳои давлатӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирифтан мумкин аст»[212].

Тибқи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1 августи соли 2003[213] «Тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекор бо роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар мавридҳое сурат мегиранд, ки агар:

– онҳо барои бо кор таъмин намудани шаҳрвандон мусоидат намоянд;

– аз сабаби надоштани ихтисоси зарурии касбӣ ба шаҳрванд интихоб намудани кори мувофиқ имконнопазир бошад;

– бо сабаби набудани коре, ки ба талаботи малакаи касбии шаҳрванд ҷавобгӯ бошад, тағйир додани касб (ихтисос, намуди машғулият) зарур аст;

– аз рӯйи ихтисоси пешина қобилияти иҷрои корро гум карда бошад» (м. 21)

Дар айни замон, КИҶҶ ҶТ зарурати таҳсилоти касбии маҳкумшудагоне, ки корҳои ислоҳиро адо мекунанд, ишора намекунад. Ба андешаи мо ҳолати мазкур ба ислоҳшавии маҳкумшудагон, аз ҷумла маҳкумшудагони ноболиғ, ки корҳои ислоҳиро адо мекунанд мусоидат намекунад.

Зеро тайёрии касбӣ на танҳо, яке аз воситаҳои ислоҳи маҳкумшуда ба ҳисоб меравад, балки барои пешгирии махсуси содиршавии ҷиноят бо роҳи баланд бардоштани сатҳи касбӣ, ки дар оянда барои пайдо намудани ҷойи кории арзанда ва мувофиқ мусоидат менамояд, аҳаммияти муҳим дошта метавонад.

**Бори аввал дар КИҶҶ ҶТ ба сифати яке аз воситаҳои ислоҳи маҳкумшудагон** – таъсиррасонии ҷамъиятӣ муқаррар шудааст. Бояд зикр намуд, ки таъсиррасонии ҷамъиятӣ дар Кодекси ислоҳӣ-меҳнатии ҶШС Тоҷикистон низ дар мавриди ислоҳу тарбияи маҳкумшудагон аҳамияти калон

[212] Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июля 2013 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=301 (санаи муроҷиат 21.08.2022).

[213] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1 августи соли 2003 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=106 (санаи муроҷиат 21.09.2022).

дошт. Кодекси мазкур дар фарқият аз КИҶҶ ҶТ як фасл ва ду бобро ба танзими масъалаи иштироки аҳли ҷомеа дар раванди иҷро ва адои ҷазо муқаррар менамуд. Вале дар Кодекси ислоҳӣ-меҳнатӣ таъсиррасонии ҷамъиятӣ дар қатори воситаҳои асосии ислоҳ намудани маҳкумшудагон номбар намешуд.

КИҶҶ ҶТ гарчанде таъсиррасонии ҷамъиятиро ба сифати воситаи асосии ислоҳ намудани маҳкумшудагон нишон диҳад ҳам моддаи алоҳидаро дар бораи воситаи ислоҳнамоии мазкур муқаррар накардааст.

Вале дар моддаҳои алоҳидаи КИҶҶ ҶТ баъзе аз шаклҳои таъсиррасонии ҷамъиятӣ таҷассум ёфтаанд. Масалан, дар м. 11 (Принсипи демократизм) чунин шакли таъсиррасонии ҷамъятӣ ба монанди иштироки хешовандони наздик ва дигар шахсон, ки метавонанд ба маҳкумшуда ба таври мусбӣ таъсир расонанд, муайян шудааст. Баъзе аз моддаҳои дигари КИҶҶ ҶТ низ таъсиррасонии ҷамъиятиро дар раванди тарбияи маҳкумшудагон пешбинӣ месозанд (м.м. 114, 150 ва ғайра)

Аҳаммияти таъсиррасонии ҷамъиятӣ ҳамчун яке аз василаҳои асосии ислоҳшавӣ на танҳо дар давраи адои ҷазо, балки баъд аз адои ҷазо низ зоҳир мешавад. Таъсири иҷтимоӣ тавассути ҷалби доираи васеи субъектҳо ба раванди ислоҳшавӣ амалӣ карда мешавад. Инҳо асосан шаҳрвандон, намояндагони ташкилотҳои динӣ ё хайрия, хешовандони маҳкумшуда ва ғайра мебошанд, ки таъсири худро ба махкумшудагон тавассути расонидани кумакҳои гуногуни моддӣ, маънавӣ ба амал меоранд.

Чунин воситаи ислоҳшавӣ бояд бешубҳа нисбати онҳое, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, татбиқ карда шавад. Зеро зарурати васеъ истифода бурдани воситаи асосии мазкури ислоҳ намудани маҳкумшудагон дар фаъолияти мақомоти иҷрои ҷазоро «Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 25 июни соли 2020, №385 бо муқаррар намудани талаботи «ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ки фаъолияташон метавонад барои таъсири башардустӣ-тарбиявии

маҳкумшудагон, таъмини имконияти маҳкумшудагон дар гузаронидани маросими динӣ фоидаовар бошад» пешбинӣ менамояд.

Ба мақсад мувофиқ будани татбиқи таъсиррасонии ҷамъиятӣ ҳамчун чораи ислоҳ намудани маҳкумшудагон, инчунин аз тавсияҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи иҷрои ҷазо низ бармеояд. Аз ҷумла **Қоидаҳои стандарти минималии СММ** (Қоидаҳои Токио) нисбати чораҳои бо маҳбаснамоӣ алоқаманд набуда, ба мақомоти иҷрокунандаи ҷазо дар кори ислоҳ намудани маҳкумшудагон ба ҷазоҳои бо ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа вобаста набуда, расонидани кӯмак ба онҳо ба таври васеъ ҷалб намудани намояндагони ҷамъиятро тавсия медиҳад[214].

Масъалаи иштироки ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар раванди ислоҳшавии маҳкумшудагонро КИҶҶ ҶТ (м. 11) новобаста аз намуди ҷазои таъиншуда муқаррар месозад.

Аммо, дар ягон моддаи қисми махсуси КИҶҶ ҶТ масъалаи «таъсиррасонии ҷамъиятӣ» нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ зикр нагардидааст. Моддаи 11 КИҶҶ ҶТ қайд мекунад, ки «Нисбат ба маҳкумшудагон истифода бурдани воситаҳои ислоҳӣ дар асоси инкишоф додани ташаббуси муфиди онҳо, унсурҳои худидоракунӣ, иштироки ташкилотҳои худфаъолият, хешовандони наздик ва дигар ашхос, ки метавонанд ба онҳо таъсири мусбат расонанд, сурат мегирад. Дар ислоҳи маҳкумшудагон, расонидани ёрӣ ба озодшудагон ҷиҳати таъмин кардан бо ҷойи кор ва фароҳам овардани шароити маишӣ, инчунин дар фаъолияти муассиса ва мақомот, ки иҷрои ҷазоро анҷом медиҳанд, аҳли ҷомеа иштирок менамояд. Фаъолияти муассиса ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо дар заминаи ошкорбаёнӣ ва ҳамкории мутақобила бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори умум анҷом дода мешавад».

Бо назардошти муқаррароти мазкури қонунгузорӣ ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки нозирони ҷамъиятӣ таъсис дода шуда, онҳо дар ба амал

[214] Ниг.:Ҳуқуқи инсон. Маҷмуаи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ. – Ҷилди 2. – Душанбе, 2010. – С. 38.

баровардани назорат ва анҷом додани таъсиррасонии ислоҳӣ ба нозироти корҳои ислоҳӣ кумак расонанд.

Ба андешаи мо, таъсиси фаъолияти нозирони ҷамъиятӣ ба талаботи «Қоидаҳои Токио» оид ба иштироки ҷомеа дар раванди ислоҳшавӣ ва одаткунонии иҷтимоии маҳкумшудагон комилан мувофиқат мекунад ва самаранокии худро аллакай исбот намудааст[215].

Албатта, дар шароити муосир дар масъалаи ташкили таъсиррасонии ҷамъиятӣ ба маҳкумшудагон мушкилоти зиёде то ҳол ҷой дорад (масалан, мушкилотҳо вобаста ба ҳавасмандгардонӣ, интихоби нозирони ҷамъиятӣ (ёрдамчиёни ҷамъиятӣ), таъмини ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии онҳо ва ғайра)[216].

Бо мақсади тақвият додани таъсиррасонии ҷамъиятӣ ва ҳавасмандгардонидани шахсоне, ки дар амалӣ намудани чунин восита саҳмгузорӣ менамоянд, пешниҳод мешавад «барои шахсоне, ки ба маҳкумшудагон таъсири мусбат мерасонанд ва дар ислоҳи онҳо мусоидат мекунанд, 3-4 рӯзи рухсатии иловагӣ пешбинӣ намудан[217], «пешбинӣ намудани имконияти аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ ҳавасмандгардонии моддии шахсоне, ки дар ислоҳ ва тарбияи маҳкумшудагон иштирок мекунанд»[218], зарур дониста мешавад.

Муқаррар намудани чораҳои ҳавасманднамоӣ нисбати чунин шахсонро **Қоидаҳои стандарти минималии СММ низ тавсия додааст. Аз ҷумла мутобиқи б. 18.1 Қоидаҳо «кори муассисаҳои давлатӣ, сектори шахсӣ ва ҷомеаро нисбати дастгирии ташкилотҳои ихтиёрии ба чораҳои бо маҳбас вобастанабударо бояд ҳавасманд намуд».**

---

[215] Ниг.: Еникеев З.Д. Проблемы обеспечения участия общественности в борьбе с преступностью / З.Д. Еникеев // Актуальные проблемы государства и права на рубеже веков: тезисы конф. – М.: Изд-во РУДН, 2001. – С. 264.

[216] Ниг.: Белая Н.П. Организационные и правовые основы взаимодействия уголовно-исполнительных инспекций с органами внутренних дел и местного самоуправления: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2005. – С. 136.

[217] Ниг.: Алексеева Г.А. Повышение воспитательной роли труда в исправительных работах без лишения свободы – одно из условий их наибольшей эффективности / Г.А. Алексеева // Эффективность уголовного права на современном этапе: межвуз. сб. науч. тр. – Свердловск: Изд-во Свердл. юрид. ин-та. – 1977. – Вып. 54. – С. 156.

[218] Красоткин П.Н. Применение мер воспитательного воздействия к осужденным, отбывающим наказания в виде обязательных работ и исправительных работ: дис. …канд. юрид. наук. – Рязань, 2014. – С. 108-109.

**Бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки то ба ҷомеа фаҳмонд, ки он бевосита дар татбиқи чораҳои бо маҳбас вобаста набуда нақши муҳимро мебозад (б. 18.4)»[219].**

**Ба нозироти корҳои ислоҳӣ додани ҳуқуқи ҳавасмандгардонии маънавӣ ва моддии корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон, ки барои ислоҳи маҳкумшуда мусоидат менамоянд, инчунин шахсоне, ки ба онҳо дар ин самт ёрӣ мерасонанд, на танҳо иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар ислоҳи маҳкумшудагон ҳавасманд мегардонад, балки барои ислоҳи маҳкумшудагон ба мақсад мувофиқ мебошад.**

Мутаассифона, то имрӯз нозироти корҳои ислоҳӣ ҳуқуқ надорад ташкилотҳои ҷамъиятиро, ки дар ислоҳи маҳкумшудагон фаъолона саҳм мегиранд, аз ҷиҳати маънавӣ ва моддӣ ҳавасманд кунад. Ин вазъ на танҳо ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мувофиқат намекунад, балки ба ислоҳи маҳкумшудагон мусоидат намекунад.

Бояд қайд намуд, ки коллективҳои меҳнатӣ дар бештари ҳолатҳо хоҳиши машғул шудан бо маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳиро надоранд ва ба таъсиррасонии профилактикии тарбиявӣ таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд. Ҷунин ҳолатҳо ба иштироки воқеии коллективҳои меҳнатӣ дар таъсиррасонии тарбиявӣ ба маҳкумшудагон монеа мегарданд:

– набудани заминаи ҳуқуқӣ ва номуайянии вазъи ҳуқуқии коллективҳои меҳнатӣ;

– тағйир ёфтани принсипҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеа дар самти аз коллективизм то фардӣ;

– манфиатҳои иқтисодии аъзоёни ҷомеа, ки миқдори вақти холиро, на барои корҳои ҷамъиятӣ, балки барои намудҳои гуногуни фаъолияти «даромаднок» истифода менамоянд ва ба таври назаррас коҳиш медиҳад;

– набудани имтиёзҳо;

---

[219] Ниг.: Ҳуқуқи инсон. Маҷмуаи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ. – Ҷилди 2. – Душанбе 2010. – С. 39-40.

– набудани ягон ҳавасмандӣ дар корхонаву ташкилотҳо барои пешбурди корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагон;

– адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ на дар ҷойи кори қаблии маҳкумшуда, балки адои ҷазо дар коллективе, ки маҳкумшуда дар он шахси бегона мебошад.

Ҳамзамон зиёд гаштани корхонаҳои тиҷоратии хурду миёна ва мувофиқан шумораи ками коллективҳои меҳнатӣ дар ин корхонаҳо ба маънои муайян низ манфиати мусбат доранд. Дар таҳқиқоте, ки ба масъалаҳои назорат дар татбиқи чораҳои ҳуқуқии ҷиноятии бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда бахшида шудаанд, қайд карда мешавад, ки «...коллективҳои ибтидоии меҳнатӣ аҳаммияти махсус доранд. Бояд қайд намуд, ки онҳо барои ба ҳам наздик шудани таъсири ғоявӣ ва психологӣ имконияти бештар фароҳам меоваранд. Кӯмаки доимии аъзоёни коллективӣ меҳнатӣ, ҷой надоштани бетарафи нисбати рафтори дигарон метавонад дар ташкили фазои мусоиди ахлоқӣ ва руҳӣ таъсири мусбат расонад»[220].

Воқеан дар гурӯҳҳои ибтидоии нисбатан хурд, коргарон метавонанд ба маҳкумшудае, ки дар байни онҳо қарор дорад таваҷҷуҳи зиёдтар зоҳир кунанд ва ӯро дар бештари масъалаҳо дастгирӣ намоянд, аз ҷумла чунин маҳкумшуда дар чунин коллектив дастгирии маънавиро дар ҳавасмандгардонии рафтори қонунӣ пайдо менамояд.

Дар масъалаи таъмини самараноки корҳои тарбиявӣ нисбат ба маҳкумшудагон ҳамоҳангсозии кӯшишҳои нозирот ва намояндагони **иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ** аҳаммияти махсус доранд. Ҳамкории мутақобилаи байни ҷомеа ва мақомоти иҷрои ҷазо ба интихоб ва истифодаи чораҳои таъсиррасонии ислоҳӣ, баланд бардоштани сатҳи самаранокии он нисбати маҳкумшудаи мушаххас, ба вуҷуд овардани тағйирот дар рафтори маҳкумшуда мусоидат карда метавонад[221].

---

[220] Музеник А.К. Условное осуждение и отсрочка исполнения приговора / А.К. Музеник, В.А. Уткин, О.В. Филимонов. – Томск, 1990. – С. 104.

[221] Ниг.: Удальцов А.А., Марков В.П. Участие общественности в работе с осужденными к исправительным работам / А.А. Удальцов, В.П. Марков // Вестник Санкт-Петербургского ун-та МВД России. – 2006. – №1 (29). – С. 240.

Дар навбати худ, шаклҳо ва усулҳои иштироки омма босамар истифода шудани таъсиррасонии ҷамъиятиро ба шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда муайян месозад[222].

Таъсиррасонии ҷамъиятӣ ба маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ тавассути мусоидат намудани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар фаъолияти нозироти корҳои ислоҳӣ амалӣ мегардад. Мутобиқи м. 28 КИҶҶ ҶТ тибқи асос ва тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ метавонанд ба фаъолияти муассиса ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо ёрии амалӣ расонанд.

Итиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар расонидани ёрӣ ба кори муассиса ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо мусоидат намуда, дар ислоҳи маҳкумшудагон иштирок менамояд. Дар ҳолатҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбининамуда, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ метавонанд аз болои фаъолияти муассиса ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо назорат баранд. Меъёри дар м. 28 КИҶҶ ҶТ мустаҳакамшуда оид ба роҳ додани ҷомеа дар иштирок ва назорат аз болои фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи иҷрои ҷазо, зоҳиршавии принсипи демократизм мебошад, ки дар м. 11 КИҶҶ ҶТ муқаррар гардидааст.

Шаклҳои асосии мусоидат кардан ба шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда мумкин аст аз инҳо иборат бошад: иштирок дар гузаронидани корҳои тарбиявӣ; **ёрӣ расонидан дар таҳсил ва соҳиб шудан ба касб; расонидани кумакҳои иҷтимоӣ; расонидани ёрии руҳӣ-равонӣ ва ғайра.**

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ метавонанд дар дигар намуди фаъолият, ки ба беҳтар гардидани иҷрои вазифаҳои нозироти корҳои ислоҳӣ нигаронида шудаанд ва бо қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон зид намебошанд, иштирок намоянд.

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки таҷрибаи гирдовардашуда вобаста ба иштироки ҷомеа дар ислоҳшавии маҳкумшудагон танзими иловагии қонунгузориро талаб мекунад.

---

[222] Ниг.: Кириллова И.А., Пинчук В.И., Урвилов Е.И. Формы и методы участия общественности в исправлении и перевоспитании осужденных к исправительным работам / Под ред. В.И. Пинчука. – М.: ВНИИ МВД СССР, 1973. – С. 38.

**Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба чунин хулосаҳо омад:**

1. Барои пешбурди корҳои тарбиявӣ шахсияти маҳкумшударо ҳамаҷониба омӯхта, мақсадҳо, ниёзҳо, арзишҳои ҳаётӣ ва амсоли онҳоро донистан зарур аст, ки ин аз ҳар як корманди нозироти корҳои ислоҳӣ салоҳияти мувофиқи касбии психологиро талаб менамояд. Аз ин рӯ, баҳри беҳтар намудани вазъи корҳои тарбиявӣ дар байни маҳкумшудагоне, ки дар қайди назоратӣ қарор доранд дар нозирот бахшҳои хизмати психологӣ таъсис додан мувофиқи мақсад аст.

2. Дар масъалаи ба кор таъмин намудани маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ мушкилиҳо ҷой дорад, яъне маҳкумшудагон мустақилона ҷойи кор пайдо карда наметавонанд, дар ҳолатҳои пайдо шудани чунин ҷой корфармо намехоҳад бо чунин маҳкумшуда шартномаи меҳнатӣ бандад.

Бо мақсади бартараф намудани чунин ҳолат зарур аст, ки аз рӯйи тартиби қонунгузорӣ ба тариқи квотавӣ ҷойҳои корӣ барои маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ мустаҳкам карда шуда, доираи муайяни имтиёзҳо бо мақсади ҳавасмандгардонии корфармо барои ба кор қабул намудани категорияи мазкури маҳкумшудагон муқаррар карда шавад. Вобаста ба ин ба м. 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1 августи 2003 тағйирот ворид карда шуда ба номгӯйи шахсони дорои кафолатҳои иловагии шуғл маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ низ дохил карда шаванд.

3. Бо мақсади расонидани ёрӣ ба нозироти корҳои ислоҳӣ дар иҷрои корҳои ислоҳӣ, гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагон, бурдани назорат аз болои онҳо, ҳал намудани масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва маишии маҳкумшудагон зарур мешуморем, ки нозирони ҷамъиятӣ таъсис дода шуда, онҳо дар ба амал баровардани назорат ва анҷом додани таъсиррасонии ислоҳӣ ба нозироти корҳои ислоҳӣ кумак расонанд.

4. То имрӯз нозироти корҳои ислоҳӣ ҳуқуқ надорад ташкилотҳои ҷамъиятиро, ки дар ислоҳи маҳкумшудагон фаъолона саҳм мегиранд, аз ҷиҳати маънавӣ ва моддӣ ҳавасманд кунад. Ин вазъ на танҳо ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мувофиқат намекунад, балки ба ислоҳи маҳкумшудагон мусоидат намекунад. Бо назардошти ин пешниҳод мешавад,

ки ба нозироти корҳои ислоҳӣ ҳуқуқи аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасмандгардонии коллективҳои меҳнатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон, ки дар ислоҳи маҳкумшуда саҳмгузорӣ менамоянд ,дода шавад.

## 2.4. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ маҳкумгардида

Мувофиқи м. 5 Конститутсияи ҶТ, шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, шаъну шараф ва дигар ҳуқуқҳои табиии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат эътироф, эҳтиром ва ҳимоя карда мешаванд[223]. Ин муқаррароти муҳимми конститутсионӣ имкон медиҳад, ки бе ягон танзими иловагӣ дар қонунгузории соҳавӣ ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мустақиман амалӣ карда шаванд.

Ин принсипи конститутсионӣ дар амалияи судӣ татбиқ карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки тамоми институтҳои давлат барои дар амалия татбиқ намудани ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як шаҳрванд равона шудаанд. Мушкилоти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон як падидаи хеле мураккаб мебошад, ки он на танҳо предмети илми ҳуқуқ, балки илмҳои фалсафа, психология, педагогика ва илмҳои дигар низ мебошанд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дастоварди тамаддуни башарӣ буда, дар қонунҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ сабт гардидааст.

Ҳамин тариқ, падидаи вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки онҳо аз ҷиҳати сиёсию ҳуқуқӣ алоқмандии шахс ва давлат, қобилияти соҳибҳуқуқии инсон ва усулҳои вазъи ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосиии инсон ва шаҳрвандро муқаррар намуда, татбиқи онҳоро кафолат медиҳанд[224].

Шахсоне, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳангоми иҷрои ҳукмҳо ворид мешаванд, дорои мавқеи муайяни ҳуқуқӣ мегарданд. Ҳамин тавр, вазъи ҳуқуқии маҳкумшуда, вазъи ҳуқуқии нозироти корҳои ислоҳӣ, вазъи ҳуқуқии

---

223 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майисоли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

224 Ниг.: Имомов А.И. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ. – Душанбе, 2013. – С. 11.

хешовандони наздики маҳкумшударо қайд намудан мумкин аст[225]. Мавқеи махсусро вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон ишғол менамояд. Вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон яке аз намудҳои махсуси вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Чунки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагонро танзим мекунанд, талаботи махсус пешбинӣ гардидаанд. Аз ҷумла, мувофиқи қ. 2 м. 15 КИҶҶ ҶТ ҳангоми иҷрои ҷазо ба маҳкумшудагон ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, ба истисно ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва дигар қонунгузориҳо кафолат дода мешавад. Маҳкумшудагон, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, наметавонанд аз иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандиашон озод карда шаванд.

Инсон, аз ҷумла шахсе, ки ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ адо мекунанд, сарфи назар аз шаҳрвандӣ, дорои ҳуқуқ ва озодиҳои дар Конститутсия сабтгардида мебошанд. Эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вазифаи давлат аст.

Қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ ба танзими вазъи ҳуқуқии шахсоне, ки ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум гардидаанд, назар ба маҳкумшудагоне, ки бо ҷазоҳои ғайриҳабсӣ маҳкум шудаанд, таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст. Ба андешаи мо, чунин ҳолат асоснок нест, зеро ҷазоҳои дигар низ мазмуни сазодиҳӣ дошта, пас аз таъин гардидан ва дар давраи адои онҳо маҳкумшуда соҳиби вазъи ҳуқуқии махсус мегардад, ки чунин ҳолат танзими қонунгузориро талаб месозад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон ба таври гуногун муайян мешавад. Масалан, вазъи ҳуқуқии маҳкумшуда баён менамояд В.Г. Круглов «вазъи ҳуқуқии махсус ба шумор меравад, ки аз вазъи ҳуқуқии умумии шахсият ба вуҷуд омада аз маҷмуи ҳуқуқҳои субъективӣ, озодӣ, манфиатҳои қонунӣ ва уҳдадориҳи ҳуқуқӣ, ки қонунгузории иҷрои ҷазо, дигар қонунҳо муқаррарнамудаанд ва давлат дар вақти иҷрои ҷазо кафолат

[225] Ниг.: Уголовно-исполнительное право России: учебник / Под ред. проф. В.И. Селиверстова [7-е изд., перераб. и доп]. – М.: Юристь, 2014. – С. 110.

додааст, иборат мебошад»[226]. Дар намуди умумӣ «вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагонро маҷмуи ҳуқуқҳои асосӣ ва маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятии дар шакли уҳдадорӣ, манъкуниҳо ба зиммаи онҳо гузошташуда ва боздоштани ҳуқуқ вобаста ба иҷрои ҳукм ташкил медиҳанд»[227].

Чи тавре аз таърифҳои зикршуда бармеояд, ба вазъи ҳуқуқии маҳкумшуда ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ ва уҳдадориҳои ӯ дохил мешаванд. Ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ ва уҳдадориҳои маҳкумшуда чун қоида, дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд ва амалӣ карда мешаванд.

Мазмуни вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон аз маҷмуи унсурҳои он ба монанди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои махсуси маҳкумшудагон, манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон иборат мебошад,ки аз моҳияти ҷазои мушахасси таъингардида бармеояд. Вобаста ба ин вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ тавассути тартиб ва шароити адои он муайян карда мешавад. Албатта, нисбати маҳкумшудагон ба ҷазои корҳои ислоҳӣ низ ба монанди ҷазоҳои дигар ҳуқуқмаҳудкуниҳои муайян татбиқ карда мешавад, вале дарҷаи он назар ба ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобастабуда камтар ба назар мерасад. Аммо дар ҳолатҳои муайян ҳангоми саркашӣ намудани маҳкумшуда аз адои ҷазо доираи ҳуқуқмаҳдудкуниҳо мумкин аст васеъ гардад. Ҳангоми ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои ҷазо бошад маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ мумкин аст ба андозаи пурра зери ҳуқуқмаҳдудкуниҳои ба шахсони маҳрум сохтан аз озодӣ хос буда қарор гирад, чунки дар чунин маврид бо пешниҳоди нозироти корҳои ислоҳӣ ҷазои корҳои ислоҳӣ мумкин аст бо маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шавад.

Моҳияти вазъи ҳуқуқии шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда дар он аст, ки 1) маҳдуд гардидани вазъи ҳуқуқии умумишаҳрвандӣ аз маҳкумшудан ба намудҳои мазкури ҷазо бармеояд, 2) маҳкумшуда дорои ҳуқуқҳои махсус,

[226] Круглов В.Г. Генезис правового статуса осужденных к лишению свободы в российском государстве (1917-1997): дис. … канд. юрид. наук. – Владимир, 2004. – С. 10.
[227] Майстренко Г.А. Конституционно-правовые ограничения основных прав и свобод человека и гражданина и практика их применения органами и учреждениями Федеральной службы исполнения наказания России: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 10.

манфиатҳои қонунӣ ва уҳдадориҳое мебошанд, ки аз ҷониби давлат кафолат дода шудааст[228].

Вазъи ҳуқуқии шахсони маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ аз муқаррароти боби 6 КИҶҶ ҶТ, ки ба тартиби иҷро ва адои ҷазои мазкур бахшида шудааст, бармеояд. Зеро боби мазкур дар меъёрҳои алоҳида маҳдуд гаштани вазъи ҳуқуқуқии чунин маҳкумшудагонро муқаррар намудааст.

Моҳияти ҳуқуқҳои маҳкумшуда дар таъмин намудани ӯ бо имконияти амалӣ намудани рафтори муайян ё истифодаи имтиёзҳои иҷтимоӣ зоҳир мегардад.

Маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ доираи ҳуқуқҳои махсуси худро доранд, аз ҷумла гирифтани маълумот дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ, дар бораи тартиби иҷро ва адои ҷазо, ба муносибати эҳтиромонаи нозироти корҳои ислоҳӣ, ҳуқуқи новобаста аз розигӣ қарор гирифтан зери таҳқиқотҳои илмӣ, тиббӣ ва ғайра, ба ёрии ҳуқуқӣ, ба амнияти шахсӣ, ҳуқуқи бо арзу шикоят мурочиат кардан аз болои нозироти корҳои ислоҳӣ ва ғайра.

Яке аз унсурҳои муҳими вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон ин манфиатҳои қонунии онҳо ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии манфиатҳои қонунӣ дар он аст, ки онҳо ба таъмин намудани муносибати гуногун бо маҳкумшудагон, ислоҳшавӣ ва иҷтимоигардонии онҳо дар ҷараёни адои ҷазо имкон медиҳанд.

Зери мафҳуми манфиатҳои қонунӣ кушиши барои маҳкумшуда амалишавандаи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ иҷозатдодашуда, аз ҷониби давлат муқаррар ва ҳифз карда шавандаи соҳиб шудан ба неъматҳои барои маҳкумшуда муҳимме, ки бевосита аз иҷрои як қатор шартҳои аз тарафи қонун муқарраршуда вобастагӣ доранд, фаҳмида мешавад[229].

Як қатор имтиёзҳое, ки объекти манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон мебошанд, метавонанд ҳам табиати моддӣ ва ҳам маънавӣ дошта бошанд. Объекти манфиатҳои қонунӣ манфиатҳои иҷтимоӣ буда метавонанд, ки

[228] Ниг.: Грушин Ф.В. Правовое положение осужденных к альтернативным видам наказаний, связанным с привлечением к труду: монография. – Рязань, 2012. – С. 26.
[229] Ниг.: Щербакова М.В. Обеспечение прав и законных интересов, осужденных к лишению свободы в России: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2007. – С. 9.

имкон доранд вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагонро ба таври назаррас тағйир диҳанд ва ё чунин тағйиротро ба вуҷуд наоранд.

Амалишавии манфиатҳои қонунии маҳкумшуда, аз ҷумла ба корҳои ислоҳӣ аз рафтори худи маҳкумшуда дар давраи адои ҷазо вобаста мебошад. Ғайр аз ин дар фарқият аз ҳуқуқи маҳкумшуда асоси ҳифз намудани манфиатҳои қонунӣ назар ба ҳуқуқи маҳкумшуда камтар мебошад, яъне манфиатҳои қонунӣ кафолати пурраи амалишавии худро надоранд. Чунки аз тарафи дигар ба даст овардани чунин манфиатҳо аз салоҳдиди мақомоти иҷрокунандаи ҷазо вобаста мебошад.

Танзими мушаххаси вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон воситаи муҳими тарбияи ҳуқуқӣ ва ахлоқии онҳо буда, барои рушди муносибати боэҳтиромона ба қонун, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии атрофиён имкониятро фароҳам меорад. Солҳои охир муайян намудани вазъи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахсоне, ки ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ адо мекунанд, на танҳо бо мақсади ҳалли вазифаҳо дар соҳаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ шарҳ дода мешавад. Айни замон ҶТ узви шартномаҳои сершумори байналмилалӣ буда, қарорҳои созмонҳои байналмилалиро дар самти роҳ надодан ба шиканҷа, пешбинӣ накардани ҷазои ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну эътибори маҳкумшуда, муқаррар намудани меъёрҳои таъминкунандаи риояи ҳуқуқҳои маҳкумшудагонро кафолат медиҳад.

Муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон бо назардошти талаботи санадҳои байналмилалӣ, як навъ нишондиҳандаи кӯшиши ҶТ барои риояи уҳдадориҳои байналмилалии худ мебошад, ки ин албатта ба нуфузи байналмилалии ҶТ таъсири мусбат мерасонад. КИҶҶ ҶТ ба татбиқи вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон диққати зарурӣ дода, онро ба таври васеъ муайян намудааст. Боби 2-юми КИҶҶ ҶТ пурра ба ин масъала бахшида шудааст.

Конститутсияи ҶТ принсипҳои асосии таъмини вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон ва муҳтавои онро муайян кардааст. Дар қ. 4 м. 14 Конститутсияи ҶТ муқаррар карда шудааст, ки маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои

дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохти конститутсионӣ, давлат, амният, мудофиаи миллӣ, ахлоқи ҷамъиятӣ, тандурустӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ нигаронида шудааст. Дар шароити вазъи ҳарбӣ ё ҳолати фавқулодда маҳдудиятҳои инфиродии ҳуқуқу озодиҳо метавонанд бо нишон додани давомнокии ин маҳдудиятҳо муқаррар карда шаванд.

Дар қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вазъи ҳуқуқии шахсоне, ки ҷазоро адо мекунанд, бо ду роҳ мустаҳакам карда шудааст: ба таври меъёрӣ муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон, тавассути танзими ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ ва уҳдадориҳои онҳо.

Дар КИҶҶ ҶТ муқаррар гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии маҳкумшудагонро эҳтиром ва ҳифз менамояд, шароити муқаррарнамудаи қонунро ҷиҳати адои ҷазо, кафолати адолати иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқӣ, инчунин амнияти шахсиро ҳангоми иҷрои ҷазо таъмин мекунад (қ. 1 м. 15 КИҶҶ ҶТ).

Маҳдуд гардидани вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагонро вобаста ба асосҳои гуногун тасниф намудан мумкин аст. Масалан, маҳдудиятҳое, ки аз мазмуни ҷазои мушаххаси таъиннамудаи суд баромада, дар меъёрҳои дахлдори КҶ ҶТ муқаррар шудаанд; маҳдудиятҳои дар соҳаҳои дигар муайяншуда; маҳдудиятҳои дар давраи иҷро ва адои ҷазо нисбати маҳкумшудаи муайян муқарраршаванда ва ғайра[230].

Уҳдадориҳои асосии маҳкумшудагон дар м. 17 КИҶҶ ҶТ муқаррар гардидаанд. Шахсоне, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, бояд ӯҳдадориҳои шаҳрванди ҶТ-ро, ки қонунгузории ҶТ муқаррар намудааст, иҷро намоянд, инчунин меъёрҳои ахлоқу рафтори дар ҷомеа қабулшуда ва талаботи беҳдорию беҳдоштиро риоя кунанд. Маҳкумшудагон дорои ӯҳдадориҳое мебошанд, ки аз намуди ҷазои таъиннамудаи суд бармеоянд. Маҳкумшудагон вазифадоранд талаботи қонунро, ки тартиб ва шартҳои адои ҷазоро муайян менамояд, инчунин дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии мутобиқи он қабулшударо риоя кунанд (м. 17 КИҶҶ ҶТ).

[230] Ниг.: Минязева Т.Ф. Правовой статус личности осужденных в Российской Федерации / Науч. ред.: Игнатов А.Н. – М.: Норма, 2001. – С. 47.

Маҳкумшудагон вазифадоранд талаботи қонунан асоснокбудаи маъмурияти муассиса ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазоро ба ҷо оранд. Маҳкумшудагон вазифадоранд бо кормандон ва дигар шахсоне, ки ба муассисаи иҷрокунандаи ҷазо меоянд, инчунин нисбат ба дигар маҳкумшудагон хушмуомила муносибат кунанд. Аз ҷониби маҳкумшудагон иҷро нанамудани уҳдадориҳои ба зимаашон гузошташуда, инчунин талаботи қонунии маъмурияти муассиса ё мақомоти иҷрокунандаи ҷазо боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун мегардад (м. 17 КИҶҶ ҶТ).

Маҳкумшудагон вазифадоранд ба даъвати маъмурияти муассиса ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо ҳозир шаванд ва оид ба масъалаҳои иҷрои талаботи ҳукм тавзеҳот диҳанд. Дар сурати ҳозир нашудани маҳкумшуда ӯ маҷбурӣ оварда шуданаш мумкин аст.

Ҳуқуқҳои асосии маҳкумшудагон дар моддаи 16 КИҶҶ ҶТ муқаррар карда шудаанд. Маҳкумшудагон ҳуқуқ доранд оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хеш, тартиб ва шартҳои адои намуди ҷазои таъин кардаи суд иттилооти хаттӣ гиранд. Муассиса ё мақоми иҷрокунандаи ҷазо вазифадор аст ба маҳкумшудагон иттилооти зикршударо диҳад, инчунин онҳоро бо тағйир ёфтани тартиб ва шартҳои иҷрои адои ҷазо шинос намояд. Маҳкумшудагон ба муносибати эҳтиромонаи кормандони муассиса ё мақоми иҷрокунандаи ҷазо ҳуқуқ доранд. Онҳо набояд таҳти муносибати бераҳмона ва паст задани шаъну шарафи инсонӣ қарор гиранд. Чораҳои маҷбурӣ нисбат ба маҳкумшудагон танҳо дар асоси қонун истифода бурда мешаванд. Маҳкумшудагон ҳуқуқ доранд ба маъмурияти муассиса ё мақоми иҷрокунандаи ҷазо, ба мақомоти болоии онҳо, суд, мақомоти прокуратура, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин мақомоти байнидавлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бо таклиф ва арзу шикоят муроҷиат намоянд.

Маҳкумшудагон ҳуқуқ доранд баёнот диҳанд ва мукотиба намоянд, инчунин бо забони модарӣ ё дигар забоне, ки медонанд, таклиф ва арзу

шикояти дар қ. 3 м. 16 КИҶҶ ҶТ пешбинишударо пешниҳод кунанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ аз хизмати тарҷумон истифода баранд. Ба муроҷиати маҳкумшудагон ҷавоб ба забоне, ки онҳо муроҷиат кардаанд ва дар сурати имконнопазирии додани ҷавоб бо он забон, бо забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Тарҷумаи ҷавоб ба забони муроҷиатнамудаи маҳкумшуда аз ҷониби муассиса ё мақоми иҷрокунандаи ҷазо таъмин карда мешавад.

Маҳкумшудагон ба ҳифзи саломатӣ, аз ҷумла вобаста ба хулосаи тиббӣ ба гирифтани ёрии ибтидоии тиббиву беҳдорӣ ва махсуси тиббӣ дар шароити амбулаторию дармонгоҳӣ ё беморхонавӣ ҳақ доранд, инчунин аз ҳуқуқи таъминоти моддию маишӣ истифода мебаранд (қ. 5 м. 16 КИҶҶ ҶТ). Маҳкумшудагон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла дар асоси умумӣ ба гирифтани нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд. Барои гирифтани кумаки мукаммали ҳуқуқӣ маҳкумшудагон метавонанд аз хизмати адвокат ва дигар ашхоси дорои чунин ҳуқуқи хизматрасонӣ дошта истифода баранд. Маҳкумшудагон ба мулоқот бо аъзоёни оила, хешовандон, ҳамчунин ба қабул намудани хӯрокворӣ ва дигар маводҳои мавриди ниёз ҳуқуқ доранд. Маҳкумшудагон мутобиқи тартиби пешбининамудаи қонун ба товони зараре, ки ҳангоми иҷрои ҷазо ба онҳо расонида шудааст, ҳуқуқ доранд. Тартиби татбиқи ҳуқуқҳои маҳкумшудагон бо КИҶҶ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад. Ба амалбарории ҳуқуқи маҳкумшудагон набояд қоидаҳои тартиботи дохилиро вайрон кунад, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсонро маҳдуд намояд.

Ҳуқуқи маҳкумшудагон барои ҳифзи саломатӣ, истифодаи забони модарии онҳо ҳангоми додани тавзеҳот, гузаронидани мукотиба ва баррасии аризаҳо, шикоятҳо, ҳуқуқи расонидани ёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқи истифодаи ҳуқуқҳо ва озодиҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ ва фарҳангии инсон ва шаҳрванд ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандоне, ки ҷазои ҷиноятиро адо намекунанд, комилан мувофиқат мекунад.

Аз рӯйи намуди чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқии ҷиноятӣ, маҳдудиятҳои нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ гузошташаванда чораҳое мебошанд, ки бо ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа вобаста намебошанд. Чунин маҳудудиятҳо мумкин аст бевосита бошанд, яъне маҳдудиятҳое, ки тавассути қонун муқаррар шудаанд.

Маҳдудиятҳои бевосита дар ҳукми суд нишон дода мешаванд. Дар робита ба корҳои ислоҳӣ, чунин маҳдудиятҳо муҳлат ва андозаи нигоҳ доштан аз музди меҳнат мебошад.

Маҳдудиятҳои бавосита, маҳдудиятҳое мебошанд, ки бевосита дар қонун муайян нагардидаанд, аммо аз мазмуни ҷазо бармеоянд, масалан ҳуқуқи аз кор бо хоҳиши озод гардидани шахси ба ҷазои корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда бе иҷозати нозироти корҳои ислоҳӣ маҳдуд карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумгардида дар соҳаи меҳнат тамоми ҳуқуқҳоро, ба истисноиҳуқуқҳои дар қонунгузории амалкунанда ва ҳукми суд пешбинишуда доранд. Нисбати маҳкумшудагон ба ҷазои корҳои ислоҳӣ, ҳуқуқҳо ба имтиёзҳои иҷтимоӣ, ба собиқаи корӣ ҳисоб гардидани вақти адои ин намуди ҷазо ва ғайра нигоҳ дошта мешаванд.

Дар баробари ин, тавре амалия нишон медиҳад, унсури вазнинтарини чунин ҳуқуқмаҳдудкунӣ ин маҳрум намудани маҳкумшуда аз ҳуқуқи моликият ба таври нигоҳ доштани аз 10-30 фоизи маблағи музди меҳнат ба ҳисоб меравад.

Дар назарияи қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз рӯйи мақсади муқаррарнамоӣ ҳуқуқмаҳдудкуниҳои сазодиҳӣ ва пешгиринамоии маҳкумшудагонро фарқ менамоянд. Онҳо бо ба зиммаи маҳкумшудагон гузоштани уҳдадориҳои мушаххасе, ки ба ҳуқуқи маҳкумшудагон таъсир мерасонанд, доираи онҳоро маҳдуд мекунанд ё дар давоми муҳлати ҷазо пурра қатъ мекунанд, асоснок мегарданд[231].

Уҳдадориҳое, ки сазо ва мазмуни ҷазоро ифода мекунанд, масалан, нигоҳ доштан аз музди меҳнат, уҳдадории пайдо намудани ҷойи кор ё сабти

[231] Ниг.: Селиверстов В.И. Теоретические проблемы правового положения лиц, отбывающих наказания. – М.: Изд-во Акад. МВД СССР, 1992. – С. 78.

ном дар хадамоти шуғли аҳолӣ ва ғайра барои ҷазо додани маҳкумшуда ва ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо равона гардидаанд.

Уҳдадориҳои пешгирикунанда, ҳарчанд унсурҳои сазодиҳӣ дошта бошанд ҳам, мақсади асосии онҳо ба ислоҳ ва одат кардан ба муҳити иҷтимоӣ равона шудааст. Масалан, уҳдадории ҳозир шудан ҳангоми даъват ба нозироти корҳои ислоҳӣ, хабардор намудани нозирот дар бораи тағйири ҷойи истиқомат; давра ба давра ҳозир шудан барои гузаштан аз қайди нозирот (м. 42 КИҶҶ ҶТ). Уҳдадории бавосита риоя кардани интизоми меҳнат, истеъмол накардани машруботи спиртӣ дар ҷойи кор ва ғайра мебошад.

Корҳои ислоҳӣ, аз ҷиҳати мазмуни маҳдудиятҳои ба ҳуқуқи маҳкумшудагон гузошташаванда ба маҳдуд намудани ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба ихтиёрдории пурраи қобилияти меҳнатии худ, ки дар моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, равона шудаанд. Ғайр аз ин, корҳои ислоҳӣ маҳдуд намудани ҳуқуқи молу мулкии маҳкумшудагон, яъне маҳдуд намудани ҳуқуқи ихтиёрдории музди меҳнат ба андоза ва муҳлати муқарраркардаи ҳукми судро пешбинӣ мекунад.

Ҳуқуқҳои меҳнатии маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ, инчунин тавассути маҳдуд намудани ҳуқуқи онҳо барои тағйир додани ҷойи кор низ маҳдуд мегардад, зеро барои ин розигии нозироти корҳои ислоҳӣ талаб карда мешавад.

Ба соҳаи муносибатҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тамоми субъектҳо, ки маҳкумшуда бо онҳо чунин муносибатҳо дорад дар як вақт ворид мегарданд. Вобаста ба ин, вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ бояд дар ҳамбастагӣ ва дар алоқамандӣ бо вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни дигари муносибатҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, аз ҷумла нозироти корҳои ислоҳӣ, маъмурияти ҷойи кори маҳкумшуда ва дигарон муайян карда шавад.

Барои таъмини пурраи ҳуқуқи маҳкумшудагон ҷиҳати гирифтани маълумот дар бораи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои худ, дар бораи тартиб ва шартҳои адои ҷазои корҳои ислоҳӣ, ки **аз ҷониби суд таъин карда шудааст, муқаррароти қ. 3 м. 8 КИҶҶ ҶТ аҳамияти калон дорад, ки мувофиқи он «ба**

**маҳкумшудагон бояд ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояшон, ки қонунҳо барояшон пешбинӣ намудаанд, дар ҳаҷми пурра тавзеҳ дода барои онҳо дастрас намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки иҷрои ҷазои ҷиноятиро танзим менамоянд, таъмин карда шавад».**

**Вале таҷрибаи нозироти корҳои ислоҳӣ нишон медиҳад, ки маҳкумшудагон ба ҷазои мазкур бо тартиб ва шартҳои адои ҷазо асосан ба таврӣ шифоҳӣ шинос карда мешаванд, ки на ҳама маҳкумшуда қобилияти пурра дарк намудани онро пайдо менамояд. Бинобар ин, бо мақсади таъмини принсипи қонуният, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маҳкумшуда ба мақсад мувофиқ мебуд, агар меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ нисбати ҷазои мушаххаси адокунандаи маҳкумшуда барои шиносӣ ба ӯ ба таври хаттӣ пешниҳод мешуданд.**

**Ба таври хаттӣ пешниҳод шудани чунин маълумот дар бораи тартиб ва шартҳои адои ҷазо, аз ҷумла ҳуқуқ ва озодиҳои маҳкумшуда метавонист ба ҳифзи ҳуқуқу озодӣ, манфиатҳои қонунии ӯ, риояи иҷро ва адои ҷазои мушаххаси ҷиноятӣ мусоидат намояд.**

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ба ҳаёти шахсии маҳкумшудагон камтар рабт дорад. В. Хромих зарурати дар қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ инъикос намудани принсипи ҳадди ақали назорат ва дахолат ба ҳаёти шахсии маҳкумшуда ба ҷазоҳои ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабударо қайд менамояд[232]. Дар маҷмуъ, ин мавқеи муаллифро бо баъзе тағйирот дастгирӣ менамоем. Назорат бояд то ҳаддае амалӣ карда шавад, ки он риояти шартҳои адои ҷазоро таъмин карда тавонад. Дар баробари ин ҳангоми анҷом додани назорат набояд бархилофи қонун мақомоти назоратбаранда беасос ба ҳаёти шахсии маҳкумшуда дахолат намуда, амалӣ гардидани ҳуқуқ ва озодиҳои тавассути ҷазои мушаххас манъкарданашударо халалдор созад.

Маҳкумшуда бояд эҳсос намояд, ки ҷазоро адо мекунад. Ба ин муносибат, Т.Ф. Минязева андешаи худро дуруст баён намуда, қайд

---

[232] Ниг.: Хромых Е.В. Альтернативные лишению свободы уголовные наказания: теория и практика назначения и исполнения: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ростов на Дону, 2005. – С. 9.

менамояд, ки шахсони ба ҷазоҳои ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда маҳкумгардида, бояд маҳдудиятҳои назарраси ҳуқуқҳои худ ва азоби маънавиро аз далели маҳкумшавӣ эҳсос намоянд. Бо роҳи барои категорияи мазкури маҳкумшудагон муқаррар намудани маҳдудиятҳои бевосита дар гузаронидани фароғат ба чунин ҳадаф расидан мумкин аст, аз ҷумла агар муайян намудани номгӯйи ҷойҳое, ки ташрифи онҳо манъ аст, амалӣ гардад[233].

Риояи ҳуқуқҳои маҳкумшудагон ҳангоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ислоҳӣ мушкилоти муҳим мебошад, ки такмили минбаъдаро талаб мекунад.

Ҳамин тавр, вазъи ҳуқуқӣ маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо мебошад, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ муайян карда мешаванд. Чунин фаҳмиши вазъи ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки муносибатҳои, дар ҷараёни аз тарафи маҳкумшуда адо намудани ҷазои корҳои ислоҳӣ бавуҷудоянда ҳаматарафа танзим карда шаванд.

Ҳуқуқҳои маҳкумшудагон, агар онҳо аз ҷониби қонун кафолат дода шуда, аз ҷиҳати сиёсӣ, идеологӣ ва ташкилӣ воқеан мустаҳкам шуда бошанд, ба рушди шахсияти маҳкумшуда ва дар ниҳоят, ба ислоҳшавии ӯ мусоидат менамоянд. Танҳо таъмини расмии имконияти аз тарафи маҳкумшудагон татбиқ гаштани ҳуқуқҳояшон ба таври ҷиддӣ ноил шудан ба мақсадҳои ҷазоро мушкил месозад.

Вобаста ба вазъи ҳуқуқии шахсоне, ки бо ҷазои корҳои ислоҳӣ маҳкум гардидаанд мавқеи Л.Б. Смирнова ва И. Гудзовскийро дастгирӣ менамоем, ки андозаи ҳуқуқмаҳдудкуниҳои ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшудагонро хеле назаррас меҳисобанд. Дар баробари ин ба андешаи онҳо дар меъёрҳои танзимкунандаи ин намуди ҷазо амалан ягон меъёре нест, ки ҳуқуқи маҳкумшудагонро муқаррар кунад. Сарфи назар аз он ки маҳкумшудагоне, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, озодона зиндагӣ мекунанд ва аз бисёр ҳуқуқҳои шаҳрвандони риоякунандаи қонун истифода мебаранд, дар

[233] Ниг.: Минязева Т.Ф. Проблемы правового статуса личности осужденных в Российской Федерации: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2001. – С. 13.

қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ такроран муайян намудани масъалаҳои таъмини ҳуқуқи маҳкумшудагон ва пешбинӣ намудани механизмҳои мушаххаси кафолати ҳуқуқии онҳо ба мувофиқи мақсад мебошад[234].

Ҳамин тавр вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон ба ҷазои корҳоиислоҳиро баррасӣ намуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Мазмуни вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон аз маҷмуи унсурҳои он ба монанди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои махсуси маҳкумшудагон, манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон иборат мебошад,ки аз моҳияти ҷазои мушахасси таъингардида бармеояд. Вобаста ба ин вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ тавассути тартиб ва шароити адои он муайян карда мешавад.

2. Барои таъмини пурраи ҳуқуқи маҳкумшудагон ҷиҳати гирифтани маълумот дар бораи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои худ, дар бораи тартиб ва шартҳои адои ҷазои корҳои ислоҳӣ, ки аз ҷониби суд таъин карда шудааст, муқаррароти қ. 3 м. 8 КИҶҶ ҶТ аҳамияти калон дорад, ки мувофиқи он «ба маҳкумшудагон бояд ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояшон, ки қонунҳо барояшон пешбинӣ намудаанд, дар ҳаҷми пурра тавзеҳ дода барои онҳо дастрас намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки иҷрои ҷазои ҷиноятиро танзим менамоянд, таъмин карда шавад».

3. Таҷрибаи назироти корҳои ислоҳӣ нишон медиҳад, нисбати маҳкумшудагон ба ҷазои мазкур тартиб ва шартҳои адои он одатан дар давраи бақайдгирӣ дар мақомоти мазкур асосан ҳангоми гузаронидани суҳбат тариқи шифоҳӣ фаҳмонда дода мешавад. Вале чунин тарзи фаҳмондадиҳӣ вобаста ба зеҳну фаҳмиши маҳкумшуда на ҳама вақт барои дарки шартҳои адои ҷазо мусоидат менамояд. Бинобар ин, бо мақсади таъмини принсипи қонуният ва ҳар чи бештар риоя шудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маҳкумшуда зарурати ба таври хаттӣ дастрас намудани меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ нисбати ҷазои мушаххаси адокунандаи маҳкумшуда ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

---

[234] Ниг.: Смирнов Л.Б., Гудзовская И.В. Особенности и проблемы регулирования правового статуса осужденных к наказаниям, не связанным с лишением свободы, в уголовно-исполнительном законодательстве / Л.Б. Смирнов, И.В. Гудзовская // Вестник Санкт-Петербургского у-та МВД. – 2007. – №3 (35). – С. 80.

Ба таври хаттӣ пешниҳод шудани чунин маълумот дар бораи тартиб ва шартҳои адои ҷазо, фаҳмиши маҳкумшудагонро дар самти риояи адои ҷазо, доираи ҳуқуқу уҳдадориҳо, манфиатҳои қонунии онҳо пурратар намуда, барои иҷрои босамари ҷазо мусоидат намуда метавонист.

## ХУЛОСА

Хулосаи таҳқиқоти корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он, чунин аҳаммияти назариявӣ доранд:

1. Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ дар амалияи қонунгузории ватанӣ таърихи тӯлонӣ дорад ва ҳамчун чораи муқовимат ба ҷинояткорӣ дар солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ таҳия ва муқаррар карда шудааст [4-М].

2. Корҳои ислоҳӣ дар таърихи ташакулёбии худ ба таври гуногун номгузорӣ мешуд: корҳои маҷбурӣ, корҳои ислоҳи меҳнатӣ, корҳои ислоҳӣ. Он дар давраҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ натанҳо ба сифати ҷазои асосӣ, балки ҳамчун ҷазои иловагӣ низ таъин мегардид.

3. Муқаррарот дар бораи нигоҳдошти аз музди меҳнати маҳкумшуда аввалин бор дар Кодекси ислоҳӣ-меҳнатии ҶШФСР 16 октябри соли 1924 муайян шуда, он андозаи 25%-ро ташкил медод. Минбаъд андозаи чунин нигоҳдорӣ дар қонунгузориҳо тағйир меёфт: то 20% (Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз 25 декабри соли 1958, КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961), аз 20 то 50% (КҶ ҶТ 1998 сол) [4-М].

Рушди минбаъдаи қонунгузорӣ дар самти корҳои ислоҳӣ бо қабули Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз 25 декабри соли 1958 ва дар заминаи он қабул гардидани КҶ ҶШС Тоҷикистон (1961) алоқаманд мебошад, ки ба танзими хусусият, тартиби таъин, иҷро ва адои ҷазои зикршуда тағйироти ҷиддӣ ворид намуд.

4. Корҳои ислоҳӣ асосан вазифаи алтернативаи ҷазои маҳрум сохтан озодиро иҷро менамояд.

5. Кори ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои асосие фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби суд ба маҳкумшудаи ҷои кори асосӣ дошта ва ҳам ҷойи кори асосӣ надошта таъин гардида, он дар ҷойи кори асосии маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақоми иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, вале дар ноҳияи истиқомати маҳкумшуда ба муҳлати бо ҳукми суд муқарраршуда дар доираи

аз ду моҳ то ду сол таъин гардида, аз даҳ то сӣ фоизи музди меҳнати ӯ ба фоидаи давлат нигоҳ дошта мешавад.

6. Моҳияти корҳои ислоҳӣ, ҳамчун ҷазое, ки бо ҷудо кардани маҳкумшуда аз ҷомеа алоқаманд нест, дар маҳдуд кардани ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва молумулкии маҳкумшуда тавассути нигоҳ доштани маблағи муайян ба манфиати давлат, манъи аз кор озод кардан бо хоҳиши худ, маҳдуд кардани ҳуқуқи иваз кардани ҷои истиқомат, ҳуқуқи рухсатӣ ва муқаррар кардани доғи судӣ ифода мегардад.

7. Ҳуқуқмаҳдудкуниҳои мазмуни корҳои ислоҳиро ташкилкунандаро ба ду гуруҳ ҷудо намуд: 1) маҳдудиятҳои дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ; 2) маҳдудиятҳои дар қонунгузории иҷрои ҷазои ҷазои ҷиноятии ҶТ муқарраршуда.

8. Корҳои ислоҳӣ бо фаъолияти ҳатмии меҳнатии маҳкумшуда алоқаманд мебошад. Ба хусус маҷбурӣ будани меҳнат ҳангоми таъини ҷазои мазкур ба шахсоне, ки дар ҷойҳои дигаре, ки мақоми иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, ба кор ҷалб мешаванд, аён мегардад. Агар нисбати шахсони дигар меҳнат кардан, интихоби касбу кор ҳуқуқи онҳо бошад (м. 35 Конститутсияи ҶТ) пас нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ он ба уҳдодорӣ табдил меёбад.

Аммо маҷбурӣ будани меҳнати маҳкумшудагон ба ҷазои корҳои ислоҳӣ, ки дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки меҳнати маҷбуриро манъ менамоянд, мухолифат наменамояд.

9. Пешниҳод намудани рухсатӣ ба шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон аз руйи асосҳои умумӣ мутобиқи қонунгузориҳои меҳнатии ҷумҳуриҳои мазкур ҳал мегардад, яъне муҳлати он тибқи қонунгузории меҳнат муқаррар карда шудааст, ки ин ба раванди гуманизатсияи истифодаи ҷазои корҳои ислоҳӣ комилан мувофиқ аст.

Назар ба қонунгузории меҳнат дар КИҶҶ ҶТ пешбинӣ шудани муҳлати камтари рухсатӣ ҳуқуқмаҳдудкуние ба ҳисоб меравад, ки ба мазмуни

сазодиҳии ҷазои корҳои ислоҳӣ дохил намешавад ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ наметавонад мустақилона ҳуқуқмаҳдудкуниҳои хусусияти сазодиҳӣ доштаро муқарррар созад [5-М].

10. Шартҳои адои корҳои ислоҳиро шартан ба асосӣ ва иловагӣ ҷудо намудан мумкин аст. Ба шартҳои асосӣ он ҳолатҳое дохил мешаванд, ки нисбати ҳар як маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ муқаррар шудаанд. Ба шартҳои иловагӣ дохил мешаванд, шартҳое, ки на ҳама вақт ҷой доранд ва бо сифати иҷрои ҷазо аз ҷониби маҳкумшудагони алоҳида ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ вобастагӣ доранд.

11. Вазъи ҳуқуқии маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ ин тавассути меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ мустаҳакам гардидани маҷмуи ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ ва уҳдадориҳои маҳкумшуда вобаста ба ҷазои адокардаистодаи ӯ ба ҳисоб меравад.

Мазмуни мақоми ҳуқуқии маҳкумшудагон аз маҷмуи унсурҳои он иборат аст, ба монанди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои махсуси маҳкумшудагон, манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон, ки аз моҳияти ҷазои таъиншуда бармеоянд. Дар робита ба ин, мақоми ҳуқуқии маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ аз рӯйи тартиб ва шартҳои адои онҳо муайян карда мешавад [6-М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Бо назардошти таҷрибаи КИҶ Қирғизистон ва Украина дар самти иҷрои ҷазо лозим шуморида мешавад, ки дар номгуйи қ. 1 м. 47 КИҶҶ ҶТ банди алоҳида дар намуди «иҷро накардани уҳдадориҳои барои маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ муқарраршуда» дохил карда шавад ё бандҳои алоҳидаи дарбаргирандаи ҳама ҳолатҳои иҷро накардани уҳдадориҳои ба зиммаи маҳкумшудагон ба ҷазои мазкур илова карда шаванд [7-М].

2. Ҳолатҳои вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ ё амнияти ҷамъиятӣ, ки боиси ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан гардидааст, ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, агар ҳамчун вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ эътироф шуда (КИҶ Украина), дар қ. 1 м. 47 КИҶҶ ҶТ муқаррар шавад [7-М].

3. Мухлати адои ҷазо, ки дар як қатор давлатҳои пасошуравӣ (Ҷумҳурии Озарбойҷон, Беларус) муқаррар шудааст, манфиати қонунии маҳкумшудагонро ба корҳои ислоҳӣ ҳимоя мекунад. Аз ин рӯ, муқаррар кардани муҳлатҳо дар КИҶҶ ҶТ мақсаднок ба назар мерасад [7-М].

4. КИҶҶ ҶТ муҳлати 10 рӯзаро барои аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ ҳал намудани масъалаҳои ташкиливу ҳуқуқии бо ҷалб намудани маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳиро муқаррар намудааст (қ. 2 м. 39 КИҶҶ ҶТ). Аммо чи тавре таҷриба нишон медиҳад муҳлати мазкур барои бо меҳнат таъмин намудани маҳкумшудагони ҷойи кори асосӣ надошта кофӣ намебошад. Бинобар ин пешниҳод мешавад, ки қ. 2 м. 39 КИҶҶ ҶТ бо таҳрири зайл ифода карда шавад: ҳукмҳо дар мавриди корҳои ислоҳӣ дар муҳлати на дертар аз сӣ рӯз аз рӯзи ба нозироти корҳои ислоҳӣ расидани фармоиши дахлдори суд бо нусхаи ҳукм (таъинот, қарор) иҷро карда мешаванд.

